

**Ассотсиатсияи Миллии**
**Сиёсатшиносони Тоҷикистон (АМСТ)**

# *Танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иштироки занон дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон*

**National Association Of Political Scientists Of Tajikistan**

**Ассотсиатсияи Миллии**
**Сиёсатшиносони Тоҷикистон (АМСТ)**

# *Танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иштироки занон дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон*

**Муаллифон: номзади илмҳои сиёсатшиносӣ Абдуғанӣ Мамадазимов**
**ва номзади илмҳои фалсафа Алла Куватова**

**Душанбе – ноябри 2011**

National Association Of
Political Scientists Of
Tajikistan

Нашрия бо дастгирии Дафтари институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон ДИДҲИ/САҲА ба чоп расидааст. Фикру мулоҳизаҳо ва маълумоти дар нашрияи мазкур овардашуда баёнгари ҳатмии принсип ва мавқеи ДИДҲИ намебошад.

ISBN 978-92-9234-813-7

@ АМСТ, САҲА/ДИДҲИ 2011

Ҳамаи ҳуқуқҳо маҳфуз нигоҳ дошта мешаванд. Мундариҷаи чопи мазкурро бо мақсади таълим ва ҳадафҳои ғайритиҷоратӣ озодона истифода ва нусхабардорӣ кардан мумкин аст, ба шарте ки дар нашри минбаъдаи он АМСТ ва САҲА/ДИДҲИ ҳамчун сарчашма эътироф шаванд.

# Мундарича

**Сарсухан 4**

**Муқаддима 7**

**Қисми 1:**
**Танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон 14**

1. Асосҳои меъёрӣ 15
2. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун созмон 24
3. Ҳизбҳои сиёсӣ дар интихобот 34
4. Маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ 45

**Қисми 2:**
**Иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ 55**

1. Асосҳои меъёрию ҳуқуқии байналмилалӣ ва шароити миллӣ барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои сиёсии занон 56
2. Иштироки занон дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ 64
3. Иштироки занон дар интихоботи парлумонии солҳои 2000, 2005 ва 2010 69

**Қисми 3:**
**Тавсияҳо ва адабиёт 81**

**Замима:**
**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**«Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» (1998) 87**

# Сарсухан

Ҳизбҳои сиёсии тавоно, мустақил ва ба интихобкунандагон ҳисоботдиҳанда мусоидат мекунанд, ки дар ҷомеа субот ва идоракунии хуб таъмин бошад. Ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд аз тариқи баҳсу мунозираҳо ва рақобат барои ноил гаштан ва ҳифзи намояндагии муассир ва иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ мусоидат намоянд. Тибқи меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалӣ дар доираи демократияи намояндагӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ нақши муҳим - мусоидат ба шаҳрвандон барои ифодаи фикру ақида, манфиат ва нуқтаи назарашон ба ҳукумат дода мешавад. Ҳамин фаҳмиши нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар ӯҳдадориҳое, ки бист сол пеш Конферентсия оид ба Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (КАҲА) дар *Хартияи Париж барои Аврупои нав* ва *Санади Копенгаген оид ба абъоди инсонии (человеческое измерение) КАҲА* қабул карда буд, инъикос ёфтааст.

*Хартияи* Париж, ки соли 1990 аз тарафи давлатҳои иштироккунандаи САҲА ба имзо расида буд, эълом дошт, ки «демократия бо хусусияти намояндагӣ ва плюралистии худ ҳисоботдиҳанда будан дар назди интихобкунандагонро дар назар дорад» ва бо ҳамин як қатор вазифаҳои муҳимми ҳизбҳои сиёсиро таъкид кард. Дар Санади Копенгаген давлатҳои иштироккунанда «зарурати плюрализмро нисбат ба ҳизбҳои сиёсӣ» (моддаи 3) якдилона эътироф карданд ва тарафдории худро аз «демократияи устувор бо доираи васеи институтҳои демократӣ» (моддаи 26) изҳор намуданд. Ҳамчунин дар ин модда давлатҳои иштироккунанда ишора карданд, ки онҳо тавассути мубодилаи иттилоот ва ҳамкорӣ дар "ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ ва нақши онҳо дар ҷомеаи плюралистӣ" ба ин мақсад ноил хоҳанд гашт.

Дар ҳамин замина Дафтари институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон (ДИДҲИ)-и САҲА дар Барномаи демократикунонии худ аҳамияти ҳизбҳои сиёсиро ҳамчун механизми асосӣ дар амалӣ намудани ҳамаи ӯҳдадориҳои САҲА дар масъалаи абъоди инсонии амният таъкид менамояд. Ҳизбҳои сиёсӣ платформаи дастаҷамъонаи татбиқи ҳуқуқҳои аслии фардӣ барои озодии иттиҳодияҳо ва ифодаи афкор мебошанд ва ба таври васеъ ҳамчун василаи намояндагии сиёсӣ ва иштироки шаҳрвандон истифода бурда мешаванд. Онҳо ҳамчунин огоҳии интихобкунандагонро таъмин мекунанд ва ба ҳамин васила ба ҳукуматҳо кӯмак

мерасонанд, ки ба талаботи ҷомеа беҳтар ҷавоб диҳанд ва онро дар пешбурди сиёсат ва қабули қарорҳояшон инъикос намоянд. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчунин барои таҳкими идоракунии демократӣ мусоидат мекунанд, зеро ки ҳамчун восита миёни шохаҳои иҷроия ва қонунгузории давлат хизмат мекунанд. Санадҳои қонунгузорӣ ва дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро танзим мекунанд, набояд озодии иттиҳодияҳоро маҳдуд намоянд; бояд ҳимояи ҳуқуқии ҳизбҳоро, ки таҷассумгари ҳуқуқҳои шахсӣ барои ташкили озодонаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мебошанд, таъмин намоянд. Аммо бо назардошти он, ки нақши ҳизбҳо дар раванди сиёсӣ беҳамто ва фавқулодда муҳим аст, ба таври умум эътироф шудааст, ки давлатҳо фаъолияти онҳоро то андозае, ки лозим аст, барои таъмини идоракунии демократии муассир, намояндагӣ ва одилона ба танзим дароранд. Қонунгузорӣ дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ дар кишварҳои қаламрави САҲА ба куллӣ фарқ мекунад: кишварҳое ҳастанд, ки қонунгузории махсус дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ надоранд (дар ин маврид фаъолияти ҳизбҳо дар доираи қонунҳои умумӣ дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба танзим даровара мешавад), дар дигар кишварҳо муқаррарот дар бораи фаъолияти ҳизбҳо қисмати як қатор қонунҳо (аз ҷумла, қонунҳои махсус дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ, сарқонун, қонунҳои умумии интихобот ва ҳамчунин қонунҳое, ки ба васоити ахбори омма ва маблағгузории ҳизбҳо дахл доранд) мебошад. Ислоҳоти қонунгузорӣ дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ унсури ягонаи инкишофи умумии ҳизбҳои сиёсӣ ва таҳкими плюрализм ба шумор намеравад. Бо вуҷуди ин тағйири қонунгузорӣ дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ қисме аз тадбирҳои васеъ барои инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ ва низоми бисёрҳизбии боэътимод мебошад.

Дар давоми солҳои 2010-2011 ДИДҲИ дар таҳкими равандҳои демократӣ дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон мусоидат намуд. ДИДҲИ муносибатҳои аслии байни ҳизбҳои сиёсӣ ва институтҳои демократии дар ҳоли инкишоф бударо дар Тоҷикистон эътироф кард. Бо ин мақсад ДИДҲИ лоиҳаеро барои баланд бардоштани иқтидори марказҳои таҳлилии институтҳои тадқиқотии Тоҷикистон доир ба қонунгузорӣ дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ маблағгузорӣ намуд. ДИДҲИ ҳамчунин эътироф намуд, ки баррасии мақсадноки ҳалли мушкилоти марбут ба таҳкими плюрализми сиёсӣ бояд қонунгузорӣ ва меъёрҳои ҳуқуқиеро, ки фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро дар Тоҷикистон муайян мекунанд, фаро гирад.

ДИДҲИ қарор кард, ки бо яке аз марказҳои таҳлилии Тоҷикистон – *Ассотсиатсияи миллии сиёсатшиносони Тоҷикистон (АМСТ)* ҳамкорӣ намояд. Дар натиҷаи ин ҳамкорӣ имконот, методология ва нуфузи ДИДҲИ бо истеъдоди таҳлилкунӣ, дониш ва таҷрибаи коршиносони маҳаллӣ муттаҳид карда шуд. Дар рафти тадқиқот ва корҳои таҳририи кормандони АМСТ аз саволномаи махсусе, ки дар раванди таҳияи *Роҳнамо оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ аз соли 2010* аз тарафи САҲА/ДИДҲИ-Комиссияи Венетсия омода шудааст, истифода намуданд. Саволномаи мазкур асоси гузаронидани тадқиқоти таҳлилии АМСТ оид ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ гардид.

Соли 2010 АМСТ дар масъалаи муколимаи сиёсӣ дар Тоҷикистони асри 21 бо коршиносони шинохта машварату муҳокимаҳо доир намуд. Моҳи декабри соли 2010 дар шаҳри Душанбе дар сатҳи баланд бо иштироки фаъолон, коршиносон, олимони ҳуқуқшинос, вакилони парлумон, вазирон ва намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ, инчунин сарпарастони байналмилалӣ ва созмонҳои манфиатдор бо мақсади муҳокимаи лоиҳаи Ҳисоботи мазкур семинар баргузор гардид. Семинар имконияти нави ҳамкориро бо коршиносоне, ки ДИДҲИ дар доираи барномаҳои гузашта ва ҳамзамон амалкунандаи худ дар солҳои 2010 ва 2011 дар Молдова, Украина ва Озарбойҷон ба кор ҷалб карда буд, фароҳам овард. Ҳамчунин муҳокимаи фикру мулоҳизаҳо ва тавзеҳоти коршиносонро аз Русия низ ба эътибор гирифт. Ҳамин тавр, иштирокчиёни семинари Душанбе тавонистанд, ки норасоиҳои мавҷударо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ муҳокима кунанд ва тавсияҳои худро оид ба ислоҳоти лозима пешниҳод намоянд.

Дар натиҷа ҳисоботи «*Танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иштироки занон дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон*» омода гардид. Ин Ҳисобот таҳлили амиқи масъалаҳоеро, ки хоси қонунгузории Тоҷикистон дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ мебошанд, дар бар мегирад. Дар оянда дар натиҷаи машваратҳо Ҳисобот метавонад ҳамчун барномаи ислоҳот, ки ба стандартҳои байналмилалӣ ва САҲА асос ёфтааст, барои қонунгузорон ва сиёсатмадорони Тоҷикистон, инчунин ҳамкорон ва сарпарастони байналмилалӣ муфид бошад.

Тавре аз ҳисобот бармеояд, нашри он бе кӯшишу ғайрат ва таҷрибаи АМСТ, кормандон ва хусусан директори он номзади илмҳои сиёсатшиносӣ Абдуғанӣ Мамадазимов ва ҳаммуаллиф, коршинос, номзади илмҳои фалсафа Алла Куватова имконнопазир буд. Ҳамчунин мехоҳам ба машваратчӣ ва ҳамоҳангсози ДИДҲИ дар Тоҷикистон Фарангиз Азизова изҳори миннатдорӣ намоям. Дар омода намудани Ҳисоботи мазкур олимон Сайфулло Сафаров, Ашӯрбой Имомов, Александр Кынев, Лейла Алиева, Юсуф Маҳмадов ва Денис Ковриженко кӯмаки беандоза намуданд. ДИДҲИ миннатдории худро ба Дафтари САҲА дар Тоҷикистон барои кӯмаку дастгирӣ ва кӯшиши доимиаш дар таҳкими муколимаи сиёсӣ дар ин кишвар баён мекунад.

Томас Веннен
*роҳбари Департаменти демократикунонӣ,*
*ДИДҲИ/САҲА*
Варшава, октябри 2011

# Муқаддима

Пешрафти низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон пеш аз ба даст овардани истиқлолият ва соҳибихтиёрии кишвар сар шуда буд. Он бо барҳам додани моддаи 6 Конститутсияи (Сарқонуни) ИҶШС дар бораи «нақши роҳбарикунанда ва пешбарандаи Ҳизби коммунистии ИҶШС» оғоз гардид. Ҳизбҳои сиёсии нав дар баробари фаъолияти Ҳизби коммунистӣ ташкил шуданд. Ҳизби демократии Тоҷикистон (ҲДТ) 10 августи соли 1990 ташкил ёфт. Ҳизби динӣ, Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (ҲНИТ) 27 октябри соли 1990 ташкил гардид. Як қатор созмонҳои ҷамъиятии хусусияти сиёсидошта, дар сатҳи ҷумҳуриявӣ (аз қабили «Растохез») ва маҳаллӣ («Лаъли Бадахшон», «Ошкоро» ва «Ваҳдат») ба вуҷуд омаданд.

Вале ба инкишофи низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон вуҷуд надоштани фарҳанги сиёсии плюралистӣ ва худшиносии миллӣ, ки ихтилофи байни ду ҳизби асосии сиёсиро, ки ҳар ду идеологияи аз манфиати миллат болоро дастгирӣ мекарданд (коммунизм ва ислом), тезутунд мекард, монеъ мешуд. Ихтилофи сиёсӣ ба саршавии ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонд ва боиси манъ гаштани фаъолияти ду ҳизби намоён: ҲДТ ва ҲНИТ гардид. Ҳардуи ин ҳизбҳо тарафдорони фаъоли Иттиҳоди нерӯҳои оппозисиони тоҷик (ИНОТ) буданд. ИНОТ якчанд ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои зиддиҳукуматиро муттаҳид мекард. Созмон ёфтани ИНОТ ва дастаҳои мусаллаҳи он ба шуури ҷамъиятӣ таъсири манфии худро расонд. «Оппозисион» дар ҷомеаи тоҷик на ҳамчун унсури мусбати идоракунии демократӣ, балки, пеш аз ҳама, ҳамчун қувваи харобкунанда фаҳмида мешавад. Мафҳуми «оппозисион» то ҳол дар тасаввури тоҷики оддӣ ба задухӯрди мусаллаҳона алоқаманд мебошад.

Дар давоми ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 лоиҳаи Сарқонуни нав навишта шуд ва баъди раъйпурсии умумихалқӣ дар соли 1994 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Сарқонуни нав давлатдории тоҷиконро аз парокандашавии минбаъда эмин дошт, арзишҳои демократиро ба ҷомеа пешкаш кард ва ҳамчунин ба таҳкими раванди марказикунонӣ дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷумҳурӣ мусоидат намуд. Ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар байни ҳукумат ва ИНОТ 27 июни соли 1997 рақобати

идеологӣ ва сиёсии байни ҳизбҳои сиёсиро ба сатҳи нави сиёсати Тоҷикистон– ба сатҳи рақобати парлумонӣ баровард. Ба ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ минбаъд зарур буд, ки аз дастаҳои мусаллаҳи худ даст кашанд, аз қайди давлатӣ гузаранд ва дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии кишвар иштирок намоянд. ҲНИТ ва ҲДТ-ро аз нав дар Вазорати адлия ба қайд гирифтанд, гурӯҳҳои мусаллаҳи онҳо ба Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон шомил карда шуданд.

Ҳамзамон, Комиссияи оштии миллии навтаъсис, ки аз намояндагони баробари ҳукумат ва собиқ ИНОТ ташкил ёфта буд Консепсияи барқароркунии баъдиҷангӣ ва тараққиёти Тоҷикистонро омода намуд. Комиссия ҳамчунин муқаррароти умумии Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» омода кард. Дар рафти омода намудани лоиҳаи Қонун масъалаи ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии хусусияти динӣ дошта додан ё надодани мақоми ҳизби сиёсӣ мавзӯи асосии баҳс буд. Баҳсу мунозираҳои тулонӣ дар ин мавзӯъ раванди тараққиёти баъдиҷангии кишварро ба қафо мекашид. Аз ин сабаб қарор қабул карда шуд, ки Қонун «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» (1998) фаъолияти ҲНИТ-ро дар баробари дигар ҳизбҳои сиёсии дунявӣ иҷозат медиҳад. Ба вуҷуд овардани асоси қонунӣ ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсии динӣ намунаи ҳамзистӣ ва ҳамкории байни ҳизбҳои сиёсии мухталиф ва баъзан ба ҳам мухолиф дар қаламрави собиқ кишварҳои шӯравӣ гардид. Дар ҳоли ҳозир Тоҷикистон ягона кишвари собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мебошад, ки дар он ҳизби сиёсии исломӣ (яъне динӣ) ба таври қонунӣ фаъолият мекунад ва дар раванди сиёсии кишвар иштирок менамояд. Умуман, ба ҷараёни инкишофи низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, музокироти сулҳ ва набудани тараққиёти баъдиҷангӣ таъсири калон расонд. Ин омилҳо ҳамчунин ба ташаккул ёфтани низоми ҳуқуқӣ дар умум ва бахусус қонунгузорӣ дар бораи ҳаёти сиёсии кишвар таъсир гузоштанд.

Таъсис ва фаъолияти Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон барои инкишофи минбаъдаи ҳизбҳои сиёсӣ ва қонунгузорӣ дар бораи ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон бамаврид ва муҳим буд. 9 марти соли 1996 Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон ба имзо расид, ки онро аз як тараф Президенти ҷумҳурӣ ва роҳбари Парлумони миллӣ ва аз тарафи дигар роҳбарони 30 ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои миллию фарҳангӣ, иттифоқҳои эҷодию динӣ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ имзо карданд. Баъд аз як моҳи ба имзо расидани Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон, 9 апрели соли 1996 ҳангоме ки шумораи созмонҳои ҷамъиятӣ, ҳаракатҳои иҷтимоию сиёсии аъзои он ба 50 расид, механизми иҷрои принсипҳои Аҳдномаи мазкур, яъне Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Асоси фаъолияти онро «Низомнома дар бораи Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ташкил дод. Ҳамин тавр бо бастани Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон идеяи оштии миллӣ ба як ҳаракати умумихалқии миллӣ мубаддал гардид. Дар байни созмонҳое, ки Аҳдномаи ризоияти ҷомеаро ба имзо расонданд ва дар фаъолияти Шӯрои ҷамъиятӣ иштирок мекарданд, се ҳизби сиёсӣ буданд: Ҳизби коммунистии Тоҷикистон (ҲКТ), Ҳизби халқии Тоҷикистон (соли 1999 ба Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон (ҲХДТ) мубаддал гардид) ва платформаи дар

Алмаато будаи Ҳизби демократии Тоҷикистон (ҲДТ) (платформаи дигари Ҳизби демократӣ–платформаи Теҳрон ҳамон замон узви ИНОТ буд ва роҳбарони ҳизб дар пойтахти Эрон ҷой доштанд).

Шӯрои ҷамъиятӣ мақоми намояндагӣ, коршиносию машваратӣ ва ҳамоҳангсозӣ буда, иштироккунандагони Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистонро муттаҳид менамояд ва дар асоси Сарқонун ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишномаҳои байналмилалие, ки аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, Аҳдномаи мазкур ва Низомнома дар бораи Шӯрои ҷамъиятӣ дар ҶТ амал мекунад. Шӯрои ҷамъиятӣ аз рӯзи аввали фаъолияташ ба раванди гуфтушуниди байни тоҷикон ҷалб карда шуда буд. Пеш аз ҳар як даври гуфтушуниди байни тоҷикон намояндагони ҳукумат бо аъзои Шӯрои ҷамъиятӣ вохӯрӣ барпо мекарданд ё ҷаласаҳо доир менамуданд, ки дар он мавқеи ҳукуматро дар гуфтушунидҳо ба муҳокимаи умум пешниҳод мекарданд ва баъд аз ҳар даври он аъзои Шӯрои ҷамъиятиро аз натиҷаҳои он бохабар месохтанд. Масалан, 18 сентябри соли 1996 дар ҷаласаи навбатии худ Шӯрои ҷамъиятӣ ҳисоботи муовини вазири амният Б. Абдуллоевро оид ба «Натиҷаҳои даври гуфтушуниди байни тоҷикон дар Ашқобод ва чораҳои амалии иҷрои он» шунида муҳокима намуд. Иштирокчиёни ҷаласа инчунин лоиҳаи «Принсипҳои умумии ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон»-ро, ки аз тарафи гурӯҳи ташаббускор пешниҳод гардида буд, тасдиқ карданд ва қарор дода шуд, ки барои омода намудани матни ниҳоии он гурӯҳи корӣ таъсис дода шавад. Ин лоиҳа барои муҳокимаи умумихалқӣ дар нашрияҳои ҷумҳуриявӣ чоп карда шуд.

23 июни соли 1997 (чор рӯз пеш аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ) «Принсипҳои умумии ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон» дар ҷаласаи Шӯрои ҷамъиятӣ бо иштироки Президенти ҶТ қабул карда шуд. Муттаҳидии қувваҳои иҷтимоӣ ва талоши онҳо барои расидан ба сулҳ ва ваҳдати миллӣ, бешубҳа, раванди ба даст овардани сулҳ ва истиқрорро дар ҷомеаи тоҷикон тезонид. Дар солҳои аввали барқароркунии баъдиҷангии мамлакат аъзои Шӯрои ҷамъиятӣ дар муҳокимаи як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки барои тезонидани раванди истиқрори сулҳ равона карда шуда буданд, фаъолона иштирок намуданд. Ҳамин тавр Шӯрои ҷамъиятӣ дар муҳокима ва қабули қонунҳои зерин: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», иловаҳо ба Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ фаъолона иштирок кард.

11 марти соли 1999 дар ҷашни сеюмин солгарди Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон Президент Эмомалӣ Раҳмон дар назди аъзои Шӯрои ҷамъиятӣ дар бораи «Рафти иҷрои Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон» гузориш дод. Дар рафти тайёрӣ ба ин ҷаласаи Шӯрои ҷамъиятӣ гурӯҳи корӣ тамдид кардани мӯҳлати

Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистонро барои се соли дигар пешниҳод намуд. Ин пешниҳод аз ҷониби дигар аъзои Шӯро, аз ҷумла Президенти Тоҷикистон, дастгирӣ карда шуд. Ҳамин тавр мақоми муваққатии машваратӣ, ки барои ҳар чи зудтар ба даст овардани истиқрори сулҳ ва ризоият дар ҷомеа ташкил карда шуда буд, барҳам дода нашуда, балки ба майдони ҳамкории иҷтимоии байни ҳукумат ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, муттаҳидсозии созмонҳои ҷамъиятӣ ва таҳкими ҳамкории байни ҳизбҳо мубаддал гашт. 4 июни соли 1999 бо пешниҳоди роҳбарони ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятиву сиёсӣ-аъзои Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон маҳфили доимоамалкунандаи «Ҳамкории сиёсӣ» ташкил карда шуд. Мавзӯи мизи мудавваре, ки аввалин маротиба ин маҳфил доир намуд, «Ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо ва раванди сиёсӣ дар Тоҷикистон» буд. Дар муҳокима роҳбарони Ҳизби халқӣ-демократӣ, Ҳизби коммунистӣ, Ҳизби «Адолатхоҳ» (ҳоло фаъолият намекунад), Ҳизби сотсиалистӣ, Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, Анҷумани ваҳдати миллӣ (ҳоло фаъолият намекунад), Ҷунбиши миллии Тоҷикистон (ҳоло фаъолият намекунад) фикру ақидаҳои худро доир ба ҷиҳатҳои гуногуни ҳамкории иҷтимоӣ дар мамлакат баён карданд.

Маҳфили «Ҳамкории сиёсӣ» 1 сентябри соли 2000 боз як мизи мудавварро дар мавзӯи «Ҳизбҳои сиёсӣ ва мушкилоти ҳозираи мустақилияти давлатӣ» доир кард, ки дар он роҳбарони ҳизбҳои сиёсӣ, намояндагони ҳукумат ва сиёсатшиносон иштирок намуданд. Ба ҳайати Шӯрои ҷамъиятӣ ҳамроҳ намудани намояндагони ҳизбҳои сиёсие, ки қаблан аъзои Иттиҳоди нерӯҳои оппозисиони тоҷик (ИНОТ) буданд, ба монанди Ҳизби демократии Тоҷикистон (ҲДТ) (дар моҳи феврали соли 2001) ва Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (ҲНИТ) (дар моҳи марти соли 2002) ба мақому манзалати ин форуми шаҳрвандӣ таҳким бахшида, онро ба платформаи ҷамъиятии ҳамкории миёни ҳокимият ва ҷомеа табдил дод. 9 марти соли 2001 дар маҷмааи давлатии «Кохи Ваҳдат» мизи мудаввар дар мавзӯи «Панҷ соли Аҳдномаи ризоияти ҷомеа: мушкилот ва дурнамои он» доир гардид. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар бораи натиҷаҳои панҷсолаи фаъолияти Шӯрои ҷамъиятӣ ва нақшаҳои ояндаи он суханронӣ намуд.

Дар доираи фаъолияти Шӯрои ҷамъиятӣ аъзои алоҳидаи он ҳамчунин ба масъалаи таҳкими ҳамкории иҷтимоӣ ва ҳамдастии байни ҳизбҳо машғул гардиданд. Ассотсиатсияи миллии сиёсатшиносони Тоҷикистон (АМСТ) аз соли 1999 инҷониб чорабиниҳои таҳлилию мубоҳисавӣ дар мавзӯҳои «Ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсии Тоҷикистон», «Ҷомеаи шаҳрвандӣ» ва «Маҳфили мубоҳисоти сиёсӣ» мегузаронад, ки барои мусоидат намудан дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври умум ва бахусус ба инкишофи низоми бисёрҳизбӣ ва ҳамкории байни ҳизбҳо равона карда шудаанд.

11 марти соли 2002 ҷаласаи навбатии Шӯрои ҷамъиятӣ таҳти раёсати Президент баргузор гардид ва ӯ дар бораи «Рафти иҷрои Аҳдномаи ризоияти ҷомеа ва дурнамои он» маърӯза намуд. Аъзои Шӯрои ҷамъиятӣ матни нави Аҳдномаи ризоияти ҷомиаи Точикистонро пешниҳод карданд, ки мазмуни он ба давраи

нави инкишофи ҷомеаи Тоҷикистон мувофиқат мекард. Матни нави Аҳдномаи ризоияти ҷомеа аз тарафи роҳбарони беш аз 70 созмонҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳамаи ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон, ки дар Вазорати адлия ба қайд гирифта шуда буданд, ба имзо расид. Аҳдномаи ризоияти ҷомеа бемӯҳлат тамдид карда шуд. Аҳдномаи ризоияти ҷомеа ва Шӯрои ҷамъиятӣ, ки дар асоси принсипҳои он амал мекард, дар зиёда аз шаш соли фаъолияти худ сазовори обрӯи баланд ва эътирофи ҷомеаи Тоҷикистон ва созмонҳои байналмилалии муқими кишвар гардид. Мисоли равшани он суханронии Котиби Генералии СММ Кофи Аннан ҳангоми сафари расмии ӯ ба Тоҷикистон, 21 октябри соли 2002 дар назди аъзои Шӯрои ҷамъиятӣ буд. 16 декабри соли 2005 раиси Маҷлиси миллӣ (палатаи болоӣ) Маҳмадсаид Убайдуллоев дар бораи «Раванди демократикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар назди аъзои Шӯрои ҷамъиятӣ суханронӣ кард. 17 феврали соли 2006 раиси Маҷлиси намояндагон (палатаи поёнӣ) Сайдулло Хайруллоев дар бораи «Ташаккули парламентаризм дар солҳои истиқлолияти Тоҷикистон» дар назди аъзои Шӯрои ҷамъиятӣ баромад намуд.

Вале натиҷаҳои охирини интихоботи парлумонӣ (феврали 2010) ба фаъолияти Шӯрои ҷамъиятӣ бетаъсир намонд. ҲНИТ аз натиҷаҳои интихобот изҳори норозигӣ карда, аз ҳайати Шӯрои ҷамъиятӣ баромад, ҲДТ бошад узвияти худро дар он қатъ намуд. Ин ҳолат ба фаъолияти Шӯрои ҷамъиятӣ, ки дар давоми солҳои охир суст шуда буд, таъсири манфӣ расонд. Дар вазъияти баамаломада расонаҳои хабарии мустақил ба платформаи муҳими ҷамъиятӣ барои мубодилаи озодонаи афкор дар байни қувваҳои гуногуни ҷамъиятию сиёсии кишвар мубаддал мегарданд. Шояд баҳои додаи доктор Кароматулло Олимов ба ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон дар соли 2006, ҳоло аз нав дида баромада шавад. Дар он вақт, ӯ гуфта буд, ки «ҳамкории ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ дар доираи Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле васъат ёфтааст».[1] Аммо мисли пештара таъкиди дигари доктор Олимов дар бораи муҳим будани зарурати инкишофи «ҳамкории мақомоти ҳукуматӣ бо ҳизбҳои сиёсӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ»[2] дуруст қайд гардидааст.

Алҳол Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон (*Маҷлиси Олӣ*) аз ду палата: палатаи поёнӣ-*Маҷлиси намояндагон* ва палатаи болоӣ-*Маҷлиси миллӣ* иборат аст. Интихоботи парлумонӣ бо низоми омехтаи интихоботӣ гузаронида мешавад. Палатаи поёнии Парлумон аз 63 вакил иборат аст, 22 нафари онҳо аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ мутаносибан ба шумораи овозҳое, ки ба рӯйхати пӯшида дода шудаанд, интихоб карда мешаванд. Боқимонда 41 нафари вакилон аз ҳавзаҳои якмандатӣ бо низоми мажоритарӣ бо гузаштани монеаи 5-фоиза, интихоб карда мешаванд. Палатаи болоии Парлумон аз 33 вакил иборат аст, 25 нафар дар асоси намояндагии манфиатҳои минтақавӣ интихоб мешаванд ва 8 нафари онҳо аз

---

1 Ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Политические партии Республики Таджикистан. Political Parties of the Republic of Tajikistan,-САҲА, Душанбе, 2006, саҳ.7.

2 Дар ҳамон ҷо, саҳ.7

тарафи Президент таъин карда мешаванд, ба ғайр аз он ҳар Президенти собиқи Тоҷикистон узви якумраи Маҷлиси миллӣ мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бори аввал 6 ноябри соли 1994 интихоб шуд. Президент ба тарзи овоздиҳии мустақим барои 7 сол барои ду мӯҳлат интихоб карда мешавад. Номзаде Президент интихобшуда ҳисоб меёбад, ки ба тарафдории ӯ дар даври аввали интихобот бештар аз 50 фоизи интихобкунандагони ширкатварзида овоз дода бошанд. Президент ба бештар аз ду мӯҳлати пай дар пай интихоб шуда наметавонад, вале бо сабаби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Сарқонун дар соли 2003, ба мӯҳлати дуюм интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2006 ҳамчун мӯҳлати якуми президентӣ ба ҳисоб меравад ва ӯ метавонад дар интихоботи президентии соли 2013 аз нав президент интихоб шавад.

Ҳоло дар Тоҷикистон ҳашт ҳизби сиёсӣ расман ба қайд гирифта шудааст ва мувофиқи натиҷаҳои интихоботи парлумонии соли 2010 панҷ ҳизб дар Маҷлиси намояндагон иштирок доранд. Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон (ҲХДТ) аз ҳама бештар 45 вакил, сипас Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (ҲНИТ), Ҳизби коммунистии Тоҷикистон (ҲКТ), Ҳизби аграрии Тоҷикистон (ҲАТ) ва Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон (ҲИИТ) ҳар кадом ду вакилӣ намоянда доранд. Гурӯҳи вакилони ғайриҳизбӣ дар ҳайати 10 нафар вакилони парлумон ташкил карда шуд, ки аксарияти онҳо аъзои ҲХДТ набуда, вале бо дастгирии ҲХДТ интихоб шуда буданд. Се ҳизби боқимонда-Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон (ҲСДТ), Ҳизби демократии Тоҷикистон (ҲДТ) ва Ҳизби сотсиалистии Точикистон (ҲСТ) дар Маҷлиси намояндагон вакилони худро надоранд. Ба ақидаи коршиносон «қувваҳои сиёсии мавҷуда дар Тоҷикистон на аз рӯи ҳувияти сиёсиашон, балки аз рӯи нишонаи маҳал асос ёфтаанд».[3] Ҳамаи ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон, аз ҷумла ҳизбҳои мухолиф, дар шаҳри Душанбе ҷойгир шудаанд ва имконияти маҳдуд доранд, ки берун аз пойтахт фаъолият намоянд.

Дар тадқиқотҳои пешина таҳлили дарки шаҳрвандони Тоҷикистон дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ ва иштироки онҳо дар демократияи бисёрҳизбӣ гузаронида шуда буд. Масалан, дар солҳои 2009 ва 2010, Фонди байналмилалии системаҳои интихоботӣ (ФБСИ/IFES) мушоҳидаи афкори ҷомеаро доир ба масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон ба чоп расонид. Ҳарчанд 37 фоизи пурсидашудагон фикр доштанд, ки ҳизбҳои сиёсӣ барои демократия аҳамият доранд, аммо аксари одамон ҳисоб мекарданд, ки ҳизбҳо барои демократия лозим нестанд.[4] Аз ин рӯ маҳз кори чунин созмонҳои ғайридавлатӣ, ба монанди Ассотсиатсияи миллии сиёсатшиносони

---

[3] IFES, Political Parties of the Republic of Tajikistan: An Overview, 2000: http://www.ifes.org/Content/Publications/Reports/2002/Political-Parties-in-Tajikistan-Facts-Figures-and-Analysis-Final-Draft.aspx

[4] IFES, Public Opinion in Tajikistan 2010, Findings from an IFES Survey, February 5, 2010: http://www.ifes.org/Content/Publications/Survey/2010/Public-Opinion-in-Tajikistan-2010.aspx

Тоҷикистон (АМСТ) ва созмонҳои байналмилалӣ, ба монанди Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) ба ҳизбҳои сиёсӣ кӯмак мекунад, ки манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистонро хуб дарк намуда, масъалаҳои ҳалталаби иҷтимоӣ ва иқтисодиро ба муҳокимаи ҷомеа бароранд. Ҳисоботи «*Танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иштироки занон дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон*» аз ду қисм иборат аст. Қисми якуми ҳисобот ҷанбаҳои ташкилии фаъолияти ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистонро дар бар мегирад ва дар чор мавзӯъ: асоси меъёрии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, сохтори дохилии ҳизбҳои сиёсӣ ва нақши онҳо ҳамчун созмонҳои ҷамъиятӣ, тартиби пешбарӣ ва дастгирии номзадҳо дар рафти интихобот ва маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ, ҷамъбаст мешавад. Дар қисми дуюм масъалаҳои иштироки занон дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон ба таври муфассал баррасӣ мегарданд. Дар қисмати охири ҳисобот тавсияҳо дар бораи баланд бардоштани нақши ҳизбҳо дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон оварда мешаванд.

# Қисми 1:
# Танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон

# Боби 1: Асосҳои меъёрӣ

*«Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равиаҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи Конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва амал мекунанд».* (моддаи 8, Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои зиёди фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро ба танзим меоранд. Пеш аз ҳама Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷумлаи онҳо ба шумор мераванд. Ҳамчунин қонунҳои дигар, ба мисли Қонунҳо дар бораи Вазорати адлия, дар бораи Суди Олӣ ва дар бораи Прокуратура низ ҳастанд, ки ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дахл доранд. Як қатор кодексҳо (Кодекси андоз ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ) ва низомномаҳо (Низомнома дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ) низ вуҷуд доранд, ки бевосита ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро дар Тоҷикистон дар бар мегиранд.

Ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», ки дар солҳои аввали барқароркунии баъдиҷангӣ қабул шуда буд (1998), ягон маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда нашудааст. То қабули Қонуни мазкур фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» (1991) танзим мегардид. Ҷараёни қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» хеле суст сурат мегирифт ва далели он пурра дарк накардани дигаргуниҳо дар ҳаёти сиёсии кишвар аз ҷониби аъзои Парлумони ҷумҳурӣ буд. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки сиёсати яктарафаи пешинаи коммунистиро идома диҳанд, намехостанд, ки ҳизби хусусияти динӣ (исломӣ) доштаро, ки ба наздикӣ дастаҳои мусаллаҳи худро пароканда карда буд, ба таври қонунӣ эътироф намоянд.

Дар Шӯрои Олӣ (Парлумони собиқ, 1990-1992) намояндагони ҲКТ (10 аъзо), қумандонҳо (бештар аз 10 аъзо) ва рақибони ҲНИТ бештар бартарӣ доштанд.

Мубоҳисаҳои тезутунд дар бораи имконияти ба қонуният даровардани фаъолияти ҳизбҳои сиёсии хусусияти динӣ дошта дар қонуни нав, метавонист ба сулҳ ва раванди барқароркунии баъдиҷангӣ хатар ворид кунад. Дар Парлумони Ҷумҳурӣ ва ҳам Комиссияи оштии миллӣ гуфтушунидҳои душворе гузаронида мешуданд. Ниҳоят қарор қабул карда шуд, ки собиқ намояндагони мухолифин ба ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар ворид карда шаванд. Ҳизбҳои сиёсии кишвар дар ин масъала ба созиш омаданд. Дар натиҷа, дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ якумин ҳизби сиёсии хусусияти динӣ (исломӣ) дошта (ҲНИТ) барои арзи вуҷуд кардан ҳуқуқ ба даст овард ва имрӯз фаъолияти сиёсии худро идома медиҳад.

Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» (1998) ягона қонунест, ки дар натиҷаи муҳокимарониҳои тезутунд миёни намояндагони давлат ва мухолифин дар солҳои аввали барқароршавии баъдиҷангӣ қабул гардида буд. Барои ҳамин Қонуни мазкур таҷассумгари ризоияти дар натиҷаи музокирот бадастомада буда, ба дараҷаи муайян дар инкишофи низоми бисёрҳизбии демократӣ мусоидат мекунад.

## *Мафҳуми меъёрии ҳизби сиёсӣ*

Моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» (1998) мафҳуми ҳизби сиёсиро чунин шарҳ медиҳад: «иттиҳодияи ҷамъиятие, ки вазифаи асосиаш иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ба воситаи ташаккул додани иродаи сиёсии шаҳрвандон ва инчунин ба амал баровардани ҳокимият ба воситаи намояндагони худ мебошад». Таърифи мазкур шарҳи ягонаи ҳуқуқии мафҳуми ҳизби сиёсӣ дар қонунҳои Тоҷикистон мебошад. Барои муқоиса, дар *Роҳнамо оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ»*-и САҲА/ДИДҲИ-Комиссияи Венетсиягии Шӯрои Аврупо мафҳуми ҳизби сиёсӣ ҳамчун «иттиҳодияи ихтиёрии одамон, ки яке аз вазифаҳояш иштирок дар идоракунии умури давлатӣ, аз ҷумла бо роҳи пешбарӣ намудани номзадҳо ба интихоботи озод ва демократӣ мебошад» (банди 9)[5], муайян гардидааст.

Ҳизбҳои сиёсӣ бо мақоми ҳуқуқии худ аз дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фарқ мекунанд, зеро иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ наметавонанд дар ҳаёти сиёсии мамлакат, аз ҷумла интихобот, ширкат кунанд. Аксарияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии Тоҷикистон дар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист, масъалаҳои гендерӣ ва ғайра хеле фаъол мебошанд, вале аз масъалаҳои марбут ба сиёсат худро дар канор мегиранд. Гузашта аз ин, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти сиёсии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки ҳамчун ҳизбҳои сиёсӣ ҳисоб намешаванд, пешбинӣ нашудааст. Ҳамагӣ чанд истиснои қоидаи мазкур вуҷуд дорад, аз ҷумла

---

[5] ОБСЕ/БДИПЧ-Венецианская Комиссия, Руководящие принципы правового регулирования деятельности политических партий, 2010, http://www.venice.coe.int/docs/2010/CDL-AD(2010)024-e.asp

Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон ( дар назди Кумитаи ҷавонон, варзиш ва саёҳии назди ҶТ) ва Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ҳуқуқ доранд, ки номзадҳо ба мансаби президентӣ пешбарӣ намоянд. Ҳизбҳои сиёсӣ, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Маҷлиси намояндагони маҷлисҳои вакилони халқи ноҳияҳо ва шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ, ки номзадҳоро ба Президентӣ пешбарӣ кардаанд, камаш даҳ рӯз пеш аз интихобот дар бораи намояндаҳои худ ба комиссияҳои интихоботии ҳавзавӣ хабар медиҳанд. (Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 28.12.2005, №140)

## *Ҳизбҳои маҳаллӣ*

Ҷумхурии Тоҷикистон давлати ягона (унитарӣ) буда, ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсии хусусияти маҳаллӣ дошта иҷозат намедиҳад. Дар тӯли 20 соли гузаштаи ташаккули демократия дар кишвар барои таъсиси ҳизби сиёсии комилҳуқуқи хусусияти маҳаллӣ дошта кӯшише карда нашудааст. Ба таври мисол яке аз ҳаракатҳои иҷтимоӣ-сиёсии шинохта дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ созмони «Лаъли Бадахшон» аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, на танҳо ба ҳизби сиёсӣ табдил наёфт, баръакс, дар давоми солҳои барқароркунии баъдиҷангӣ бо сабаби манъ будани фаъолияти ҳизбҳои маҳаллӣ тадриҷан аз саҳнаи сиёсии кишвар берун шуд. Аз тарафи дигар, дар кори ҳизбҳои сиёсӣ бартарии маҳаллӣ дида мешавад, фаъолияти онҳо бештар дар пойтахти кишвар шаҳри Душанбе равона шудааст.

## *Эътирофи расмӣ ва бақайдгирӣ*

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми давлатӣ буда, расман барои тартиб додани феҳристи давлатии ҳизбҳои сиёсӣ ваколатдор аст (чунин ваколатро нисбати дигар созмонҳои ҷамъиятӣ низ дорад). Бақайдгирии давлатии ҳизби сиёсӣ дар Вазорати адлия шарти асосӣ барои фаъолияти минбаъдаи он дар тамоми шаҳру ноҳияҳои мамлакат мебошад. Дар асоси моддаи 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», ба замми ҳуҷҷатҳое, ки ҳизбҳои сиёсӣ бояд ба Вазорати адлия пешкаш кунанд, инчунин рӯйхати на камтар аз 1000 нафар шаҳрвандон, ки аъзои ҳизби сиёсӣ мебошанд, бо нишон додани суроғаи ҷои истиқомати онҳо, бояд пешниҳод намоянд. Мувофиқи моддаи 3 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” дар рӯйхати шаҳрвандони тарафдор бояд аксарияти шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон пешниҳод шуда бошанд.

Талабот ва қоидаҳои таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ инҳоянд:

- Баъди аз қайди давлатӣ гузаштан ҳизби сиёсӣ дар муддати се моҳ бояд дар аксарияти вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ташкилотҳои ибтидоӣ дошта бошад.
- Дар бораи шаҳр, ноҳия ва санаи гузаронидани анҷумани (конференсияи, маҷлиси) муассисон, инчунин муқаррароти асосии Оинномаи ҳизб гурӯҳи ташаббускор оид ба таъсиси ҳизби сиёсӣ дар воситаи ахбори омма на дертар аз як моҳ пеш аз даъват шудани анҷумани (конференсияи, маҷлиси) муассисон хабар медиҳад.

Ҳизби сиёсӣ баъди бақайдгирии давлатии он ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро пайдо мекунад, метавонад фаъолияти молиявӣ анҷом диҳад, муносибатҳои ҳамкориро дар дохил ва беруни кишвар ба роҳ монад. Яке аз мисолҳои равшани алоқаҳои байналмилалӣ ин ҳамкории байни ду ҳизби ҳокими ду давлати ҳамсоя: Ҳизби халқӣ- демократии Тоҷикистон ва Ҳизби коммунистии Хитой мебошад. Дар айни замон гирифтани кӯмаки иқтисодию сиёсӣ аз кишварҳои хориҷӣ (моддаи 20) ба ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон манъ карда шудааст. Ҳамаи дигар ҳизбҳои сиёсӣ бо ҳизбҳои хориҷӣ муносибат ва ҳамкориҳои наздик надоранд.

Ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд дорои моликияти ҳизбӣ, аз ҷумла биноҳо ва иншоотҳо, фонди манзил, таҷҳизот ва асбобу анҷом, матбаа, маблағҳо ва инчунин дигар амвол, ки барои таъмини фаъолияти онҳо зарур аст, бошанд. Онро оинномаҳо ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд. Амволи ҳизби сиёсӣ фақат барои ба амал баровардани мақсад ва вазифаҳои ҳизб, ки дар оинномааш пешбинӣ шудааст, истифода мешавад. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳар сол дар бораи вазъияти молиявии ҳизб дар рӯзномаи ҳизбӣ ва ё дигар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ, ба монанди “Азия Плюс”, “Нигоҳ” ва “Минбари халқ” маълумот чоп мекунанд. Ин маълумот бояд андоза ва харҷи маблағҳои дар соли ҳисоботӣ ба хазинаи ҳизб воридгашта, амволи ҳизб, аз ҷумла маблағҳо барои интихоботи парлумонӣ ва пардохти андозҳоро нишон диҳад. Вазорати адлия ваколатдор аст, ки дар бораи ба қайд гирифтан ва ё бекор намудани бақайдгирии ҳизби сиёсӣ қарор қабул кунад.

## *Маҳдудиятҳои фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ*

Мувофиқи моддаи 4 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсие, ки мақсад ё амалашон ба зӯран сарнагун кардани сохти конститутсионӣ ва ташкил намудани гурӯҳҳои мусаллаҳ равона гардидааст ва ё низои маҳаллӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва диниро тарғибу ташвиқ менамоянд манъ карда мешавад. Дар банди дуюми моддаи мазкур зикр шудааст, ки «ҳизбҳои сиёсӣ ва аъзои он дар фаъолияти сиёсиашон ҳақ надоранд, ки аз ташкилотҳои динӣ истифода намоянд». Моддаи мазкур созиши сиёсие буд, ки барои ҳал кардани ихтилофи байни давлат ва ҲНИТ дар солҳои барқароркунии баъдиҷангӣ ёрӣ расонд ва имконияти ҳуқуқиро барои фаъолияти ҳизбҳои сиёсии хусусияти динидошта васеъ гардонид. Вале дар айни замон мувофиқи моддаи 4 Қонуни ҶТ

“Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” соли 2010 масҷиди дафтари ҲНИТ баста шуд. Сабаб он буд, ки масҷид на танҳо барои намозгузорӣ, балки барои мубодилаи афкор доир ба масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ истифода гардидааст.

Маҳдудияти муҳими дигар барои ҳизбҳои сиёсӣ ин гирифтани ёрии иқтисодӣ ва сиёсӣ аз кишварҳои хориҷӣ мебошад (моддаи 20). Бо ҳамин сабаб, ҳизбҳои сиёсӣ, ба истиснои ҳизби ҳоким, бо ҳизбҳои хориҷӣ муносибат ё ҳамкориҳои наздик надоранд. Масалан, Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон узви Сотсинтерн (Интернатсионали сотсиалистӣ) нест. Ҳизби коммунистии Тоҷикистон бошад дар бораи муносибатҳои худ бо ҳаракатҳои коммунистии байналмилалӣ озодона сухан гуфта наметавонад. Қонун ҳамчунин мафҳуми «ёрии сиёсӣ»-ро шарҳ намедиҳад. Аз ин рӯ ҳар гуна иштирок дар конгресси байналмилалӣ ва ё анҷумани байниҳизбӣ ба маънои гирифтани чунин ёрӣ баррасӣ мешавад.

### *Асосҳо барои рад кардани бақайдгирӣ*

Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирии давлатии ҳизби сиёсӣ дар асосҳои зайл мумкин рад карда шавад:

- агар муқаррароти оинномаи вай ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф бошад;
- агар оинномаи ҳизб ба талаботи моддаи 6 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” мувофиқат накунад;
- агар талаботи қисми 2 моддаи 3 ва қисми 5 моддаи 7 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” иҷро карда нашуда бошанд. Дар асоси ин муқаррарот ҳизбҳои сиёсӣ аз тарафи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон озодона, бидуни ҳеҷ як иҷозат дар анҷумани (конференсия, маҷлис) муассисон таъсис дода шуда, дар он оиннома қабул мегардад ва мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб ташкил карда мешавад (моддаи 3, қисми 2); Тағйирот ва иловаҳое, ки дар Оинномаи ҳизби сиёсӣ дохил карда мешаванд, бояд аз тарафи худи ҳамин мақом ва дар худи ҳамон мӯҳлатҳои бақайдгирии давлатии худи ҳизб ба қайди давлатӣ гирифта шаванд (моддаи 7, қисми 5);
- агар бо худи ҳамин унвон ва ё бо худи ҳамин рамз оинномаи ҳизби дигар пештар ба қайд гирифта шуда бошад;
- агар суроғаи ҳуқуқии мақоми идоракунандаи ҳизб берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад (моддаи 9, Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ”).

Агар Вазорати адлия дар бораи рад кардани бақайдгирии давлатии ҳизби сиёсӣ қарор қабул кунад, дар он вақт раддия дар шакли хаттӣ ба ҳизби аризадиҳанда дода мешавад. Қарори қабулшуда дар бораи рад кардани бақайдгирии давлатӣ бояд асоснок бошад ва аз болои он ба суд шикоят кардан мумкин аст.

## *Ҳалли баҳсу мунокишаҳо*

Ҳалли баҳсҳо ё мунокишаҳо байни якчанд ҳизбҳои сиёсӣ бо роҳи судӣ яке аз масъалаҳои хеле баҳсноки инкишофи ҳизбҳо мебошад. Чӣ тавре ки муҳокимаҳо ва фокус-гурӯҳҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, шумораи зиёди роҳбарон ва намояндагони ҳизбҳо ба он мувофиқанд, ки мақомоти судӣ дар Тоҷикистон аз мақомоти иҷроия (хусусан ба судяҳо бисёр вақт аз тарафи Президент фишор оварда мешавад, зеро ки онҳо аз ҷониби Президент таъин карда мешаванд) комилан мустақил нестанд. Барои ҳамин дар мурофиаҳои судӣ баҳсҳои ками ҳизбҳои сиёсӣ баррасӣ мешаванд. Он ҳолатҳои бисёр кам, ки ҳизбҳои сиёсӣ ба суд муроҷиат мекунанд, асосан ба масъалаҳои интихобот иртибот доранд. Бо вуҷуди ин, тавре ки дар Ҳисоботи ҷамъбастии САҲА/ДИДҲИ оид ба интихоботи парлумонӣ дар Тоҷикистон гуфта мешавад:[6]

*"Рафти баррасии арзу шикоятҳо, ки пеш аз ҳама бо Қонун дар бораи интихобот, Кодекси мурофиавии гражданӣ ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба танзим дароварда мешавад,умуман шаффофият ва кафолати комили тафтишоти судиро надорад. Ҳам судҳо ва ҳам комиссияҳои интихоботӣ ваколати баррасии шикоятҳоро аз болои қарори комиссияҳои интихоботӣ доранд. Суди Олӣ бошад дар ҳама ҳолат ҳамчун ҳаками охирин баромад мекунад. Аз ин сабаб шаффофият дар муносибати ваколатҳои дахлдори судҳо ва мақомоти интихоботӣ вуҷуд надорад".*

Ҳамаи судяҳо дар сатҳи шаҳр, ноҳия ва вилоятҳо аз ҷониби Президент таъин карда мешаванд. Мувофиқи Қонун (моддаи 5) судяҳо аъзои ягон ҳизби сиёсӣ шуда наметавонанд, аммо ба далели он ки онҳо бевосита аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимият ва роҳбари ҳизби ҳоким таъин карда мешаванд, ба қабули қарорҳои судӣ бетаъсир намемонанд. Ҳизбҳо бештар аз дахолати намояндагони ҳукумати маҳаллӣ ҳангоми баррасии мурофиаҳои судӣ шикоят мекунанд, ки онҳо дар аксар ҳолатҳо намояндагони ҳизби ҳоким мебошанд.

## *Нақши шахсони хусусӣ*

Шахсони хусусӣ барои бекор кардани бақайдгирии давлатии ҳизби сиёсӣ сабаб шуда наметавонанд. Дар давоми солҳои охир баъзе ҳизбҳои сиёсӣ, ба монанди Ҳизби демократии Тоҷикистон ва Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон дар амал ба ду ҷиноҳи ба ҳам мухолиф ҷудо шуда буданд ва ҳар яки он ба мақоми роҳбарӣ номзади худро пешниҳод менамуд. Дар натиҷа роҳбарони ҷиноҳҳои дохили ҳизб ба Вазорати адлия муроҷиат намуданд ва хоҳиш карданд, ки онҳо ҳамчун ягона

---

[6] ОБСЕ/БДИПЧ, "Итоговый отчет Миссии по наблюдению за выборами-Республика Таджикистан, парламентские выборы, 28 февраля 2010," Варшава, 6 июля 2010, с. 21.

мақоми роҳбарикунандаи қонунии ҳизб эътироф ва ба қайди давлатӣ гирифта шаванд. Вазорати адлия қонунӣ будани ҷиноҳи М. Собировро дар ҲДТ ва ҷиноҳи А. Ғаффоровро дар ҲСТ эълон кард. Аммо рақибони сиёсӣ Раҳматулло Валиев, ки «ҷиноҳи М. Искандаров»-ро дар ҲДТ роҳбарӣ мекард ва Мирҳусейн Назриев, ки ҷиноҳи худро дар роҳбарияти ҲСТ намояндагӣ мекард, аз болои қарори мазкури Вазорати адлия шикоят карданд. Мувофиқи моддаи 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» (Асосҳо барои рад кардани бақайдгирии давлатии ҳизби сиёсӣ), ду ҳизб бо унвон ва рамзи якхела ба қайд гирифта намешаванд (агар бо худи ҳамин унвон ва ё бо худи ҳамин рамз оинномаи ҳизби дигар пештар ба қайд гирифта шуда бошад). Аз ин сабаб ҷиноҳи дуюми ҲДТ наметавонад дар якҷоягӣ бо ҷиноҳи якум ба қайд гирифта шавад, вале роҳбарони он барои бо дигар унвон ба қайд гирифтани он кӯшиш накарданд. Тибқи банди 115 санади САҲА/ДИДҲИ-Комиссияи Венетсиягии Шӯрои Аврупо *Роҳнамо оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ* «дар ҳолати ҳамроҳшавӣ, ҷудошавӣ ё таъсиси платформаҳои нави идеологӣ дар дохили ҳизб, бояд ба аъзои ҳизб имконияти озодона идома додан ва ё қатъ намудани узвият дар ҳизб дода шавад, агар онҳо ин хоҳишро дошта бошанд».

## *Баробарии ҳизбҳои сиёсӣ*

Гарчанде аз ҷиҳати қонунӣ мақоми ҳуқуқии ҳамаи ҳашт ҳизби сиёсии Тоҷикистон баробаранд ва асоси меъёрии мавҷуда ягон хел иерархияро дар миёни ҳизбҳо нагузорад ҳам, дар амал «ҳаммонандии» баъзе аз ҳизбҳои сиёсӣ (ҲСТ ва ҲДТ) мушоҳида мешавад. Бар замми ин баъзе ҳизбҳо дорои захираҳои кофии маъмурӣ, инсонӣ, молиявӣ ва техникию молӣ нестанд. Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ таҳти ҳимояи қонун қарор дорад ва ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба суд муроҷиат кунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар созмонҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон дорои имкониятҳои баробар мебошанд, ки ҳимояи судии ҳуқуқҳояшон аз ҷумлаи онҳост.

## *Аз нав бақайдгирии давлатӣ*

Аз ҳизбҳои сиёсӣ фақат ҲНИТ ва ҲДТ дар замони инкишофи низоми бисёрҳизбӣ баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар моҳи июни 1997, ки ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон хотима гузошт, аз нав ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд. Мувофиқи қарори Суди Олӣ ҳизбҳои мазкурро зарур буд, ки аз нав ба қайди давлатӣ гирифта шуда, дастаҳои мусаллаҳи худро ба ҳайати қувваҳои мусаллаҳи давлатӣ шомил намоянд ва сохтори дохилии ҳизбҳоро дар асоси талаботи муқарраркардаи давлат аз нав дида бароянд.

## *Эътирофи ҳизбҳо мувофиқи муқаррароти Парлумон*

Мувофиқи Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ» ҳизби сиёсие, ки дар палатаи поёнии Парлумон на камтар аз 5 вакил намоянда дорад, барои ташкил кардани фраксия ҳуқуқ дорад. Аз рӯи натиҷаҳои интихоботи охирини парлумонӣ, ки 28 феврали соли 2010 шуда гузашт, панҷ ҳизби сиёсӣ дар Маҷлиси намояндагон вакилони худро доранд. Танҳо ҲХДТ фраксияи худро ташкил намудааст. Чор ҳизби сиёсии боқимонда (ҲКТ, ҲНИТ, ҲАТ ва ҲИИТ) танҳо ду намояндагӣ дар Парлумон доранд ва фраксия ташкил карда наметавонанд. Ташкил додани фраксияи худ барои ҳизби сиёсӣ фақат афзалият дар сатҳи сиёсӣ дода метавонад. Дар Тоҷикистон то ҳол қонуни махсус оид ба фаъолияти Парлумон ва ҳуқуқҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар он ҳамчун фраксия қабул карда нашудааст. Бо вуҷуди ин вакилони Маҷлиси намояндагон барои изҳори дастаҷамъонаи ақидаҳои сиёсии худ, амалӣ гардонидани барномаҳо ва ҳадафҳои пешазинтихоботӣ ҳуқуқ доранд, дар фраксияву гурӯҳҳо муттаҳид шаванд. Вакили Маҷлиси намояндагон метавонад танҳо аъзои як гурӯҳ ё як фраксия бошад. Фраксияву гурӯҳҳои вакилони Маҷлиси намояндагон унсурҳои доимии сохтори Маҷлиси намояндагон намебошанд. Вакилони Маҷлиси намояндагон ба ин фраксияву гурӯҳҳо озодона дохил шуда, аз онҳо хориҷ мегарданд ва ҳангоми ба амал баровардани ваколатҳои вакилиашон ба қарорҳои фраксияву гурӯҳҳои мазкур вобаста намебошанд. Ҳизбҳо дар хусуси ташкил, ҳайат, ҳадафу вазифаҳои фраксия ё гурӯҳи вакилони Маҷлиси намояндагон ба Комиссияи назорати Дастур ва ташкили кори Маҷлиси намояндагон хаттӣ хабар дода, вакилони Маҷлиси намояндагонро низ воқиф месозанд. Вакилони гурӯҳҳо ва фраксияҳо ҳуқуқҳои баробар доранд.

Котиботи Маҷлиси намояндагон дар асоси ахбороти Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР) фраксия ва гурӯҳҳои парлумониро ба қайд мегирад. Он дар асоси натиҷаҳои интихобот дар ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ ва аризаҳои хаттии вакилон, ки аз ҳавзаҳои якмандатӣ интихоб шудаанд, тартиб дода мешавад. Дар аризаҳо хоҳиши вакилон барои ҳамроҳ шудан ба ин ё он фраксия ё гурӯҳ ва ё ташкил намудани фраксия ё гурӯҳи нав (дар ҳолати дуюм бояд рӯйхати аъзои фраксия ё гурӯҳ пешниҳод карда шавад), қайд мегардад. Алҳол Маҷлиси намояндагон фақат аз як фраксияи ҲХДТ (45 аъзо) ва як гурӯҳи вакилони ғайриҳизбӣ (10 аъзо) иборат аст. Аъзои гурӯҳи вакилони ғайриҳизбиро асосан намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (прокурорҳо, судяҳо ва ғайра), ки ҲХДТ таъин кардааст, ташкил медиҳанд. Ҳизбҳои дигари сиёсӣ барои ташкил кардани фраксия ё гурӯҳ шумораи кофии намояндагонро дар Парлумон надоранд.

## *Инкишофи фаъолияти парлумонӣ*

Фаъолияти Парлумони Тоҷикистонро, ки танҳо аз соли 2000 ҳамчун Парлумони доимоамалкунанда ва касбӣ маҳсуб мешавад (пеш аз соли 2000 парлумон сессиявӣ амал мекард), асосан ҳизби ҳоким (ҲХДТ) муайян мекунад. Раисони

ҳарду палатаи Маҷлиси Олӣ аъзои ҳизби ҳоким мебошанд. Ҳарчанд собиқ раиси Маҷлиси намояндагон (палатаи поёнӣ) С. Хайруллоев расман ғайриҳизбӣ буд (аз ин аксарияти шаҳрвандони Тоҷикистон огоҳ набуданд ва фикр доштанд, ки ӯ узви фаъоли ҲХДТ мебошад), вале ӯ сиёсати ҳокимияти иҷроия, яъне дар амал ҳизби ҳокимро фаъолона амалӣ мекард.

Низомномаи дохилии Парлумони Тоҷикистон ягон шартеро доир ба муносибатҳои байниҳизбӣ дар фаъолияти парлумонӣ дар бар намегирад. Бартарии комили ҲХДТ барои инкишофи муносибатҳои байниҳизбӣ ва байни фраксияҳо дар Парлумон имконият намедиҳад. Фикру андешаҳои роҳбарони дигар ҳизбҳо ба ҷомеаи Тоҷикистон на тавассути мақомоти робита бо ҷомеаи Парлумон, балки тавассути васоити ахбори оммаи мустақил маълум мегардад.

## *Мушкилоти ҳуқуқӣ ҳангоми таҳияи тағйиротҳо ба Қонуни интихобот*

Соли 2008 бо ташаббуси ФБСИ (IFES)[7] гурӯҳи корӣ дар ҳайати роҳбарони (ё намояндагони баландпояи) ҳашт ҳизби сиёсӣ, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР), Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсиаи миллии сиёсатшиносони Тоҷикистон (АМСТ) ташкил карда шуд. Мақсади гурӯҳ таҳия намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни мавҷуда дар бораи интихобот буд. Ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ба тавофуқ омаданд, ки ҳамаи қарорҳои гурӯҳи корӣ бо тариқи ризоият (консенсус) қабул карда мешаванд. Аммо баъд аз ба анҷом расидани кор дар ҳоле ки тағйиру иловаҳои ба Қонун воридшавандаро ба Маҷлиси намояндагон фиристодан лозим буд, намояндагони ҲХДТ аз имзо кардани санади кории ниҳоӣ худдорӣ намуданд. Азбаски ин санад аз тарафи намояндагони ҳизби ҳоким ба имзо нарасида буд, имконияти баррасии онро дар Парлумон маҳдуд кард. Агарчи аз ҷониби Ҳизби коммунистии Тоҷикистон ба Шӯрои Маҷлиси намояндагон баррасии ҳуҷҷати мазкур пешниҳод карда шуд, аммо имконияти таъмини баррасии он аз тарафи Парлумон вуҷуд надошт, зеро ки ҲКТ ҳамагӣ се вакил дошт ва овози онҳо ҳатто дар якҷоягӣ бо овози ду вакили ҲНИТ, ки онҳо ҳам дар таҳияи лоиҳа иштирок доштанд, дар муқобили овози 48 вакили аъзои ҲХДТ ё тарафдорони он ночиз буд.

---

7 IFES (the International Foundation for Electoral Systems - Международный Фонд Избирательных Систем) – Фонди байналмилалии системаҳои интихоботӣ (ФБСИ) ин созмони ғайридавлатии амрикоӣ дар гузаронидани интихобот ва дастгирии демократия ҳамкорӣ мекунад. Барномаҳои ФБСИ барои иштироки фаъоли шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ, таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ, идоракунӣ ва шаффофият кӯмак мекунанд. См.: http://www.ifes.org/

# Боби 2. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун созмон

Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» (1998) сохтори ташкилии ҳизбҳои сиёсиро ба танзим намедарорад (он танҳо дар як моддаи Қонуни мазкур оварда шудааст), бинобар ин сохтори дохилиҳизбӣ фақат дар оинномаи ҳар як ҳизби сиёсӣ муайян гардидааст. Дар Тоҷикистон рӯйхати умумии интихобкунандагон вуҷуд надорад, вале тибқи ахбороти КМИР ва маълумоти интихоботи охирин алҳол шумораи интихобкунандагон ба 3 641 778 нафар[8] мерасад.

## *Узвият дар ҳизбҳои сиёсӣ*

Дар моддаи 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» қайд шудааст, ки узвият дар ҳизбҳои сиёсӣ танҳо дар асоси майли ихтиёрии шаҳрвандон мумкин аст. Ин модда ба яке аз принсипҳои асосии байналмилалии ҳуқуқи инсон, ки муттаҳидӣ дар байни ҳизбҳо ва дар дохили ҳизбҳои сиёсӣ бояд як амали ихтиёрӣ бошад, мувофиқат мекунад. «Узвият бояд ифодаи интихоби озодонаи шахсият ва майли рӯ овардан ба қувваю воситаҳои дастаҷамъонаи ҳизби сиёсӣ дар пурра истифода кардан аз ҳуқуқи шахсӣ барои озодии ақида ва озодии баёни фикру андеша бошад».[9]Дар моддаи 20 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар гуфта мешавад: 1. Ҳар як инсон ҳаққи озодии ҷамъомадҳои осоишта ва иттиҳодияҳоро дорад. 2. Ҳеҷ як инсон наметавонад ба ягон иттиҳодия маҷбуран ҷалб карда шавад.[10] Ҳуқуқ ва вазифаҳои аъзои ҳизб ба таври муфассал дар оинномаҳои ҳизбҳо муайян шудаанд. Шаҳрвандони Тоҷикистон, ки синнашон ба 18 расидааст, аъзои ҳизб

---

8 ОБСЕ/БДИПЧ, "Итоговый отчет Миссии по наблюдению за выборами-Республика Таджикистан, парламентские выборы, 28 февраля 2010," Варшава, 6 июля 2010, с. 20-21.

9 ОБСЕ/БДИПЧ-Венецианская Комиссия, Руководящие принципы правового регулирования деятельности политических партий, §114.

10 Полный текст Декларации см. на: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/declhr.shtml; Международный пакт огражданских и политических правах также включает ст.22 о праве на ассоциацию с другими. См.: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/pactpol.shtml

шуда метавонанд. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аъзои ҳизби сиёсӣ шуда наметавонанд, ҳамчунин судяҳо, прокурор, хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ низ аъзои ҳизб шуда наметавонанд.

## *Муқарраротн оинномаҳои ҳизбҳои сиёсӣ*

Дар оинномаҳои ҳамаи ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон барои аъзоёни ҳизб як қатор талаботҳои иловагӣ, аз ҷумла супоридани ҳаққи аъзогӣ (аз 1 то 3 фоизи музди миёнаи моҳона) ва додани ҷазо (то хориҷ кардан аз узвияти ҳизб) барои аъзоёне, ки талаботи мазкурро иҷро намекунанд, пешбинӣ карда шудааст.

Дар поён баъзе иқтибосҳо аз оинномаҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар бораи узвият дар ҳизб оварда шудаанд (тибқи Маълумотномаи дар соли 2006 таҳиянамудаи САҲА-Ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон)[11]:

**Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон:**
Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнаш ба 18 расидааст, Барнома ва Оинномаи ҳизбро эътироф менамояд, узви ҳизб шуда метавонад.

**Ҳизби коммунистии Тоҷикистон:**
Ҳар шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 18 сола шудааст, Барнома ва Оинномаи ҳизбро эътироф ва дар яке аз созмонҳои ибтидоии ҳизб кор мекунад, қарорҳои мақомоти ҳизбро иҷро менамояд ва ҳаққулузвият мепардозад, қатъи назар аз баромади иҷтимоӣ, миллат ва дину мазҳаб метавонад узви ҳизб шавад.

**Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон:**
Узви Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ҳар як шаҳрванди мусалмони Тоҷикистон шуда метавонад, ки ба синни 18 расидааст.

**Ҳизби демократии Тоҷикистон:**
Ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон, ки синнаш ба 18 расидааст, сарфи назар аз нажод, қавму миллат ва дину мазҳабаш, агар Оинномаи ҲДТ-ро қабул дошта, барои иҷрои Барномаи он мекӯшад ва кӯмаки моддӣ мерасонад, узви ҲДТ шуда метавонад.

**Ҳизби сотсиал- демократии Тоҷикистон:**
Хар шаҳрванди аз 18-сола болои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Барномаи ҲСДТ-ро ихтиёран дастгирӣ намуда, Оинномаи онро риоя мекунад ва дар яке аз созмонҳои ҳизб фаъолият намуда, ҳаққи аъзогиро месупорад, метавонад узви ҲСДТ бошад.

---

[11] Ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Политические партии Республики Таджикистан. Political Parties of the Republic of Tajikistan.- САҲА, Душанбе. 2006.

**Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон**:
Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнаш ба 18 расидааст у Барнома ва Оинномаи ҲСТ-ро эътироф менамояд, дар яке аз ташкилотҳои ҳизбӣ кор мекунад (дар фаъолияти он иштирок менамояд), барои дар ҳаёт татбиқ кардани мақсадҳои ҲСТ ёрӣ мерасонад ва ба тартиби муқарраркардашуда ба ҲСТ аъзоҳаққӣ месупорад, узви ҲСТ шуда метавонад.

Аз иқтибосҳои шаш оинномаи ҳизбҳои сиёсии дар боло зикршуда аён аст, ки танҳо ҲНИТ бар хилофи ҳизбҳои дигар барои узвият аз рӯи мансубияти динӣ маҳдудият мегузорад, ҳол он ки дигар талаботҳо асосан дар ҳамаи оинномаҳои ҳизбҳо ба ҳам монанд аст.

## *Тарзҳои гуногуни узвият дар ҳизб.*

Дар баъзе ҳизбҳои сиёсӣ тарзи хоси узвияти ҳизбӣ, ба ном узвияти вобастагӣ мавҷуд аст. Тартиби гирифтани узвияти вобастагӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Тартиби хоси узвияти вобастагӣ дар Оиномаи ҲКТ ба таври муфассал навишта шудааст:

а) дохилшавандагон ба узвияти ҳизб тавсияномаи ду нафар аъзои ҳизбро пешниҳод мекунанд, ки на камтар аз панҷ сол собиқаи ҳизбӣ доранд ва тавсияшавандаро дар ҷараёни кори якҷояи истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ на камтар аз як сол мешиносанд;
б) тавсиякунандагон барои шахсони тавсияшаванда дар назди ҳизб шахсан масъул мебошанд;
в) масъалаи қабул ба ҳизбро созмони ибтидоии ҳизбӣ муҳокима ва ҳаллу фасл мекунад. Қарор ҳамон вақт қабул мешавад, ки агар ба тарафдории он аксарияти аъзои дар қайди созмони ҳизбӣ буда овоз дода бошанд ва танҳо баъд аз тасдиқи кумитаи ноҳиявӣ ва дар шаҳрҳое, ки тақсимоти ноҳиявӣ надоранд, пас аз тасдиқи кумитаи шаҳрӣ эътибор пайдо мекунад. Дар сурати дар ҷои кор ва ё ҷои истиқомат набудани созмони ҳизбӣ, қабул ба ҳизб аз тарафи бюрои кумитаи ноҳиявӣ ва ё шаҳрӣ сурат мегирад;
г) барои дохилшаванда ба сафҳои ҲКТ мӯҳлати озмоишӣ то як сол муқаррар карда мешавад. Узви Иттифоқи Ленинии Коммунистии Ҷавонон агар на камтар аз як сол узви комсомол буда, тавсияномаи кумитаи ноҳиявии онро, ки ба тавсияномаи як узви ҳизб баробар аст, дошта бошад, ба ҳизб бе мӯҳлати озмоишӣ пазируфта мешавад.[12]

Тартиби қабулшавӣ ба узвияти ҲКТ хеле ҷиддӣ мебошад, зеро ҳар номзад бояд аз ду нафар аъзои ҳизб тавсияномаҳо пешниҳод намояд ва сипас аз мӯҳлати

[12] Ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Политические партии Республики Таджикистан. Political Parties of the Republic of Tajikistan.- САҲА, Душанбе. 2006, саҳ.131.

озмоишӣ гузарад. Ҷавонон аввал метавонанд ба узвияти комсомол дохил гардида, баъд узвияти ҳизбро ба даст оранд. Дар дигар ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон нисбат ба номзадҳо ба узвияти ҳизб мӯҳлати озмоишӣ ҷорӣ нагардида, номзадҳо якбора аъзои комилҳуқуқи ҳизб мегарданд.

Барои узви вобастаи ҲНИТ шудан ҳам номзадҳо (онҳое, ки арзишҳои дини ислом ва фарҳанги миллиро қабул доранд) бояд аз ду аъзои ҳизб тавсиянома пешниҳод намоянд, ҳамчунин бояд аз ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ ва бо тасвиби ҳайати раёсати ин ташкилоти ибтидоӣ пешбарӣ шаванд. Оинномаҳои дигар ҳизбҳо аз номзадҳо пешниҳод намудани тавсияномаҳоро аз аъзои ҳизб талаб намекунанд.

Оинномаи ҲДТ чунин муайян менамояд: «шахсе, ки узви вобастаи ҲДТ шудан мехоҳад, ба номи раёсати яке аз созмонҳои ибтидоӣ ё маҳаллӣ ариза менависад, агар ба тарафдории ӯ дар маҷлис аксари аъзо овоз диҳад, вай ба сафи ҳизб пазируфта хоҳад шуд».

Мувофиқи Оинномаи ҲХДТ қабул ба узвияти ҳизб бо пешниҳоди ариза ва дар маҷлиси ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ бо дастгирии аксарият сурат гирифта, баъди тасдиқи қарори ташкилоти ибтидоӣ аз тарафи кумитаҳои иҷроияи ҳизбии шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ба расмият дароварда мешавад.

Қабул ба узвияти ҲСДТ низ дар асоси баррасии аризаи шахсӣ дар маҷлиси созмони ибтидоии ҳизб сурат мегирад. Қарори маҷлис қабул ҳисобида мешавад, агар ба тарафдории он аксарияти аъзои созмони ҳизбӣ, ки дар маҷлис иштирок доранд, овоз диҳанд.

### *Ҳуқуқҳои аъзои ҳизбҳои сиёсӣ.*

Оинномаҳои ҳизбҳои сиёсӣ ба аъзоёни ҳизбҳо хуқуқи «интихоб кардан ва интихоб шудан»-ро, пеш аз ҳама ба мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб, ҳамчунин ба мақомоти намояндагии ҳокимият (мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, маҷлисҳои маҳаллӣ, Парлумони миллӣ), медиҳад. Оинномаҳо инчунин ҳуқуқи иштироки фаъолонаро дар корҳои дохилиҳизбӣ таъмин мекунанд. Дар Тоҷикистон узви ҳизб наметавонад дар як вакт узви ду (ё зиёда) ҳизбҳои дигар бошад. Оинномаҳои ҳамаи ҳизбҳо ба аъзоёни ҳизб аъзои вобастаи дигар ҳизбҳо шуданро манъ мекунанд.

### *Сохтори ташкилӣ*

Тибқи қонун ҳизбҳои сиёсӣ баъди таъсиси сохтори ҳизб дар ноҳия, шаҳр ва вилоятҳо, мақомоти ҳокимияти маҳалро хабардор менамоянд. Ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон дорои сохтори чорзинагӣ мебошанд. Ташкилотҳои ҳизбӣ метавонанд дар сатҳи умумиҷумҳурӣ (марказӣ ё ҷумҳуриявӣ), минтақа (вилоятӣ), ноҳия

(ноҳиявӣ), шаҳр (шаҳрӣ) ва маҳал (маҳалла, ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ дар ташкилотҳо ва корхонаҳо) ташкил карда шаванд. Сохтори ташкилии ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон дар асоси усули истеҳсолию ҳудудӣ (ҲХДТ ва ҲКТ) ё маъмурию ҳудудӣ (ҲДТ, ҲНИТ ва ҲСДТ) созмон дода шудаанд.

### *Ташкилотҳои ибтидоии ҳизбҳо*

Мувофиқи Оинномаи ҲХДТ «ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ асоси ҳизб буда, тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷои кор ва макони истиқомати аъзоён созмон ёфта, аз тарафи кумитаҳои иҷроияи шаҳрӣ ё ноҳиявӣ ба расмият даровper мешаванд». Бояд дар назар дошт, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» ба қайд гирифтани ташкилотҳои ибтидоии ҳизбҳои сиёсиро дар сатҳи шаҳрҳо ва ноҳияҳо талаб намекунад. Танҳо ба таври хаттӣ мақомоти ҳокимияти маҳаллиро хабардор кардан лозим аст. Ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ дар ҳолати мавҷуд будани на камтар аз 3 нафар (5 нафар барои ҲХДТ) узви ҳизб ташкил карда мешаванд. Мақоми олии ташкилотҳои ибтидоии ҳизбҳои сиёсӣ маҷлиси умумӣ (ё маҷлиси ҳизбӣ барои ҲКТ) мебошад. Маҷлиси умумии ташкилоти ибтидоӣ, тибқи қоида, на камтар аз як маротиба дар се моҳ даъват карда мешавад. Мувофиқи Оинномаи ҲКТ «асоси ҳизбро созмонҳои ибтидоӣ ташкил медиҳанд, ки дар ҷои кор ё истиқомати коммунистон эҷод мешаванд ва тибқи қаламрав ё ҳавзаҳои интихоботии мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ таъсис дода мешаванд».

### *Ташкилотҳои ноҳиявии ҳизбӣ*

Мақомоти шаҳрӣ ва ноҳиявии ҳизбҳо сатҳи дигари сохтори ташкилии ҳизбҳо мебошанд. Тибқи Оинномаи ҲХДТ «ташкилоти ҳизбии шаҳрӣ, ноҳиявӣ ташкилотҳои ибтидоии ҳизбро дар минтақаи алоҳида муттаҳид намуда, фаъолияти онҳоро роҳбарӣ ва назорат мекунад, бақайдгирии узви ҳизбро ташкил карда, корҳои ташкилиро оид ба иҷрои қарорҳои ҳизб дар коллективҳои меҳнатӣ ва ҷои истиқомати шаҳрвандон, инчунин пешбарӣ намудани аъзои ҳизбро ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва мақомоти намояндагию қонунбарори ҷумҳурӣ амалӣ менамояд.[13] Чунин ваколатҳо ва вазифаҳо барои ташкилотҳои ноҳиявӣ ва шаҳрӣ ва дар оинномаҳои дигар ҳизбҳои сиёсӣ низ муайян шудааст.

Мақоми олии ташкилотҳои ҳизбии ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ – Конферентсия мебошад, ки камаш як маротиба дар як сол (ҲДТ, ҲСДТ) ё як маротиба дар ду сол (ҲНИТ) ё як маротиба дар 5 сол (ҲХДТ, ҲКТ) даъват карда мешавад. Ғайр аз ташкилотҳои ҳизбии ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ, оинномаҳои ҲСДТ ва ҲСТ созмон

---

[13] Ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Политические партии Республики Таджикистан. Political Parties of the Republic of Tajikistan.- САҲА, Душанбе. 2006, саҳ. 66.

додани ташкилотҳои ҳизбии минтақавиро низ муайян намудаанд. Мақоми олии ташкилотҳои ҳизбии минтақавӣ Конферентсия мебошад, ки камаш як маротиба дар ду сол (ҲСДТ) ё дар панҷ сол (ҲСТ) даъват карда мешавад. Оинномаҳои ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ имконияти аз рӯи зарурат даъват намудани конферентсияҳои ғайринавбатиро пешбинӣ намудаанд.

### *Анҷумани ҳизбӣ*

Мақоми олии ҳамаи ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон Анҷуман мебошад, ки камаш як маротиба дар 4 сол (ҲНИТ, ҲСДТ) ё камаш як маротиба дар 5 сол (ҲХДТ, ҲКТ, ҲДТ, ҲАТ, ҲИИТ ва ҲСТ) даъват карда мешавад. Анҷумани ҳизбӣ ҳисобот ва гузоришҳои Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва Комиссияи марказии тафтишотӣ, дигар мақомот ва шахсонеро, ки аз тарафи Анҷуман интихоб мегарданд шунида, қарорҳои дахлдор қабул менамояд ва ба фаъолияти онҳо баҳо медиҳад. Анҷуман инчунин Барнома ва Оинномаи ҳизбро қабул намуда, ба онҳо тағйироту иловаҳо дохил мекунад, дурнамои инкишоф ва фаъолияти ҳизбро дар кори идеологӣ, сиёсати дохилӣ, берунӣ ва тактикаи онро муайян менамояд. Анҷуман ҳамчунин амволи ҳизбро идора мекунад ва дар бораи қатъ кардани фаъолияти ҳизб қарор қабул мекунад.

Оинномаҳои ҳизбҳои сиёсӣ рӯйхати ваколатҳои мақоми олии ҳизбҳоро (анҷуман) дар бар мегиранд ва инчунин дигар масъалаҳои фаъолияти ҳизбҳоро низ танзим мекунанд. Барои мисол, оинномаҳои аксарияти ҳизбҳо (ҲХДТ, ҲНИТ, ҲДТ, ҲСТ ва ғайра) ваколати Анҷуманро барои пешбарии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номзадҳоро ба мақоми олии намояндагӣ (Маҷлиси намояндагон) медиҳад. Оинномаҳои ҳизбҳо ҳуқуқи даъват кардани Анҷумани ғайринавбатиро аз руи зарурат пешбинӣ кардаанд. Дар давраи байни анҷуманҳо роҳбарии ҳизбҳо аз тарафи мақоми олии иҷроия (ҲХДТ- Кумитаи иҷроияи марказӣ, ҲКТ- Кумитаи марказӣ, ҲНИТ- Раёсати Олӣ, ҲДТ- Бюрои марказӣ, ҲСДТ- Шӯрои сиёсӣ, ҲСТ- Кумитаи иҷроияи марказӣ ва ғайра) анҷом дода мешавад.

Мувофиқи Оинномаи ҲХДТ Кумитаи иҷроияи марказӣ (КИМ) вазифадор аст:
- бо пешниҳоди раиси ҳизб раёсати Кумитаи иҷроияи марказӣ ва муовинони раисро интихоб кунад;
- сиёсати ҳизбро, ки Анҷуман муайян кардааст, дар амал татбиқ намояд;
- кори ташкилотҳои ҳизбиро ба ҳам мувофиқа намуда, самтҳои ҳамкории ҳизбро бо дигар ҳизбҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ муайян кунад;
- доир ба амалӣ гардонидани қарорҳои Анҷуман ва конференсияҳои ҳизб корҳои мушаххасро анҷом диҳад;
- дар асоси Оинннома кори дохилиҳизбиро ташкил намуда, ба ташкилотҳои маҳаллӣ расонидани ёрии ҳаматарафаро таъмин карда, мӯҳлати аз қайд гузаштани аъзоён ва ташкилотҳои ҳизбиро муайян кунад;

- таҳия ва мувофиқа намудани барномаи пешазинтихоботӣ ва пешниҳод намудани номзадҳоро аз ҳизб таъмин кунад;
- фаъолияти фраксияи парлумонии ҳизбро бо роҳи стратегии ҳизб мутобиқ гардонад;
- мақомоти матбуотии ҳизбро таъсис диҳад;
- Анҷумани ҳизбро даъват кунад;
- кумитаҳо, комиссияҳо ва гурӯҳҳои кории дахлдори ҳизбиро ташкил кунад;

Оинномаҳои ҳизбҳои сиёсӣ ваколати ворид кардани тағйиру иловаҳоро ба оиннома танҳо ба мақоми олии ҳизб – Анҷумани ҳизб додааст. Тағйиру иловаҳо ба оиннома ва дигар санадҳои меъёрии дохилӣ одатан бо ташаббуси роҳбарон ё мақоми роҳбарии ҳизбҳои сиёсӣ ворид карда мешаванд. Ҳамаи тағйиру иловаҳо ба оинномаи ҳизб бояд дар Вазорати адлия ба қайд гирифта шаванд.

Номгӯи вазифаҳо, ӯҳдадориҳо ва ваколатҳое, ки дар боло оварда шудаанд барои мақомоти роҳбарикунандаи дигар ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон ҳам мувофиқат дорад. Бо вуҷуди ин, тақсими ваколатҳо байни раис ва мақоми олии роҳбарикунанда бо назардошти вазъияти дохилии ҳизбҳо ва анъанаҳои ҳизбӣ фарқ мекунанд. Номгӯи зерини ваколатҳои раиси ҳизб, тавре ки дар Оиномаи ҲСДТ зикр шудааст, аз ҳама маъмултар аст. Мувофиқи он раис чунин ваколатҳо дорад:

а) роҳбарии умумии ҲСДТ-ро амалӣ менамояд ва аз он дар дохили кишвар ва дар хориҷа намояндагӣ мекунад;

б) масъалаҳое, ки ба баррасии Шӯрои сиёсии ҲСДТ пешниҳод мешаванд, муайян менамояд ва ҷаласаи онҳоро даъват намуда дар он раисӣ мекунад;

в) вазифаҳоро байни муовинҳои худ ва аъзои Шӯрои сиёсии ҲСДТ тақсим менамояд;

г) кормандони дастгоҳи иҷроияи ҲСДТ-ро ба кор қабул ва аз кор озод менамояд, аз номи ҲСДТ санадҳоро имзо ва ӯҳдадориҳоро қабул мекунад;

д) ваколатҳои дигарро мутобиқи ин Оиннома иҷро менамояд.

Ҳамин тавр дар сохтори ташкилии ҳизбҳо, чуноне ки дар оинномаҳо омадааст, бештар монандӣ дида мешавад, аз ҷумла, он чи ки ба мақоми олӣ ва роҳбарикунандаи ҳизбҳо дахл дорад. Дар бораи мақомоти тафтишотӣ бошад, ваколатҳои он дар Оинномаи ҲКТ хеле муфассал баён шудааст. Тибқи он «комиссияи назорат ва тафтишоти ҳизб мутобиқи Оинномаи ҲКТ ва Низомномае, ки анҷуман тасдиқ кардааст, фаъолият мекунад, риояи интизоми ҳизбиро аз тарафи коммунистон, иҷрои қарорҳои мақомоти роҳбарии ҳизбро назорат, шикоятҳои аъзои ҳизбро баррасӣ, иҷрои буҷети ҳизбӣ ва фаъолияти иқтисодии идораҳо ва сохторҳои поёнии ҳизбро тафтиш менамояд».[14] Дар фаъолияти ҳизбҳои дигар Мақомоти

---

[14] Ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Политические партии Республики Таджикистан. Political Parties of the Republic of Tajikistan.- САҲА, Душанбе. 2006, Саҳ.145.

назоратӣ-тафтишотӣ барои назорати фаъолияти молиявӣ ва иқтисодии ҳизбҳо ваколатҳои кам дар ихтиёр доранд.

### *Демократияи дохилӣ ва фраксияҳои дохилиҳизбӣ*

Ҳизбҳои сиёсӣ барои таҳкими демократия дар мамлакат нақши ҳалкунанда мебозанд. Аз сабаби муҳим будани он барои таъмини плюрализм, намояндагии манфиатҳои шаҳрвандон ва ҳисоботдиҳанда будани ҳукуматҳо ба ҷомеа, дар баъзе аз давлатҳои аъзои САҲА талаботи демократӣ будани тартиботи дохилиҳизбӣ тибқи қонун ҷорӣ карда шудааст. Вале дар Тоҷикистон чунин талабот (маҳдудияти мӯҳлати роҳбарии ҳизбҳо, масалан 4 ё 5 сол) вуҷуд надорад. Аз ҳамин сабаб, дар Тоҷикистон ҳизбҳои сиёсӣ бештар ба шахсияти роҳбарони ҳизб мансуб дониста мешаванд, ба монанди «ҳизби Эмомалии Раҳмон» (ҲХДТ), «ҳизби Шабдолов» (ҲКТ) ва ё «ҳизби Зойиров» (ҲСДТ). Танҳо Оинномаи ҲСДТ пешбинӣ кардааст, ки «номзаде раиси ҲСДТ ҳисоб мешавад, ки бештар аз нисфи овози вакилони иштироккунандаи анҷуманро ба даст оварда бошад», ҳол он ки оинномаҳои дигар ҳизбҳо интихоби мустақими роҳбари ҳизбро талаб мекунанд. Дар айни ҳол оинномаи ягон ҳизб тартиботи демократии иваз кардани рохбариятро муқаррар накардааст. Аммо, бояд дар назар дошт, ки фаъолияти ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон умумӣ мебошанд ва барои ҳамин бояд ҳамаи аъзои ҳизб аз қарорҳои қабулкардаи мақомоти роҳбарикунанда саривақт хабардор карда шаванд.

Дар бораи қоидаҳои дохилиҳизбӣ бошад, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» дар оинномаҳои ҳизбҳо ворид кардани як қатор принсипҳоро талаб мекунад, ки барои демократияи дохилиҳизбӣ мусоидат мекунанд. Аз ҷумла дар асоси моддаи 6 оинннома бояд қоидаҳои зеринро дар бар гирад:

- дар бораи баробарҳуқуқии аъзои ҳизби сиёсӣ;
- дар бораи тартиби интихобот ва салоҳиятҳои мақомоти роҳбарикунандаи ҳизби сиёсӣ, мӯҳлати ваколат ва ҷои воқеияти онҳо;
- дар бораи шаффоф будани тамоми фаъолияти ҳизб ва мақомоти он;
- дар бораи интихобӣ ва ҳисоботдиҳанда будани мақомоти ҳизби сиёсӣ.

Қоидаи охирин дар бораи «интихобӣ ва ҳисоботдиҳанда будан» баҳри демократикунонии минбаъдаи фаъолияти ҳизби сиёсӣ равона карда шудааст, зеро он ҳисоботдиҳанда будани мақомоти роҳбарикунандаро дар назди аъзои ҳизб барои мӯҳлати интихобшудаашон, таъмин мекунад.

Ҳал кардани баҳсҳои дохилиҳизбӣ тавассути судҳо дар Тоҷикистон нисбатан кам ба чашм мерасад. Дар тӯли 20 соли инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ ҳамагӣ якчанд мурофиаҳои судӣ дар бораи қонунӣ будани фаъолияти ҳизбҳо, ҳаёти дохилиҳизбӣ ва муносибати ҳизбҳои сиёсӣ бо ҳокимияти давлатӣ дида баромада шудаанд. Қонуни мавҷуда талаботи созмон додани механизмҳои назорати дохилӣ ва ё тартиби ҳал кардани баҳсҳои дохилиҳизбиро дар бар намегирад.

Роҳбарони ҳизбҳо дар мақоми баланди ҳизб - Анҷумани ҳизб, ки як маротиба дар мӯҳлати 4 ё 5 сол даъват карда мешавад, интихоб карда мешаванд. Номзадҳое, ки аз ҳисоби аъзоёни ташкилотҳои ҳизбии шаҳрӣ (ё ноҳиявӣ) пешбарӣ шудаанд, бо гирифтани аксарияти овозҳо интихоб карда мешаванд. Мувофиқи таҷрибаи ҷойдошта, номзаде, ки аз рӯи натиҷаҳои овоздиҳӣ ҷои дуюмро мегирад муовини якуми раиси ҳизб таъин ( ё интихоб) карда мешавад. Дар ҲНИТ инчунин анъанае вуҷуд дорад, ки мувофиқи он узви аз ҳама мӯътабари ҳизб (яке аз асосгузорони ҳизб) ҳамчун пешвои рӯҳонӣ интихоб карда мешавад (ба монанди Устод Саид Абдуллои Нурӣ то соли 2006 ва Муҳаммадшариф Ҳимматзода дар соли 2010). Вале ин на ҳамчун нишонаи демократияи дохилиҳизбӣ, балки танҳо ҷузъи анъанаҳои хоси ҲНИТ мебошад, ки дар умум аз фарҳанги сиёсӣ ва динии ҳизб ва ҷомеа шаҳодат медиҳад.

Санадҳои дохилии ҳизб дар анҷуман, пленум, конферентсия ва маҷлисҳои ҳизбӣ қабул карда мешаванд. Қоидаҳои дохилии ҳизб шумораи муайяни овозҳоро барои қабули санадҳои дохилиҳизбӣ муқаррар кардааст, ки он аз ба даст овардани аксарияти овозҳо то аз се ду ҳиссаи овозҳоро пешбинӣ мекунад.

Таъсиси фраксияҳои дохилиҳизбӣ танҳо дар Ҳизби Демократии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад. Оинномаи ҲДТ чунин мегӯяд: «агар гурӯҳи ҳизбиён дар тафсир ва татбиқи баъзе аз масъалаҳои барномавии ҳизб назари хос дошта бошанд ва он бо назари аксарият мувофиқат накунад, онҳо ҳаққи ташкили фраксияро доранд. Фраксия дар Раёсати марказӣ ба қайд гирифта мешавад. Аъзои фраксия бояд назари хоси худро дар маромномае танзим намоянд. Фраксия ҳуқуқ дорад, ки назариёти худро дар матбуоти ҳизбӣ иброз намояд, асноди алтернативӣ ба Раёсати марказии ҲДТ пешниҳод кунад, изҳорот диҳад, баррасии асноди алтернативиро дар маҷлис, конфронс ва анҷуманҳои ҳизб тақозо намояд, бидуни халал расонидан ба иҷрои қарорҳои ҳизбӣ метавонад онҳоро танқид кунад ва аз назариёти хеш ҷонибдорӣ намояд. Фраксия дар он сурате ташкил хоҳад ёфт, ки аз маромномаи он на камтар аз даҳ фоизи аъзои ҳизб тарафдорӣ кунанд».

### *Маҳдудиятҳои фаъолияти ҳизбҳо*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси ҳизбҳои сиёсие, ки мақсад ва амалашон ба тарғибу ташвиқи маҳалгароӣ ва ё низои миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ равона гардидааст, манъ карда мешавад. Ба ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон доштани гурӯҳҳои ҳарбӣ ва ҳарбикунонидашуда, ҳамчунин таъсис додани ташкилотҳои ҳизб дар Қувваҳои Мусаллаҳ ва дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ иҷозат дода намешавад. Хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (прокурорҳо, милисаҳо, коркунони амнияти давлатӣ, полиси андоз, адлия ва гумрук) аъзои ҳизби сиёсӣ шуда наметавонанд.

Тавре дар боло зикр шудааст, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» дорои як қатор муқаррарот аст, ки мувофиқи он бояд фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар назди ҷомеа шаффоф ва ошкоро бошад. Аввал, гурӯҳи ташаббускор бояд дар бораи ҷой ва санаи гузаронидани анҷумани муассисон, инчунин муқаррароти асосии оинномаи ҳизб оид ба таъсиси ҳизби сиёсӣ ва санадҳои таъсисӣ дар васоити ахбори омма на дертар аз як моҳ пеш аз даъват кардани анҷумани муассисон хабар диҳад. Дуюм, барои аз қайди давлатӣ гузаштан рӯйхати на камтар аз ҳазор нафар шаҳрвандони тарафдорашро, ки сокини аксарияти шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, пешниҳод намояд. Ҳизб инчунин вазифадор аст, ки рӯйхати камаш 10 нафар иштирокчиёни маҷлиси муассисонро бо нишон додани маълумоти шиносномаҳо ва ҷои истиқоматашон пешниҳод кунад. Барои қайди давлатӣ оинномаи ҳизб ва иқтибос аз протоколи анҷумани муассисон низ пешниҳод мегардад. Ба ғайр аз ин, одатан кормандони Вазорати адлия ба анҷумани муассисон даъват карда мешаванд, то ки ба фаъолияти он назорат кунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ бояд баъди таъсиси сохтори ҳизб дар ноҳия, шаҳр ва вилоятҳо мақомоти ҳокимияти маҳаллиро ба таври хаттӣ хабардор намоянд.

Ҳизбҳои сиёсӣ ҳар сол ба Вазорати адлия дар бораи фаъолияти худ ва шумораи умумии аъзои ҳизб ахборот пешниҳод менамоянд. Ҳизбҳо дар бораи ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти худ дар нашрияи ҳизбӣ, рӯзномаҳо ва сомонаҳои интернетӣ, аз ҷумла дар бораи иштирок дар чорабиниҳои оммавии мамлакат маълумот интишор мекунанд. Аксар масъалаҳои назорати дохилӣ, ки дар оинномаи ҳизби сиёсӣ инъикос нашудааст, дар дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҳалли худро ёфтаанд. Дар аксар ҳизбҳои сиёсӣ таҷрибаи аз тарафи муовинони раиси ҳизб (ё дигар аъзои мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб) назорат кардани соҳаҳои муайяни фаъолият ва ё минтақаи муайян ба роҳ монда шудааст. Ҳангоми сафарҳояшон ба ин ё он вилоят онҳо шахсан вазъи ташкилотҳои ҳизбиро дар маҳал, аз ҷумла шумораи аъзои нави ҳизб, паҳн намудани маълумот дар бораи фаъолият ва барномаҳои ҳизб, чорабиниҳои гузарондашуда, ҳамкорӣ бо ҳизбҳои дигар ва ғайраро мавриди санҷиш қарор медиҳанд. Аз натиҷаи сафарҳояшон ҳисоботи муфассал омода намуда, ба конферентсия ва ҷаласаҳои навбатии мақоми олии ҳизб баррасӣ менамоянд.

# Боби 3. Иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар интихобот

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зумраи кишварҳоест, ки дар он то ҳол кодекси ягонаи интихоботӣ қабул нашудааст; низоми интихоботии Тоҷикистон ба стандартҳо ва талаботи байналмилалӣ барои интихоботи озодона ва одилона комилан ҷавобгӯ нест. Бо вуҷуди ин, «бояд ба низоми интихоботии қабулкардаи кишвар боэҳтиромона муносибат кард, агар дар ин низом меъёрҳо ва талаботи ҳадди ақали қонунгузорӣ, ки аз интихоботи демократӣ шаҳодат медиҳанд, риоя шаванд».[15] Дар Тоҷикистон то ҳол панҷ қонуни алоҳида амал менамояд, ки раванди интихоботро танзим мекунанд:

- Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ»;
- Қонуни худидоракунии маҳаллӣ, ки боби интихоботи ҷамоатҳоро дар бар мегирад.

Ҳар яке аз ин қонунҳо низоми ҳуқуқии худро барпо мекунад ва аз ҳамдигар вобастагӣ надорад. Барои мисол, дар рӯзи интихоботи умумиҷумҳуриявӣ, 28 феврали соли 2010, се қонуни интихобот (интихобот ба Маҷлиси Олӣ, ба маҷлисҳои маҳаллӣ дар сатҳи шаҳрӣ, ноҳиявӣ, вилоятӣ ва мақомоти худидоракунӣ) дар як замон амал мекарданд. Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР) ҳамчун мақоми мустақил, ки барои ташкил кардани интихоботи умумиҷумҳуривӣ масъул аст, танҳо барои ташкил кардани интихоботи парлумони миллӣ ҳуқуқ дошт. Интихоботи сатҳи поёнӣ аз тарафи мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ ташкил

15 ОБСЕ/БДИПЧ-Венецианская Комиссия, Руководящие принципы правового регулирования деятельности политических партий, §122.

карда шуда буд, ки ба принсипи тақсими ҳокимият байни шохаҳои ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор мувофиқат намекунад.

Низоми интихоботии омехтаи амалкунанда ба шаҳрвандони Тоҷикистон имконият медиҳад, ки ба Парлумон ва мақомоти қонунгузории маҳаллӣ ҳам аз рӯи рӯйхати ҳизбӣ ва ҳам ҳамчун номзади мустақил бо ба даст овардани шумораи муқарраршудаи имзоҳо, пешбарӣ шаванд.

Яке аз тавсияҳои Ҳисоботи мазкур ин таҳияи кодекси ягонаи интихоботӣ дар Тоҷикистон мебошад. Дар айни замон қонунҳои алоҳидаи зиёде мавҷуданд. Вале КМИР-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб мекунад, ки қонунҳои амалкунандаи интихобот ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунанд. Гузашта аз ин, ба ақидаи КМИР, аз рӯи масъалаи мазкур таҷрибаи ягонаи байналмилалӣ вуҷуд надорад.

## *Бақайдгирии номзадҳо ва шакли бюллетени интихобот*

Ҳамон ҳизби сиёсие дар интихобот иштирок карда метавонад, ки агар на камтар аз як сол пеш аз санаи баргузории интихобот ба қайд гирифта шуда бошад. Барои ҳамин се имконияти иштироки номзадҳои фардӣ дар интихобот вуҷуд дорад:

- агар онҳо ба рӯйхати умумии номзадҳои ҳизб ба Маҷлиси Олӣ аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявии интихобот ворид шуда бошанд (то 22 нафар номзад);
- агар аз ҳизбҳои сиёсӣ аз тарафи мақомоти вилоятӣ, ноҳиявӣ ва шаҳрӣ дар конференсияи онҳо номзад пешбарӣ шуда бошанд;
- агар аз рӯи ҷамъ овардан ва пешниҳод намудани миқдори лозимии имзоҳо пешбарӣ шуда бошанд .

Дар сатҳи ҷумҳуриявӣ номзадҳо аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявии интихобот ва фақат бо рӯйхати ҳизбӣ (ҳар як рӯйхат то 22 номзадро дар бар мегирад) интихоб мешаванд. Ҳизбҳои сиёсӣ миқдори ҷойҳоро мутаносибан ба миқдори овозҳои дар натиҷаи интихобот ба даст овардаашон соҳиб мешаванд. Масалан, агар ҳизби А 50 фоизи овозҳоро ба даст орад, 11 номзад ба ҳуқуқи мандати вакилӣ дар парлумон ноил мегардад.

Бо роҳи алтернативӣ номзад метавонад дар конференсияи пешазинтихоботии ноҳиявӣ ё шаҳрии ҳизб пешбарӣ шавад. Чун қоида маълумоти аз як қатор шаҳру ноҳияҳо дар бораи чунин номзадҳо гирифташуда ҷамъбаст карда мешаванд, чунки шумораи шаҳру ноҳияҳо (68 ноҳияҳои маъмурӣ) бо миқдори ҳавзаҳои интихоботии якмандатӣ рост намеояд. Дар ин ҳолат дар шаҳру ноҳияе, ки ҳудуди онҳо ба як ҳавзаи интихоботӣ барои интихоботи Маҷлиси олӣ (аниқтараш, ба Маҷлиси намояндагон, ки палатаи поёнии Парлумон мебошад) дохил мешаванд, барои пешбарии номзадҳои умумӣ дар ҳавзаи интихоботии мазкур конференсияи умумии ҳизбӣ даъват карда мешавад. Мисоли ин ҳавзаи интихоботии № 12 (Рашт)

шуда метавонад, ки ноҳияҳои Ҷиргатол, Тоҷикобод, Рашт, Тавилдара ва қисми ноҳияи Нурободро дар бар мегирад.

Имконияти сеюми иштирок дар интихоботи Маҷлиси намояндагон ин худпешбарии номзадҳо (ҳамчун узви ҳизб ё номзади мустақил) мебошад. Дар ин маврид номзад ба Комиссияи ҳавзавии интихоботӣ ариза пешниҳод мекунад ва бояд барои тарафдории худ на камтар аз 500 имзои интихобкунандагони ин ҳавзаро ҷамъ намояд.

Роҳбарон ва намояндагони ҳизбҳо метавонанд ҳамаи ин се роҳи пешбарии номзадҳоро истифода баранд. Масалан, роҳбари ҳизб, ки рӯйхати ҳизбиро аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявии интихобот роҳбарӣ мекунад, ҳамзамон, метавонад имзои тарафдоронашро дар ҷои истиқомат, кор ва ё ҷои таваллуд ҷамъ намояд. Дар ин ҳолат роҳбари ҳизб метавонад ба Парлумон аз ҳавзаи интихоботии якмандатӣ интихоб шавад, ҷои ӯро дар рӯйхати ҳизбӣ бошад (аз ҳавзаи ягонаи умумиҷуҳуриявӣ) номзади оянда ишғол мекунад ва ба ҳамин восита, шумораи номзадҳое, ки аз ҳизб ба Парлумон интихоб мешаванд, зиёд мегардад.

Роҳи дигари зиёд кардани имконияти ба Парлумон ҳарчӣ бештар интихоб шудани аъзои ҳизб, ин пешбарӣ намудани як номзад дар конференсияи пешазинтихоботӣ, номзади дигар бошад бо роҳи ҷамъ кардани имзои тарафдорон мебошад. Дар натиҷа имконияти ба Парлумон интихоб шудани номзадҳо аз ҳизб меафзояд, чунки амалҳои мувофиқкардашудаи ҳар ду номзад метавонад ба интихоб шудани рақибон, ки мустақилона амал мекунанд, монеъ шавад.

Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчунин метавонанд шахсонеро барои иштирок дар интихобот пешбарӣ намоянд, ки аъзои ҳизб нестанд. Масалан, дар интихоботи гузаштаи парлумонӣ ҲНИТ нависандаи шинохтаи кӯдакон, Муҳибулло Қурбонро чун номзади худ аз ҳавзаи интихоботии якмандатии № 20 (Исфара) пешбарӣ кард.

## *Бюллетенҳои интихоботӣ*

Номҳои ҳизбҳо дар бюллетенҳои интихоботӣ ба тартиби алифбо навишта шудаанд, ки ин имконияти маҳдудкунии ҳуқуқи онҳоро бартараф мекунад. Дар бюллетенҳои интихоботии ҳавзаҳои якмандатӣ бошад дар баробари номи ҳар номзад тарзи пешбарӣ гаштани ӯ низ нишон дода мешавад. Мувофиқи қонун ду тарзи пешбарии номзад вуҷуд дорад: пешбарӣ дар конференсияи ҳизбии шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ё бо роҳи худпешбарӣ бо ҷамъ кардани шумораи лозимии имзоҳо. Номи номзадҳо дар чунин рӯйхатҳо ҳам ба тартиби алифбо навишта мешаванд. Маъмулан, номзадҳои фардӣ танҳо аз як ҳавзаи интихоботӣ, аз ҷои истиқомати (ё ҷои таваллуди) номзад пешбарӣ карда мешаванд. Ҳизби сиёсӣ ӯро пешбарӣ мекунад ва номзад метавонад аз тарафи ташкилотҳои маҳаллии ҳизбҳои дигари вилоят дастгирӣ ёбад.

Мувофиқи қонунҳои амалкунандаи интихобот «пешбарӣ намудани номзадҳо ба вакилии Маҷлиси намояндагон дар ҳавзаҳои интихоботии якмандатӣ 60 рӯз пеш аз интихобот, аз рӯи рӯйхати номзадҳо бошад баъд аз таъини интихобот сар шуда, 45 рӯз пеш аз интихобот тамом мешавад».[16] Баъди ба охир расидани ин мӯҳлат номи номзадҳо ба бюллетени интихоботӣ даровarda намешавад.

Рӯйхатҳои ҳизбӣ, ки дар овоздиҳӣ иштирок мекунанд, пӯшида мебошанд. Онҳо қаблан дар маҷлиси олии ҳизбӣ (анҷуман) тасдиқ карда мешаванд, тартиби ҷобаҷокунии номзадҳо дар рӯйхати ҳизб муайян карда мешавад. Аз ҳамаи ҳизбҳо, ки кӯшиши пешниҳод кардани рӯйхати пурраро ба КМИР, ки шумораи аз ҳама зиёди номзадҳоро дар бар мегирад, (22 нафар, ин ба шумораи умумии вакилон, ки аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ интихоб мешаванд мувофиқ аст), танҳо ҳизби ҳоким - ҲХДТ одатан рӯйхати иборат аз 22 нафар номзадро пешниҳод мекунад. Баръакс, ҳизбҳои дигар аз сабаби баланд будани маблағи гарави интихоботӣ, ҳатто баъзан нисфи шумораи иҷозатдодашудаи номзадҳоро пешбарӣ карда наметавонанд.

## *Иштироки ҳизбҳо ва номзадҳои онҳо дар маъракаҳои интихоботӣ*

Муқаррароти амалкунандаи КМИР дар бораи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар рафти маъракаҳои интихоботӣ як зумра ҷанбаҳои мурофиавӣ ва молиявии иштироки ҳизбҳои сиёсиро дар маъракаҳои интихоботӣ танзим мекунад. Аз ҷумла қайд карда шудааст, ки ҳизби сиёсӣ танҳо баъди тасдиқ шудани рӯйхати номзадҳо аз тарафи КМИР ҳуқуқи гузаронидани маъракаҳои интихоботиро дорад. Талаботи дигар ба гарави интихоботӣ тааллуқ дорад ва дар ин ҳисобот ба таври муфассал баён шудааст. Дар баъзе аз рӯйхатҳои ҳизбҳо шумораи ду ё се баробар ками номзадҳо, назар ба он ки қонун иҷозат додааст, ворид карда шудаанд. Маҳдудияти маблағгузории ҳизбҳо аз тарафи шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ ҳам ба фаъолияти пешазинтихоботии ҳизбҳои сиёсӣ таъсир мерасонад. Масалан, тибқи қонун ҳадди аксари маблағҳои хайрияе, ки шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ метавонанд барои маъракаҳои пешазинтихоботии ҳизб маблағгузорӣ кунанд, муайян карда шудааст. Мувофиқи санади таҳиякардаи САҲА/ДИДҲИ ва Комиссияи Венетсиягӣ-*Роҳнамо оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ* барои додани иҷозати иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар интихобот, давлат метавонад иҷрои як қатор шартҳоро аз онҳо талаб кунад. Одатан дар бораи супурдани маблағи гарави интихоботӣ (он ба ҳизбҳо баргардонда мешавад, агар ба гирифтани фоизи қаблан муайянкардаи овозҳо муваффақ шаванд), пешниҳоди далелҳо дар бораи ҷой доштани ҳадди ақали дастгирии ҳизб аз тарафи шаҳрвандон (дар шакли варақаҳои имзогузорӣ), ё дар бораи ба даст овардани мандат ё фоизи муайяни ҳадди ақал дар интихоботи гузашта, сухан меравад (банди 142).

---

[16] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»., моддаи 31.

## *Назорат аз болои интихобот*

Тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», нозирони миллӣ ҳуқуқ доранд, ки дар рӯзи интихобот назоратро анҷом диҳанд. Мувофиқи моддаи 8 Қонуни мазкур «Ҳизбҳои сиёсӣ, ки номзадҳои худро ба вакилӣ пешбарӣ намудаанд ва номзадҳо ба вакилӣ, ки ба тарзи худпешбарӣ пешниҳод шудаанд ҳуқуқ доранд бо тартиби муқарраргардида нозирони миллиро таъин намоянд, ки онҳо дар рӯзи интихобот дар биноҳои овоздиҳӣ назоратро анҷом медиҳанд». Ҳамин тавр, Қонун таъини нозиронро аз ягон муассисаю ташкилот манъ намекунад. Яъне, ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо ҳуқуқи таъини нозирони миллиро доранд. Гузашта аз ин, КМИР сабаби даровардани тағйиру иловаҳоро ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон намебинад, то ки кафолати бештар ба он диҳад, ки нозирони миллӣ аз ягон ташкилоту муассисаи муайян таъин шаванд. Аз тарафи дигар, дар қонунгузории амалкунанда гуфта нашудааст, ки намояндагони Созмонҳои ғайридавлатӣ (СҒД) дар вақти интихобот нозирони мустақил шуда метавонанд. Ба мисли он ки дар аксар кишварҳо, Созмонҳои ғайридавлатии Тоҷикистон наметавонанд ҳамчун нозир дар интихоботи ҷумҳуриявӣ (маҳаллӣ) иштирок кунанд.

Дар арафаи интихоботи гузаштаи Парлумон «Эътилофи СҒД барои интихоботи одилона!» (зиёда аз 15 СҒД) барои таҳияи тағйиру иловаҳо ба қонунҳои ҷумҳурӣ бо мақсади фароҳам овардани имконияти иштироки нозирони маҳаллӣ дар раванди назорати интихобот, гурӯҳи корӣ таъсис дод. Дар бораи ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон оид ба назорати интихобот бошад, дар банди 8 Санади иҷлосияи Копенгаген, Конференсия оид ба абъоди инсонии КАҲА (соли 1990) муқаррароти зерин омадааст:

*«Давлатҳо-иштироккунандагон чунин мешуморанд, ки иштироки нозирони ҳам байналмилалӣ ва ҳам миллӣ метавонад нуфузи раванди интихоботиро дар давлатҳое, ки интихобот гузаронида мешавад, баланд бардорад. Барои ҳамин онҳо нозиронро аз ҳар давлат-иштироккунандаи КАҲА ва ҳар муассисаю ташкилотҳои хусусии дахлдор, ки хоҳиши инро доранд, даъват мекунанд, то ки ба раванди интихоботи миллии онҳо ба андозае, ки қонун иҷозат медиҳад, назорат кунанд. Онҳо ҳамчунин кӯшиш мекунанд, ки бо чунин дастрасӣ ба равандҳои интихоботӣ, ки дар сатҳи хеле пасттар, назар ба сатҳи умумимиллӣ гузаронида мешаванд, низ мусоидат кунанд. Чунин нозирон ба худ ӯҳдадорӣ қабул мекунанд, ки ба раванди интихоботӣ мудохила намекунанд».*

## *Қоидаҳои дастрасӣ ба воситаҳои ахбори омма (ВАО)*

Чуноне ки дар Ҳисоботи миссияи баҳодиҳии САҲА/ДИДҲИ оиди интихоботи парлумонӣ дар Тоҷикистон дар моҳи феврали соли 2010 омадааст, «фаъолияти

ВАО дар Тоҷикистон ба таври умум аз тарафи давлат назорат карда мешавад»[17] ва тибқи санади таҳиякардаи САҲА/ДИДҲИ ва Комиссияи Венетсиягӣ- *Роҳнамо оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ*, «санадҳои қонунгузорие, ки тартиби дастрасии ҳизбҳо ва номзадҳоро ба ВАО-и давлатӣ танзим мекунанд, бояд дар асоси принсипҳои поймол накардани ҳуқуқ ва муносибати баробар амал кунанд» (банди 148). Қонунгузории Тоҷикистон ва муқаррароти КМИР ба таври умум қоидаҳои истифодаи воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла ба ҳизбҳои сиёсӣ, номзадҳои онҳо ва номзадҳои мустақил имконияти пешкаш кардани вақти эфири бепул ё пулакиро, муайян мекунад. Мувофиқи Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (моддаи 39) ба номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ барои истифодаи васоити ахбори омма шароитҳои баробар кафолат дода мешавад[18]. Ташвиқот дар вақти гузаронидани интихобот бо роҳҳои зерин сурат мегирад:

- аз тариқи воситаҳои ахбори омма;
- гузаронидани маъракаҳои оммавӣ (маҷлисҳо ва вохӯриҳо бо шаҳрвандон, ташкили баҳсу мунозираҳо);
- нашр ва паҳн намудани маводи чопии ташвиқотӣ;
- бо дигар шаклҳое, ки Қонун муқаррар намудааст.

Мувофиқи қонун, ҳар як номзад ба вакилӣ аз ҳавзаи якмандатӣ барои баромад аз тариқи радио ва телевизиони давлатӣ то 15 дақиқа, ҳар як ҳизби сиёсӣ то 30 дақиқаи вақти эфир ҳуқуқ дорад.[19] Бо вуҷуди ин дар давоми солҳои гузашта вохӯрӣ бо интихобкунандагон аз тарафи ҳукуматҳои маҳаллӣ ва комиссияҳои интихоботӣ гузаронида мешуданд, ки бо ин роҳ, ба ҷои расондани ёрии амалӣ, ба ҷараёни гузаронидани маъракаҳои пешазинтихоботӣ дахолат мекарданд.

Тавре ки дар Ҳисоботи хотимавии ДИДҲИ дар бораи охирин интихоботи Парлумон дар Тоҷикистон, аз ҷумла, дар боби меъёрҳои ҳуқуқии кори ВАО (Варшава, 6 июли соли 2010, саҳ. 19-20), омадааст, «дар асоси қарори КМИР ҳар як ҳизб ва номзади ба қайд гирифташуда ҳуқуқи истифодаи бепули вақти эфир дар ТВ Тоҷикистон ва радиои Тоҷикистон ва шӯъбаҳои маҳаллии онҳоро пайдо карданд. Илова бар ин, ҳар як ҳизб ва номзади ба қайд гирифташуда ҳаққи нашри бепулро дар ҳаҷми 8 саҳифаи андозаи А4 дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии давлатӣ гирифтанд. Мушоҳидаҳои миссияи ҳайати нозирони интихоботи САҲА/ДИДҲИ нишон дод, ки ВАО-и давлатӣ, ҳам радиою телевизион ва ҳам нашрияҳо ин талаботро иҷро карданд, ҳарчанд вақти эфири бепул барои ҳизбҳои сиёсӣ дар телевизиони Тоҷикистон танҳо аз 18 феврал, яъне 8 рӯз пеш аз рӯзи интихобот дода

---

17 ОБСЕ/БДИПЧ, “Отчет Оценочной Миссии по выборам-Республика Таджикистан, парламентские выборы, февраль 2010,” Варшава, 4 декабря 2009, с. 2.

18 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», моддаи 39.

19 Дар ҳамон ҷо, моддаи 39.

шуда буд. Дар ҳоле, ки ҳамаи ҳизбҳо вақти эфири бепули худро дар телевизиони Тоҷикистон истифода бурда тавонистанд, танҳо ҲНИТ ин имконияти худро дар радиои Тоҷикистон истифода бурд. Ҳамчун мисоли дастоварди мусбат, метавон қайд кард, ки 26 феврал телевизиони Тоҷикистон дар вақти эфири бепул баҳсу мунозираи ҳамаи ҳизбҳои сиёсиро, ки қаблан сабт шуда буд, намоиш дод.

Қонун маҳдудиятҳои хеле зиёдеро барои гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ дар назар гирифтааст, барои мисол:

*«дар вақти бурдани ташвиқот истифодаи методҳои маҷбуркунии рӯҳӣ, ҷисмонӣ, динӣ, суиистифодаи озоди васоити ахбори омма, ташвиқоте, ки ҳисси бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллиро бедор мекунад, ба ғасби ҳокимият, зуран тағйир додани сохти конститутсионӣ, вайронкунии тамомияти кишвар даъват менамояд, ташвиқоти ҷанг ва дигар шаклҳои суиистифодаи озодии васоити ахбори омма, ки қонунҳои Тоҷикистон манъ кардаанд, иҷозат дода намешавад».*

Қонун ҳамчунин истифода бурдани ба ном « пиари сиёҳ»-ро (сиёҳкунии рақибон) ҳангоми гузаронидани маъракаҳои пешазинтихоботӣ иҷозат намедиҳад, ба мисли нашри ахборот дар ВАО, ки шаъну шараф ва обрӯю эътибори кории номзадҳоро паст мезанад. Ин муқаррарот метавонад «ба кафолати конститутсионии озодии баёни фикру ақида, ки барои озодии бемаҳдуди сухан дар гузаронидани маъракаҳои пешазинтихоботӣ ва инъикоси интихобот дар воситаҳои ахбори омма зарур аст, мухолифат кунад ».[20] Ба қавли таҳлилгарони маҳаллӣ оид ба масъалаҳои интихобот, дар интихоботи парлумонии соли 2010, барои ба таври шаффоф ва ошкоро сурат гирифтани интихобот чораҳои муҳим андешида шуда буданд. Аз ҷумла, омилҳои мусбати зеринро дар робита ба иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар интихобот қайд бояд кард:

- Нахустин бор ҷавононе, ки баъд аз истиқлолияти давлатӣ ба даст овардани Тоҷикистон таваллуд шудаанд, дар раванди интихоботи парлумонӣ иштирок карда, ҳиссаи сазовор гузоштанд.
- Нахустин бор намояндагони СҒД ва махсусан, ташкилотҳои занон дар интихоботи парлумонӣ фаъолона иштирок намуданд.
- Ба номзадҳо, ҳизбҳои сиёсӣ ва намояндагони онҳо нисбат ба интихоботи гузашта (2005) имконияти истифодаи бештар аз воситаҳои ахбори омма дода шуд.
- Нозирони миллӣ аз ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳои мустақил дар раванди интихобот фаъолонатар иштирок карданд. Дар Ҳисоботи ҷамъбастии ДИДҲИ (соли 2010) оид ба нозирони миллӣ чунин омадааст: «дар Қонун дар бораи интихобот қайд карда шудааст, ки номзадҳои аз ҳизбҳои сиёсӣ ва ба тарзи худпешбарӣ пешниҳодшуда ҳуқуқ доранд, ки нозирони хешро барои назорати

---

[20] ОБСЕ/БДИПЧ, “Итоговый отчет Миссии по наблюдению за выборами-Республика Таджикистан, парламентские выборы, 28 февраля 2010,” Варшава, 6 июля 2010, с. 16.

интихобот таъин кунанд. Ҳар як ҳизби сиёсӣ ва номзади мустақил метавонад як нозирро дар ҳар як комиссияи участкавии интихоботӣ таъин намояд... зиёда аз 24000 нозирони миллӣ аз ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳои мустақил ҷараёни интихоботро назорат карданд».[21] Ин чунин маъно дорад, ки камаш 8 нафар нозирон дар ҳар яке аз 3067 участкаи интихоботӣ ба рафти интихобот назорат намуданд.

- Ҳамаи ҳашт ҳизби сиёсӣ дар интихоботи парлумонӣ иштирок намуданд (ҲСТ ва ҲДТ интихоботи қаблиро бойкот эълон карданд).
- Роҳбарияти сиёсии давлат нияти худро барои таъмини интихоботи шаффоф ва ошкоро баён дошт. Дар паёми солонаи худ ба Маҷлиси намояндагон 15 апрели соли 2009 Президенти кишвар ваъда дод, ки интихоботи парлумонии соли 2010 шаффоф ва ошкоро хоҳад шуд.

## *Мулоҳизаҳои умумӣ*

Коршиносони миллӣ ҷой доштани омилҳои манфии зеринро дар интихоботи парлумонии гузашта қайд карданд:

- Мавҷуд набудани Кодекси ягонаи интихобот шаффофияти фаъолияти комиссияҳои интихоботиро дар ҳамаи сатҳҳо халалдор намуд. Дар рӯзи интихобот, дар як вақт се қонуни интихобот истифода карда шуд. Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ танҳо барои гузаронидани интихобот дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ҷавобгӯ буд, дар ҳоле ки интихоботи маҳаллӣ аз тарафи мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ гузаронида шуд ва он қадар шаффоф ва ошкоро набуд. Тавре ки дар Ҳисоботи ҷамъбастии САҲА/ДИДҲИ қайд шудааст, «дар як вақт гузарондани интихоботи маҳаллӣ ва парлумонӣ ба нофаҳмӣ оварда расонд, барои Комиссияҳои ҳавзавии интихоботӣ ва Комиссияҳои участкавии интихоботӣ равшан набуд, ки протокол дар бораи ҷамъбасти овоздиҳӣ ба интихоби парлумониро ба кӣ супоранд» (саҳ. 30).
- Намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ имконият ва ҳуқуқи аниқ муайяншудаи назорати интихоботро надоштанд (нигаред ба қисмати «Назорат аз болои интихобот» дар боло).
- Комиссияҳои участкавии интихоботӣ аз аъзое, ки аз тарафи роҳбарони мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва ноҳияҳо бе иштироки намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ таъин шуда буданд, иборат буд ва онҳо ҳам ба раванди интихобот дар сатҳи поёнии ташкили он дахолат мекарданд. Дар ин бора КМИР чунин меҳисобад, ки мувофиқи моддаи 16 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», комиссияи участкавии интихоботиро оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон, комиссияи ҳавзавии интихоботӣ оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон аз ҳавзаи якмандатии интихобот камаш 45 рӯз пеш

[21] Ibid., p. 20-21.

аз интихобот дар ҳайати на кам аз 5 ва на зиёда аз 19 нафар, аз ҷумла раис, ҷонишини раис, котиби комиссия, ташкил мекунад. Мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ аъзои комиссияҳои участкавии интихоботиро таъин намекунанд ва чунин комиссияҳо таъсис намедиҳанд. Аз тарафи дигар қонуни мазкур мусбӣ бошад ҳам, кафолати онро намедиҳад, ки комиссияҳо бисёрҳизбӣ ва аз таъсири беруна озод бошанд.

- Хеле баланд будани гарави интихоботӣ ба бисёрии шаҳрвандон монеъ мешуд, ки аз ҳуқуқи «интихоб шудан» истифода баранд. Ин ҳуқуқ боз бо талаботи дигари қонун, ки номзадҳо бояд маълумоти олӣ дошта бошанд, ҳаққи онҳоро маҳдуд мекард. Дар ин бора далели асосии КМИР чунин аст: талаботи доштани маълумоти олӣ меъёри конститутсионӣ мебошад. Ин таҷриба дар қонунгузории бисёр кишварҳо васеъ паҳн шудааст. Асоси ин мавқеъгирӣ моддаи 49 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар он омадааст: «ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синни ӯ аз **25** кам набошад ва дорои таҳсилоти олӣ бошад, метавонад вакили Маҷлиси намояндагон интихоб шавад». Дар Сарқонун ҳамчунин қайд шудааст, ки «ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синни ӯ аз **35** кам набошад ва дорои таҳсилоти олӣ бошад, метавонад узви Маҷлиси миллӣ интихоб ё таъин шавад». Тибқи КМИР Маҷлиси намояндагон парлумони касбии доимоамалкунанда буда, асоси фаъолияти онро омода ва қабул намудани қонунҳое, ки ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқанд ва ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд, ташкил медиҳад. Аз ин сабаб доштани таҳсилоти олӣ шарти ҳатмии интихоби шаҳрванд ба вакили Маҷлиси намояндагон мебошад. Вакил дар як вақт ташаббускори қонунгузорӣ мебошад. Бинобар ин шахсе, ки таҳсилоти олӣ надорад, дар омодасозӣ ва тасвиби қонунҳо иштирок карда наметавонад ва намояндаи воқеии мардум дар мақоми олии қонунгузорӣ шуда наметавонад. Мутаассифона, ин мавқеъгирии КМИР ба назар намегирад, ки шумораи зиёди шаҳрвандон, ки таҷрибаи кофӣ доранд ва намояндаи мардумӣ шудан мехоҳанд, таҳсилоти олӣ надоранд. Илова бар ин, имтиёзи доштани таҳсилоти олӣ ин поймол кардани ҳуқуқи шахсонест, ки ҳуқуқу имтиёзҳои маҳдуд (ба мисли занон) доранд.
- Раванди ҳисобкунии овозҳо низ боиси сар задани баҳсу мунозираҳои шадид дар бораи боадолатона ва ошкоро будани интихобот миёни ташкилкунандагон ва интихобкунандагон гардид. Мувофиқи моддаи 46 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» «ҳисобкунии бевоситаи овозҳои интихобкунандагон, вакилони интихобкунанда дар ҷойҳои махсус таҷҳизонидашуда, ки ба он аъзоёни комиссияи интихоботӣ дастрасӣ доранд, гузаронида мешавад. Зимнан ҳангоми ҳисобкунии овозҳо фаъолияти аъзои комиссия бояд ба ҳозирон аён бошад».

### *Намояндагони ақаллиятҳо дар ҳизбҳои сиёсӣ*

«Қонунҳои мавҷудаи Тоҷикистон мафҳуми «ақаллият»-ро дар бар намегирад». Ақаллияти ӯзбекҳо дар Тоҷикистон сершумортарин ба шумор рафта, 15,3 фоизи аҳолиро ташкил медиҳад.[22] Ба рӯйхати интихоботии ҳизбҳои сиёсӣ одатан намояндагони ақаллиятҳо дохил карда мешаванд. Масалан, дар сессияи якуми Маҷлиси Олӣ (соли 2000) якчанд намояндагони ақаллиятҳои этникӣ иштирок карданд: Сергей Михайлович Павленко (ҲХДТ), рус, муовини раиси Кумита оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва Зулфия Анваровна Узоқова (ҲХДТ), ӯзбек, узви Кумита оид ба қонунияти конститутсионӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон.

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ соли 2000 намояндагони ақаллиятҳои миллии зеринро дар бар мегирифт: Абдуқодир Эрматов, ӯзбек, муовини раиси Кумитаи иқтисодиёт ва коммуникатсияи Маҷлиси миллӣ; Идрис Шоджонов, қирғиз, узви Кумитаи ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳамкорӣ бо ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, васоити ахбори омма ва муносибатхои байнипарлумонӣ; Нина Павловна Кравченко, рус, узви Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, тандурустӣ, илму маориф, фарҳанг ва сиёсати занон ва ҷавонони Маҷлиси миллӣ; Ҳамидулло Шералиевич Алишеров, ӯзбек, узви Кумитаи ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳамкорӣ бо ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, васоити ахбори омма ва муносибатхои байнипарлумонӣ ва Эшбӯрӣ Эшонкулов, ӯзбек, узви Кумитаи ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳамкорӣ бо ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, васоити ахбори омма ва муносибатхои байнипарлумонӣ.

Дар Маҷлиси Олӣ (даъвати дуюм, соли 2005) низ намояндагони ақаллиятҳои миллӣ шомил буданд, аз ҷумла Зуракан Давлаталиева, қирғиз, собиқ раиси ноҳияи Ҷиргатол, вакили Маҷлиси намояндагон ва Майрамбек Тойчиев, қирғиз, раиси ноҳияи Мурғоб, узви Маҷлиси миллӣ.

Дар Парлумони имрӯза, ки соли 2010 интихоб гардид, низ ду нафар намояндагони ақаллиятҳои ӯзбек дохил гардидаанд: Эшбӯрӣ Эшонкулов, ӯзбек, узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон, узви ҲХДТ ва Мақсуда Саматова, ӯзбек, узви Кумитаи Мачлиси намояндагон, узви ҲХДТ. Дар Маҷлиси миллии соли 2010 намояндагони зерини ақаллиятҳои миллӣ аъзо мебошанд: Тиркаш Қарабоев, ӯзбек, узви Кумитаи Маҷлиси Миллӣ ва Ҷамила Кенҷақулова, қирғиз, раиси ҷамоати Мурғоб. Маҷлиси миллӣ иборат аз 33 нафар аъзо буда, аз чор се ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллӣ (25 нафар) дар асоси намояндагии манфиатҳои ҳудудҳо аз тарафи мақомоти

---

[22] ЦРУ, World Factbook: Таджикистан, данные на 2000г., см: https://www.cia.gov/library/publications/the-world-factbook/geos/ti.html

намояндагии маҳаллӣ интихоб мешаванд ва аз чор як ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллиро (8 нафарро) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мекунад. Тиркаш Қарабоев ва Ҷамила Кенҷақуловаро Президент таъин кардааст. Ҳамин тавр, дар палатаи болоии Парлумон ду намояндаи ақаллиятҳои миллӣ намояндагӣ мекунанд. Илова бар ин ҳар Президенти собиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон узви якумраи Маҷлиси миллӣ мебошад, агар ӯ аз истифодаи ин ҳақ даст накашад.

Дар руйхати дигар ҳизбҳои сиёсӣ низ барои интихоботи Маҷлиси намояндагон номзадҳо аз ақаллиятҳои миллӣ ворид карда шуда буданд, вале аз сабаби гирифтани фоизи ками овозҳо натавонистанд ба Парлумони миллӣ интихоб шаванд. Барои иштирокчии фаъоли раванди демократии Точикистон будани ҳизбҳои сиёсӣ, бояд қонунгузорӣ дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ характери демократӣ ва намояндагӣ доштани фаъолияти дохилии ҳизбҳоро таъмин намояд. Ҳизбҳои сиёсӣ бояд дар ифода кардани фикру ақидаҳои сиёсии шаҳрвандон саҳмгузор бошанд. Дар банди 106 санади САҲА/ДИДҲИ- Комиссияи Венетсиягӣ, *Роҳнамо оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ* гуфта мешавад, ки «намунаи хуб барои пайравӣ кардан ҳамон вақт мешавад, ки агар ҳизбҳо ба тарзи ихтиёрӣ ба барномаҳои худ муқаррарот дар бораи ақаллиятҳои миллӣ ворид намоянд». Ғайр аз ин мувофиқи банди 138 барои дастгирии намояндагии ақаллиятҳои миллӣ дар ҳаёти сиёсӣ чораҳо андешидан лозим аст. Масалан, «дар таҷриба бештар чораҳои, ба мисли ҷудо намудани шумораи муайяни ҷой дар парлумон барои намояндагони ақаллиятҳои алоҳидаи миллӣ дида мешавад ».

# Боби 4. Маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ

Масъалаи маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ яке аз мавзӯҳои мушкили тадқиқоти фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Чунки оид ба ин масъала маълумоти кам мавҷуд аст ва худи ҳизбҳои сиёсӣ низ аз сӯҳбати ошкоро дар ин мавзӯъ худдорӣ мекунанд. Дар сӯҳбатҳо онҳо то чи андоза муҳим будани фаҳмиши ҷанбаҳои молиявии инкишофи бисёрҳизбии демократиро дар Тоҷикистон сарфи назар карда, танҳо муҳим будани ҳаққи аъзогиро дар рушди молиявии ҳизб қайд мекунанд. Мувофиқи моддаи 12, банди 6 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», КМИР ваколатдор аст, ки ба номзадҳои вакилони халқ барои иштирок карданашон дар маъракаи интихоботӣ шароити баробар муҳайё кунад. Дар асоси қонунҳои байналмилалӣ бошад, аз қабили Конвенсияи СММ бар зидди фасод (UNCAC), давлат бояд ҳамаи чораҳои заруриро андешад, то ки «шаффофияти маблағгузории номзадҳоро ба вазифаҳои ҷамъиятии интихобшаванда ва агар қобили иҷро бошад, маблағгузории ҳизбҳои сиёсиро, пурзӯр намояд».[23] Ҳамзамон, мувофиқи санади САҲА/ДИДҲИ ва Комиссияи Венетсиягӣ, *Роҳнамо оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ*, банди 159 омадааст:

*«Ҳизбҳои сиёсӣ барои амалӣ намудани вазифаҳои асосии хеш ҳам дар давраи интихобот ва ҳам дар давраи то интихоботӣ ба маблағгузории зарурӣ эҳтиёҷ доранд. Танзими маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ барои кафолати мустақилияти онҳо аз таъсири маблағдиҳандаҳо мусоидат карда, барои рақобати онҳо имкониятҳои баробар ба вуҷуд меорад ва дар таъмини шаффофият дар раванди маблағгузории онҳо нақши муҳим мебозад. Маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ тавассути хайрияҳои шахсӣ низ як шакли иштирок дар раванди сиёсӣ ба шумор меравад. Аз ҳамин сабаб қонунгузорӣ бояд кӯшиш намояд, ки тавозуни байни маблағгузории миёна ва маҳдуд намудани маблағгузориҳои нисбатан калонро барои эҳтиёҷоти ҳизбҳои сиёсӣ ба даст орад»*

---

[23] Конвенция ООН против коррупции, ст. 7 (3).

Ҳарчанд дар таҷрибаи ҷаҳонӣ шаклҳо ва тарзҳои гуногуни маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ (аз ҷумла, вобаста ба шумораи овозҳои гирифтаи ҳизб ё маблағгузории бевоситаи давлатӣ) мавҷуд аст. Аммо ин таҷрибаҳо дар Тоҷикистон ба низом даровара нашуда ва дар асоси қонунгузории дахлдор шаффоф ҳам нестанд. Ҳоло дар Тоҷикистон дастрасии бонизом ва пай дар пай ба қонунгузорӣ дар мавриди маблағгузории фаъолияти сиёсӣ ва маъракаҳои интихоботӣ вуҷуд надорад. Асос барои танзими маблағгузории сиёсӣ дар Тоҷикистон ин қонунҳои интихоботӣ ва қонун дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ мебошанд, вале танзими ҳуқуқӣ ва назорати маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ, ба таври умум, хеле суст ва номуназзам мебошад. Зарур аст, ки сохтори муназзами механизмҳоеро ба вуҷуд овард, ки хайрияҳои шахсӣ ва сарчашмаҳои маблағгузории маъракаҳои интихоботиро дар Тоҷикистон танзим ва маҳдуд карда тавонанд, Дар ин қисмати ҳисобот масъалаҳои асосии маблағгузории ҳизбҳо, аз ҷумла маҳдудияти хароҷоти маблағҳои молиявӣ аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ, маҳдудияти сарчашмаҳои кӯмаки моддӣ ва усулҳои маблағгузории давлатии ҳизбҳо ва маъракаҳои интихоботӣ баррасӣ мегардад.

### *Маблағгузории давлатӣ*

Маблағгузории давлатӣ метавонад ҳам барои гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ ва ҳам барои мақсадҳои дарозмуддати ба расмият даровардани ҳизбҳои сиёсӣ равона шавад. Илова бар ин зарур аст, ки фарқияти байни маблағгузории бевосита ва бавоситаи ҷамъиятӣ муайян карда шавад. Маблағгузории бавосита имконияти дастрасии ҳизбҳои сиёсӣ ё номзадҳоро ба хизматгузории арзон ё бепул фароҳам меоварад.[24]Дар Тоҷикистон танҳо имконияти гирифтани маблағгузории бавосита барои ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо барои интитихоботи парлумонӣ дар назар гирифта шудааст. Мувофиқи моддаи 15 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” дастгирии ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлат таъмини дастрасии баробар ба васоити давлатии ахбори омма ва таъмини имкониятҳои баробар барои гузаронидани маъракаҳои интихоботиро дар бар мегирад. Аммо дар моддаи мазкур дар бобати шаклҳои хоси дастгирии ҳиэбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлат чизе гуфта нашудааст, балки танҳо муқаррарот дар бораи дастрасии баробар ба васоити давлатии ахбори омма ва таъмини имкониятҳои баробар барои гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ оварда шудаанд. Илова бар ин таҷрибаи ҳозира нишон медиҳад, ки давлат ба ҳизбҳои сиёсӣ, ҳамчунин ташкилотҳои вобастаи онҳо (СҒД, марказҳои таҳлилӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра) маблағгузорӣ намекунад. Мувофиқи банди 178 санади САҲА/ ДИДҲИ- Комиссияи Венетсиягӣ, *Роҳнамо оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ*:

---

[24] Marcin Walecki, “Practical Solution for Spending Limits,” in Eds. Magnus Ohman and Hani Zainulbhai, “Political Finance Regulation: The Global Experience,” IFES, 2009

*“Қонунгузорӣ бояд возеҳу равшан дастгирии молиявии ҳизбҳои сиёсиро аз тарафи давлат иҷозат диҳад. Ҷудо кардани маблағҳои давлатӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ чун ҷузъи ҷудонашавандаи принсипи баробарии имкониятҳои ҳамаи номзадҳо ба шумор меравад, хусусан вақте ки ин маблағгузорӣ занон ва намояндагони ақаллиятҳои миллиро дар бар мегирад. Дар кишварҳое, ки ба ҳизбҳои сиёсӣ чунин кӯмаки молиявӣ расонда мешавад, қонунгузорӣ бояд муқарраротимувофиқро барои муайян намудани ҳаҷми маблағҳои ҷудошуда, ки зарур аст бетарафона ва беғаразона расонда шаванд, пешбинӣ намояд”.*

Тоҷикистон ҳамчунин Конвенсияи Иттиҳоди давлатҳои мустақилро дар бораи стандартҳои интихоботи демократӣ ба тасвиб расонидааст, ки он ба принсипҳои одилона ва ошкорои маблағгузории интихобот, маъракаҳои интихоботии номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ (эътилофҳо) такя мекунад.[25]

Алҳол ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон танҳо ба суратҳисобҳои бонкии давлатӣ, ки махсус ба ҳамин мақсад кушода шудаанд, дастрасӣ доранд. Чунин суратҳисоб дар давраи маъракаи интихоботӣ барои аз ҷониби хоҳишмандон гузаронидани хайрияҳо ба ҳизбҳои сиёсӣ кушода шуда, ба гузаронидани амалиётҳои суратҳисоб назорати доимӣ бурда мешавад. Вале ҳизбҳо дар амал маблағҳоро аз чунин суратҳисобҳои расмии дар бонкҳои давлатибуда кам мегиранд, зеро шаҳрвандон умуман намехоҳанд, ки ном ва тафсилоти молиявии онҳо ошкор шавад. Ба ғайр аз ин, онҳо ба сохтори молиявии давлатӣ боварии кам доранд.

Аз мусоҳибаҳо бо намояндагони ҳизбҳои мухолиф, ки Фонди байналмилалии системаҳои интихоботӣ (ФБСИ) дар соли 2006 гузаронида буд, дар амал суратҳисобҳое, ки дар банки марказӣ кушода мешаванд, барои гирифтани маблағҳо истифода намешаванд, чунки сабабгори расидани оқибатҳои манфӣ ба тарафдоронашон мегардад. Механизми таъмини «шаффофият», ки аз ҳизбҳои сиёсӣ пешниҳод намудани маълумот дар бораи сарчашмахои маблағгузориро талаб мекунад, метавонад дар асл барои ошкор кардани шахсоне, ки дар маблағгузории ҳизбҳо иштирок мекунанд, истифода шавад ва дар оянда ба муқобили онҳо муҷозот дида шавад. Ин чораҳо метавонанд дар шакли ҷорӣ намудани андозҳои беҳудуд ва “бофта” аз ҷониби мақомоти андоз, ё бекор кардани иҷозатнома барои фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра бошанд, ки барои даст кашидан аз дастгирии ҳизбҳои сиёсӣ, маҷбур месозанд.

---

25 Конвенция о стандартах демократических выборов, избирательных прав и свобод в государствах-участниках Содружества Независимых Государств от 7 октября 2002 г. См: http://www.echr-base.ru/democratic_sng.jsp. Текст Конвенции на английском языке см.: http://www.venice.coe.int/docs/2006/CDL-EL(2006)031rev-e.pdf.

## *Гарави интихоботӣ*

Гарави интихоботӣ дар Қонун дар бораи интихоботи Маҷлиси Олӣ[26] муайян шудааст ва маблағи он бо назардошти шароити ҳозираи иқтисодии Тоҷикистон хеле зиёд мебошад.[27] Ҳоло маблағи гарави интихоботӣ 1100 евро мебошад, дар интихоботи парлумонии соли 2005 бошад он 600 еврооро ташкил медод ва аз ин рӯ ин барои баланд бардоштани рӯҳияи ҳамкорӣ миёни давлат ва ҳизбҳои сиёсӣ, бахусус ҳизбҳои мухолиф, мусоидат намекунад. Баръакс, гарави калони интихоботӣ барои иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷараёни интихобот монеъ мегардад ва аз ҳизбҳои сиёсӣ маблағгузории зиёдро барои номзадҳои худ талаб менамояд.

Дар ҳавзаҳои интихоботии якмандатӣ гарави интихоботии номзад танҳо дар сурати интихоб шуданаш баргардонида мешавад. Гарави интихоботӣ дар сурати аз тарафи ҳизби сиёсӣ гирифтани на камтар аз панҷ фоизи овозҳо дар ҳавзаи интихоботии ягонаи умумиҷумҳуриявии интихоботӣ баргардонида мешавад. Талаботи супурдани гарави интихоботӣ ин иловаи нав ба қонуни интихобот мебошад, ки аз рӯи стандартҳои маҳаллӣ беандоза зиёд аст ва аз нуқтаи назари ҳизбҳои сиёсӣ бисёр номзадҳоро аз мубориза пешазинтихоботӣ берун карда, интихоби интихобкунандагонро маҳдуд мекунад. Дар ҳисоботҳои нави ФБСИ (IFES) қайд шудааст, ки гарави интихоботӣ ҳавасмандии ҳизбҳои мухолиф ва ё номзадҳои мустақилро барои иштирок дар интихобот кам мекунад. Дар муқоиса ба соли

---

[26] Мувофиқи моддаи 321 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», "Номзад ба вакили Маҷлиси намояндагон пеш аз бақайдгирӣ ва баъд аз муайян намудани мувофиқати ӯ ба талаботи Конститутсия ва Қонуни мазкур аз тарафи комиссияи ҳавзавии интихобот, аз маблағи шахсии худ ба суратҳисоби КМИР ба миқдори 200 (дусад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо гарави интихоботӣ месупорад.
Гарави интихоботии номзад дар сурати интихоб шуданаш ба вакилии Маҷлиси намояндагон ба ӯ баргардонда мешавад. Ҳангоми бекор кардани қарори бақайдгирии номзад ва ё интихоб нашудани номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагон гарави интихоботӣ баргардонда нашуда, ба буҷети ҷумҳуриявӣ мегузарад.
Ҳизбҳои сиёсие, ки рӯйхати номзадҳоро ба вакилии Маҷлиси намояндагон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ пешниҳод намудаанд, баъд аз санҷиши мувофиқ будани номзадҳо ба талаботи Конститутсия ва Қонуни мазкур аз тарафи КМИР, аз маблағи худ ба суратҳисоби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ мутаносибан ба ҳар номзади пешниҳодшуда 200 (дусад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо гарави интихоботӣ месупоранд.
Гарави интихоботӣ дар сурати аз тарафи ҳизби сиёсӣ гирифтани на камтар аз панҷ фоизи овозҳои интихобкунандагони дар интихобот иштирок карда ба ҳизби сиёсӣ баргардонда мешавад. Дар ҳама ҳолатҳои дигар, гарави интихоботӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ баргардонда намешавад ва ба буҷети ҷумҳуриявӣ мегузарад.

[27] "Қаблан ДИДҲИ/САҲА борҳо тавсия намуда буд, ки маблағи гарави интихоботӣ кам карда шавад ва ин масъала бори дигар дар рафти (Миссияи баҳодиҳӣ) ДИДҲИ/САҲА муҳокима гардид. Ҳоло маблағи гарав …барои аксарият хеле гарон аст. Ба қавли намояндагони дастгоҳи Президент шахсоне, ки чунин маблағро пардохт карда наметавонанд, шояд набояд вакил ҳам шаванд". См.: ОБСЕ/БДИПЧ, "Отчет Оценочной Миссии-Республика Таджикистан, парламентские выборы, февраль 2010," 4 декабря 2009г.

2000 дар соли 2005 шумораи номзадҳое, ки аз ҷониби ҳизбҳо пешбарӣ шуданд, хеле кам гардид. Мувофиқи таъкиди КМИР гарави интихоботӣ дар таҷрибаи байналмилалӣ васеъ истифода гардида, дар қонунгузории аксарияти давлатҳо пешбинӣ шудааст. КМИР-и Ҷумҳурии Тоҷикистон кам кардани маблағи гарави интихоботиро ғайримақсад меҳисобад. Дар банди 143 санади САҲА/ДИДҲИ-Комиссияи Венетсиягӣ, *Роҳнамо оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ,* омадааст: *"...Талаботи супурдани маблағи гарави интихоботӣ қобили қабул аст. Вале агар маблағи зарурӣ аз ҳад зиёд талаб карда шавад, чунин талабот ҳамчун поймолкунии ҳуқуқ ҳисоб шуда, дар ин маврид ҳуқуқи шаҳрвандонеро, ки барои дар интихобот пешбарӣ шудан маблағи кофӣ надоранд, маҳдуд мекунад. Дар айни замон, сухан дар бораи ҳуқуқе, ки бо санадҳои ҳуқуқӣ ҳифз шудааст, яъне ҳуқуқи инсон меравад..."*

## *Гурӯҳҳои ҳизбӣ дар парлумон.*

Дар Тоҷикистон таҷрибаи маблағгузории махсуси давлатӣ ба фраксияҳо ва гурӯҳҳои парлумонӣ, ки ҳаммаънои амалии дастгирии ҳизбҳои сиёсӣ шуда тавонад, вуҷуд надорад. Мувофиқи стандартҳои Шӯрои Аврупо (Комиссияи Венетсия, 2002) "ҳамаи ҳизбҳое, ки дар парлумон намояндагӣ доранд, бояд аз маблағгузории давлатӣ бархӯрдор бошанд".[28] Умуман, ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон барои ширкати фаъолона ва муассир дар идоракунии давлат ба маблағгузорӣ эҳтиёҷ доранд. Нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар мақомоти намояндагии Тоҷикистон бо сабаби маблағгузории нокифоя назаррас нест. Қобилияти ҳизб барои ворид шудан ба мақомоти намояндагии Тоҷикистон нишонаи сатҳи ҳадди ақали дастгирии аҳолӣ шуда метавонад ва ин меъёри тақсими маблағҳои давлатӣ барои ҳизбҳо мегардад. Алҳол дар Парлумони миллӣ танҳо як фраксия (ҲХДТ) ба қайд гирифта шудааст. Агар дар Тоҷикистон маблағгузории давлатӣ аз рӯи қобилияти ҳизб дар ташкил кардани фраксияи парлумонӣ дода мешуд, маблағгузории ҲХДТ ҳамчун дастгирии бевоситаи ҳизби ҳоким баҳо дода мешуд ва ин, дар навбати худ, муносибати байни давлат ва ҳизбҳои сиёсиро боз ҳам бадтар мекард. Бо вуҷуди ин мувофиқи санади САҲА/ДИДҲИ-Комиссияи Венетсиягӣ, *Роҳнамо оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ*, банди 188 "Аққалан, як миқдори маблағгузории давлатӣ бояд ба ҳамаи ҳизбҳои дар Парлумон буда дастрас бошад. Аммо барои пешрафти бисёрҳизбии сиёсӣ бояд баъзе маблағгузориҳои давлатӣ ба он ҳизбҳое, ки дар Парлумон нестанд, низ дода шавад. Ин бо мақсади фаро гирифтани ҳамаи ҳизбҳое, ки номзадҳои худро дар интихобот пешбарӣ мекунанд ва аз дастгирии андаки

---

[28] "Свод рекомендуемых норм при проведении выборов. Руководящие принципы и пояснительный доклад," Венецианская Комиссия. 30 октября 2002 года, Заключение № 190/2002, CDL-AD (2002) 23, стр. 40, доступный на http://www.venice.coe.int/docs/2002/CDL-EL(2002)005-e.pdf

ҷомеаи шаҳрвандӣ истифода мебаранд. Махсусан барои ҳизбҳои нав ин хеле муҳим аст, ки ба онҳо бояд имконияти рақобат бо ҳизбҳои мавҷуда дода шавад”.

### *Интихоби номзадҳо ба вазифаҳои давлатӣ.*

Агар ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон ҳуқуқи гирифтани маблағгузории давлатиро надошта бошанд, аммо номзадҳои фардие, ки аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ дар интихобот пешбарӣ мешаванд, одатан аз КМИР дастгирии молиявӣ мегиранд. Дар интихоботҳои гузашта, масалан, моҳи январи соли 2000, КМИР бар ҳар як ҳизби сиёсӣ 200000 рубли тоҷикӣ (113 доллари ИМА) ва бар ҳар номзад 40000 рубли тоҷикӣ (23 доллари ИМА) ҷудо намуда буд. Ҳизбҳо ва номзадҳо аз нокифоя будани ин маблағҳо барои гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ изҳори норозигӣ намуданд. КМИР маҷбур шуд иҷозат диҳад, ки ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо маблағҳои шахсии худро барои маъракаи интихоботӣ истифода баранд. Дар интихоботи парлумонии соли 2010 ба ҳар як номзад 3000 сомонӣ (тақрибан 500 евро) дода шуд. Ин ҳамчун кӯшиш барои осон кардани вазнинии гарави интихоботӣ буд, ҳарчанд ин маблағ камтар аз нисфи маблағи гарави интихоботиро ташкил медиҳад. КМИР ҳамчунин Низомномае қабул намуд, ки мувофиқи он ҳаҷми маблағҳои хайриявие, ки ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳои алоҳида аз шахсони воқеӣ гирифта метавонанд, маҳдуд карда шуд.

### *Имтиёзҳои ғайрипулӣ*

Таҷрибаи додани имтиёзҳои ғайрипулӣ, аз қабили истифодаи биноҳои давлатӣ аз тарафи ҳизби ҳоким (ҲХДТ, дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) имрӯз яке аз масоили баҳсталаби ҳаёти сиёсии Тоҷикистон мебошад. Роҳбарон ва намояндагони дигар ҳизбҳои сиёсӣ ин таҷрибаро (бепул додани биноҳо ба сохторҳои гуногуни ҲХДТ) ҳамчун дастгирии бавоситаи давлатии ҳизби ҳоким мешуморанд. Аксарияти ҳизбҳо аз давлат ҳамин гуна имтиёзро барои истифодаи биноҳои ҳукуматӣ бепул ё бо нархи арзон талаб мекунанд. Бо вуҷуди ҳамин ҳам ин таҷриба ҳанӯз мисли пештара мемонад. Ба ҳизбҳои сиёсӣ одатан вақти эфири бепул ҳангоми гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ, чорабиниҳои умумиҷумҳуриявӣ ва ё муҳокимаи масъалаҳои бисёр муҳим (масалан, маъракаи фурӯши саҳмияҳои Роғун ба аҳолӣ бо мақсади ҷамъ овардани маблағ барои сохтмони он) дар васоити ахбори оммаи давлатӣ дода мешавад.

### *Сарчашмаҳои даромад ва маҳдудияти хайрияҳо*

Ҳизби сиёсӣ ҳақ дорад, дар шакли амвол ва маблағ аз ашхоси воқеӣ, корхона ва ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, бунёдҳо ва дигар ашхоси ҳуқуқии ғайридавлатӣ ёрии моддӣ қабул намояд.

Аммо ёрии моддӣ аз корхонаю ташкилотҳои зайл манъ аст:
- ташкилотҳои хайрия ва динӣ;
- корхонаю ташкилотҳои давлатӣ, инчунин корхонаю ташкилотҳое, ки дар онҳо давлат саҳм дорад;
- давлат, шаҳрвандон, корхонаҳо ва ташкилотҳои хориҷӣ;
- корхонаҳое, ки дар онҳо кишварҳои хориҷӣ саҳм доранд;
- ашхоси беном;
- ҳизбҳои сиёсие, ки бо ҳизби ёрии молиявӣ расондашаванда муттаҳид нестанд.[29]

Ҳаққи аъзогӣ яке аз манбаҳои маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ ба шумор меравад, ҳарчанд он қариб 1 фоизи даромади моҳонаи аъзои ҳизб мебошад. Муқоисаи оинномаҳои ҳизбӣ (оинномаҳои ҳамаи ҳизбҳо дар Маълумотномаи САҲА "Ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оварда шудааст) нишон медиҳад, ки ҲХДТ ҳаққи аъзогиро ба андозаи 1 фоиз, ҲСТ-3 фоиз муқаррар кардааст. Ҳамзамон, аз супурдани ҳаққи аъзогӣ нафақахӯрон, донишҷӯён ва дигар шахсоне, ки даромадашон аз 10 маоши ҳадди ақал камтар аст, озод карда шудаанд. Ҳамин тавр агар ба ҳисоби миёна шумораи аъзои ҳизби сиёсӣ 30000 нафар бошад (дар ҳамаи 8 ҳизби сиёсӣ тақрибан 240000 нафар) ва агар даромади миёнаи аъзоён 100 сомониро ташкил диҳад, пас ҳаққи аъзогии миёна ба 1 сомонӣ баробар мешавад (ҳамагӣ 240000 сомонӣ дар ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ). Мувофиқи маълумоти САҲА/ДИДҲИ музди миёнаи моҳона 288 сомониро ташкил медиҳад.[30] Аммо дар асл музди миёнаи моҳона шояд кам бошад. Ғайр аз ин чунин тарзи ҳисоб он қадар аниқ нест, зеро ки омилҳои зерин ба назар гирифта нашудаанд:
- шумораи бекорон дар байни аъзои ҳизб;
- саривақт насупоридани ҳаққи аъзогӣ, ки мушкилоти ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ба шумор меравад;
- хайрияҳои шахсони ҳуқуқӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳо.

Илова бар ин, чанде пеш коршиносони ҳизбҳои сиёсии Молдова қайд карда буданд, ки "ҳизбҳои сиёсӣ бояд барои пеш бурдан ва амалӣ намудани фаъолияти оинномавии худ маблағҳои зарурии молиявӣ дошта бошанд. Ин маблағи пулӣ ва захираҳои зиёдро талаб мекунад. Чуноне ки таҷриба нишон медиҳад, танҳо ҳаққи аъзогӣ барои таъсис додан, дастгирӣ ва рушди ҳизби сиёсии дар ҳақиқат тавоно, хусусан дар ҷомеаҳое, ки дар марҳилаи гузариш (дар иқтисодиёт) қарор доранд ва шумораи зиёди аҳолӣ қашшоқона зиндагӣ мекунад, нокифоя аст".[31]

---

29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ"., моддаи 13.
30 ОБСЕ/БДИПЧ, "Итоговый отчет Миссии по наблюдению за выборами-Республика Таджикистан, парламентские выборы, 28 февраля 2010," Варшава, 6 июля 2010, с.12.
31 Igor Munteanu, IDIS "Viitorul, "Political Parties Legislation in Moldova: Review and Recommendations for Reform," 2010.

Дар моддаи 9 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» маҳдудияти хайрияҳо барои гузаронидани маъракаҳои интихоботии номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ муқаррар карда шудаааст. Масалан, номзадҳо ба вакилӣ метавонанд маблағи то 50 нишондиҳанда (ҳадди ақали музди меҳнат) аз шахсони воқеӣ ва то 100 нишондиҳанда аз шахсони ҳуқуқӣ қабул кунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ бошанд ҳуқуқ доранд, маблағи то 100 нишондиҳанда аз шахсони воқеӣ ва то 500 нишондиҳанда аз шахсони ҳуқуқӣ қабул намоянд. Ҳоло ҳадди ақали музди меҳнат 80 сомониро (камтар аз 20 доллари амрикоӣ) дар як моҳ ташкил медиҳад. Ба ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо иҷозат дода шудааст, ки барои маблағгузории маъракаҳои интихоботӣ танҳо аз маблағҳои бо иҷозати КМИР дар суратҳисоби махсуси бонкӣ дар Тоҷикистон гузошташуда, истифода намоянд. Ҳадди ниҳоии хазинаи (фонди) интихоботии номзад ба вакилӣ набояд аз 1500 ва ҳизби сиёсӣ набояд аз 30000 нишондиҳанда зиёд бошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» ба ҳизбҳои сиёсӣ иҷозат намедиҳад, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд. Бо вуҷуди ин дар амал баъзе ҳизбҳои сиёсӣ ба фаъолиятиноширӣ, ҳам бо мақсади сиёсӣ ва ҳам тиҷоратӣ машғул ҳастанд. Қоидаҳои дохилиҳизбӣ механизмҳои гуногуни истифодаи маблағҳоро (асосан ҳаққи аъзогиро) муайян мекунад. Масалан, оинномаи ҲКТ пешбинӣ мекунад, ки «ҳаққи аъзогӣ барои маблағгузории фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ ба андозаи зерин истифода мешавад: 25 фоиз ба созмонҳои ибтидоии ҳизбӣ; 25 фоиз ба кумитаҳои ҳизбии ноҳиявӣ ва шаҳрӣ; 25 фоиз ба кумитаҳои минтақавӣ ва вилоятӣ ва 25 фоиз ба Кумитаи марказии ҳизб. Мувофиқи оинномаи ҲНИТ 50 фоизи маблағҳоро мақомоти марказии ҳизб мегирад. Оинномаи ҲДТ бошад ба мақомоти маҳаллии ҳизб иҷозат медиҳад, ки то 25 фоизи маблағҳоро барои эҳтиёҷоти хеш истифода барад. Дар банди 163 санади САҲА/ДИДҲИ-Комиссияи Венетсиягӣ, *Роҳнамо оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ* чунин омадааст»:

*«Ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд супоридани ҳаққи аъзогиро талаб кунанд. Аз як тараф, аъзоҳаққӣ набояд он қадар баланд бошад, ки боиси беасос кам гаштани аъзоёни ҳизб гардад, аз тарафи дигар ҳаққи аъзогӣ сарчашмаи қонунии маблағгузории ҳизб мебошад. Қонун бояд кафолат диҳад, ки ҳаққи аъзогӣ набояд пинҳонӣ барои бартараф кардани маҳдудияти молиявӣ истифода шавад. Ҳаққи аъзогӣ бояд ҳамчун шакли хайрия қабул карда шавад»*

## *Назорат аз болои фаъолияти молиявии ҳизбҳои сиёсӣ*

Мувофиқи қонун мақоми роҳбарикунандаи ҳизби сиёсӣ вазифадор аст, ки ҳар сол ҳисоботи молиявиро дар бораи сарчашмаҳо, андоза ва харҷи маблағҳое, ки ба хазинаи ҳизб дар давоми соли ҳисоботӣ ворид гардидааст, инчунин дар бораи амволи ҳизб ва андозҳои пардохтшуда (одатан дар рӯзномаи давлатӣ) интишор намояд. Мақомоти нозироти андоз ҳуқуқи тафтиши фаъолияти молиявии ҳизбро

дорад. Дар ҳисобот аз соли 2010 сар карда, бояд маълумот дар бораи маблағҳое, ки ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои гузаронидани маъракаи интихоботӣ гирифтаанд, нишон дода шавад.

Тибқи Конвенсияи СММ бар зидди фасод давлатҳо вазифадоранд боинсофона кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо хеле шаффоф бошад. Чунин талабот дар санади САҲА/ДИДҲИ-Комиссияи Венетсиягӣ *Роҳнамо оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ"* (банди 201-206) низ таъкид шудааст, аз ҷумла, «аз ҳизбҳои сиёсӣ бояд талаб карда шавад, ки онҳо ба мақомоти ваколатдор ақаллан соле як маротиба ҳисоботи молиявии лозимиро пешниҳод намоянд, ҳатто агар ҳизб дар ягон маъракаи интихоботӣ иштирок надошта бошад. Дар чунин ҳисоботҳо бояд сарчашмаҳои даромад ошкоро нишон дода шуда, харҷи маблағҳо фаҳмонда шавад».

Дар ҳоли ҳозир танҳо Кумитаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон хуқуқ дорад, ки ҳисоботи ҳизбҳои сиёсиро тафтиш кунад. Тавре ки дар боло зикр гардид, ҳар як ҳизби сиёсӣ Комиссияи назоратӣ-тафтишотии худро дорад, ки вазифадор аст ҳар сол фаъолияти иқтисодӣ ва молиявии ҳизбро санҷида барояд. Дар Вазорати адлия департаменти махсус барои назорати фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ амал мекунад. Намояндагони департамент, илова ба тафтиши ҳисоботҳои молиявии солона, ки аз тарафи ҳизбҳо то 1 апрели ҳар сол пешниҳод карда мешаванд, ваколат доранд, ки дар чорабиниҳои ҳизбҳои сиёсӣ иштирок намоянд ва риояи тартиботи муқарраршударо назорат кунанд. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ваколати назорати фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро дорад.

# Қисми 1: Хулоса

Таҳкими минбаъдаи низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон талаб мекунад, ки ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» дар бораи дастгирии давлатии ҳизбҳои сиёсӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шавад. Ҳизбҳои сиёсие дастгирӣ карда шаванд, ки монеаи фоизии муайянро мегузаранд ва тавсия мешавад, ки ин монеа 3 фоиз муқаррар карда шавад. Ҳоло дар Тоҷикистон барои дастгирии ҳизбҳои сиёсӣ маблағҳои кофӣ дода намешавад. Дар сурати тағйир додани қонунгузории амалкунанда расондани чунин дастгирӣ ба афзудани шумораи ҳизбҳо мусоидат мекунад ва зиёд гаштани захираҳо ва маблағгузории давлатии ҳизбҳо ногузир ба инкишофи плюрализми сиёсӣ оварда мерасонад. Дастгирии мақсадноки ҳизбҳои сиёсии фаъол, ки аз тарафи аҳолӣ ҷонибдорӣ мешаванд, метавонад барои таҳкими ҳамкории байни ҳизбҳо мусоидат намояд ва ба инкишофи босуботу пешбарандаи ҷомеаи Тоҷикистон кафолат диҳад. Миқдори кӯмаки давлатӣ дар ин ҳолат метавонад аз шумораи овозҳои гирифтаи ҳизб дар интихобот (масалан, 1 сомонӣ барои ҳар як овози ба даст оварда дар интихоботи Маҷлиси намояндагон) вобаста бошад. Албатта, бояд ҳаҷми ҳадди аксари дастгирии давлатӣ (то 60-65 фоизи овозҳо барои ҳар як ҳизб) ба назар гирифта шавад, зеро ки вуҷуд надоштани чунин маҳдудият барои тақаллуби минбаъдаи натиҷаҳои интихобот оварда мерасонад. Дар айни вақт давлат ҳизбҳоро дастгирӣ намуда, бояд ба фаъолияти онҳо мудохила накунад. Дар Тоҷикистон барои бунёди низоми бисёрҳизбии боадолат ва рақобатпазир зарур аст, ки мақоми мустақили назорат ва тафтиши маблағгузории ҳизбҳо ва маъракаҳои интихоботӣ вуҷуд дошта бошад.

# Қисми 2.
# Иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ

# Боби 1. Асосҳои меъёрию ҳуқуқии байналмилалӣ ва шароити миллӣ барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои сиёсии занон

## *Заминаи таърихӣ*

Тоҷикистон як қатор конвенсия ва созишномаҳои байналхалқиро ба тасвиб расонда ӯҳдадор шудааст, ки стандартҳои асосии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла амалӣ намудани ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандонро новобаста ба ҷинсияти онҳо риоя намояд. Аз миёнаҳои солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон таҳия ва амалӣ намудани сиёсати гендерӣ шурӯъ шуд. Он барои фароҳам овардани шароити расидан ба баробарии гендерӣ, аз ҷумла дар сатҳи қабули қарорҳо, равона карда шуда буд.

Дар давраи шӯравӣ инкишофи муносибатҳои гендерӣ дар Тоҷикистон чун дар дигар ҷумҳуриҳои ИҶШС дар асоси қарорҳо ва фармонҳои ҳукуматӣ амалӣ мегардид ва ин дар асл барои озодии (эмансипатсияи) занон равона шуда буд.[32] Дар даврони шӯравӣ масъалаи занон яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат ҳисоб меёфт. Бо мақсади ҷалби занон ба таҳсил ва маҳви бесаводӣ дар шаҳрҳо маҳфилҳои занон ташкил карда мешуданд, то ки занон соҳиби дониш ва ихтисосҳои истеҳсолӣ гарданд.

Занон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ фаъол буданд. Дар охири солҳои 80 -ум дар Тоҷикистон 88 нафар зан ба унвони олии Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ сарфароз гардонида шуда, зиёда аз 19 ҳазор занони ҷумҳурӣ бо ордену медалҳои

---

[32] Истилоҳи «эмансипатсия» дар миёнаҳои асри XIX пайдо шуда, маънои ҳаракати занон барои озод шудан аз тобеият ва зулму истибдод, барҳам додани маҳдудиятҳо аз рӯи мансубияти ҷинсӣ, баробарии ҳуқуқии зану мардро дорад. Мақсади ин ҳаракат тағйир додани мавқеи иҷтимоии мавҷуда; ба даст овардани баробарҳуқуқӣ дар музди меҳнат, гирифтани таҳсилот буд…Цит. По: Словарь гендерных терминов/Под ред. А.А. Денисовой. М., 2002.С.246.

ИҶШС мукофотонида шуда буданд. Бесабаб набуд, ки дар Конференсияи умумиҷаҳонии Созмони Милали Муттаҳид моҳи июли соли 1975 дар Мехико таҷрибаи ИҶШС дар ҳалли масъалаи баробарии занон баррасӣ гардида буд. Махсусан қайд шуда буд, ки занон дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ аз истибдоди бисёрасра озод шуда, аъзои фаъоли ҷомеа гардиданд ва саҳми сазовори худро дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат гузоштанд. Намояндагии нисбатан баланди занон дар ҳукумат (то сеяки вакилонро занон ташкил медоданд) бо квотаи мақомоти ҳизбӣ барои вазифаҳои давлатӣ ва вакилони парлумон таъмин карда шуда буд. Аз рӯи маълумоти барӯйхатгирии умумии аҳолӣ дар соли 1989 дар ҶШС Тоҷикистон 25,8 фоизи занон дар вазифаҳои роҳбарии давлатӣ кор мекарданд. Қобили қайд аст, ки шумораи нисбатан зиёди занон дар ин давра дар ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона иштирок мекард. Вале ин маънои пуркувват будани мақоми онҳоро, аз ҷумла дар рафти қабули қарорҳо надошт. Фазои танги рақобати сиёсӣ ҳам имконияти бартараф кардани нобаробарии гендерӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои марбут ба онро маҳдуд мекард, сарфи назар аз он ки барои баланд бардоштани мақоми иҷтимоии занон ғамхорӣ зоҳир карда мешуд.

Иштироки занон дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон аз соли 1989 ҳам дар сатҳи марказӣ ва ҳам дар сатҳи маҳаллӣ рӯ ба таназзул овард. Аз як тараф ин ба бевосита барҳам додани квотаи занон дар интихоботи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ (даъвати 12-ум) сабаб гардид, ки шумораи занон ба 3,9% ё ба 9 нафар аз шумораи умумии 230 нафар вакилон ихтисор ёфт. Аз тарафи дигар солҳои аввали истиқлолияти Тоҷикистон ба давраи ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) рост омад. Дар соли 1995 ҳиссаи занон дар Парлумон ҳамагӣ 2,8%, дар мақомоти намояндагии маҳаллӣ бошад 8,7%-ро ташкил медод.[33] Дар вазифаҳои баланди роҳбарикунандаи ҳокимияти марказӣ 3,3%, дар вазифаҳои муовинон 5% ва дар вазифаҳои роҳбарони ниҳодҳои ҳукуматӣ 19,4% занон фаъолият мекарданд.[34]

Тавре ки таҳлили сиёсати имрӯзаи давлатдорӣ ва таҷрибаҳо дар ин соҳа нишон медиҳад, нобаробарии гендерӣ то ҳол ҳамчун масъалаи ҷиддӣ боқӣ мондааст. Аксариятро ташкил додани иштироки мардон дар соҳаи сиёсат сабаб мегардад, ки манфиатҳои занон ба ҳисоб гирифта намешаванд. Ин мавқеи бе ин ҳам нобаробари онҳоро боз ҳам заифтар мегардонад ва ин ба давлат аз нав дида баромадани нақшҳои гендериро имкон намедиҳад. Барои ҳамин пешбарии занон дар тамоми сатҳҳои қабули қарорҳо дар миқёси давлатӣ авлавияти стратегии Тоҷикистон мебошад.

33 Гендерная статистика в Республике Таджикистан.- Душанбе, 1999.
34 Цит. по: Таджикистан на пути к гендерному равенству. – Душанбе, 2004, С. 27.

## *Ӯҳдадориҳои байналхалқӣ*

Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор конвентсия ва созишномаҳои байналмилалиро ба тасвиб расондааст. Конвентсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз (дискриминатсия) нисбати занон (соли 1993), Конвентсия дар бораи ҳуқуқҳои сиёсии занон (соли 1999), Паймони байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз ҷумлаи онҳост.

Мувофиқи «Конвентсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон» (CEDAW) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, ки таъмини баробарии ҳамаи шаҳрвандонро ҳам аз рӯи қонун (*de jure*) ва ҳам дар амал (*de facto*) кафолат диҳад. Он ҳам кафолатҳои конститутсионӣ ва ҳам қабули қонунгузории мувофиқро барои барҳам додани табъиз нисбат ба занон дар қонунгузорӣ ва дар амал низ дар бар мегирад.

Дар моҳи январи соли 2007 дар сессияи навбатии 37-уми Кумитаи CEDAW СММ Тоҷикистон Маърӯзаи миллиро дар бораи иҷрои Конвентсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон аз давраи ба тасвиб расидани он (1999-2006) пешниҳод намуд. Ҳамзамон бо он маърӯзаи алтернативӣ ва тавсияҳои созмонҳои ҷамъиятӣ низ пешниҳод карда шуд. Дар мулоҳизаҳои хотимавии худ аз рӯи Маърӯзаи миллии Тоҷикистон дар бораи иҷрои моддаҳои алоҳидаи Конвентсия, аъзоёни Кумита иқдомот ва чораҳои мусбати андешидаи давлатро барои ноил гаштан ба баробарии мардону занон дар давраи солҳои 1993-2006 қайд карданд.

Аз тарафи Кумита барои дар оянда боз ҳам беҳтар намудани вазъият дар соҳаи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон ва ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо тавсияҳо таҳия ва пешниҳод карда шуд. Диққати асосӣ ба он дода шуд, ки дар қонунгузории Тоҷикистон меъёрҳои возеҳу дақиқ барои андешидани чораҳои махсуси муваққатӣ (ба мисли истифодаи квотаҳо барои пешбарии занон ба сохторҳои давлатӣ) вуҷуд надорад. Тоҷикистон чораҳои махсуси муваққатиро барои татбиқи сиёсати умумӣ бо мақсади тезондани баробарҳуқуқии воқеӣ миёни мардон ва занон дар тамоми соҳаҳои Конвентсия истифода набурд.

Истифодаи чораҳои муваққатӣ мувофиқи моддаи 4 «Конвентсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон»[35] барои зиёд гаштани иштироки занон дар сатҳи қабули қарорҳо имкон медод. Вале ин масъала то ҳанӯз ҳам барои давлат ва ҳам барои сохторҳои дигар, аз ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ, ҳамчун мушкилӣ боқӣ мемонад.

---

35 КЛДЖ (CEDAW), Статья 4.

Ҳарчанд ки Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи баробарҳуқуқии мардон ва занонро (моддаи 17) дар назди қонун муайян кардааст, вале занон ба баробарии комили ҳуқуқӣ ва воқеӣ соҳиб нестанд. Сабаб он аст, ки мафҳуми табъиз (дискриминатсия) дар Конститутсия возеҳу равшан нишон дода нашудааст ва ҳамчунин механизми таъмин намудани ҳуқуқи занон дар амал низ мақаррар нашудааст.

### *Принсипҳои сиёсӣ*

Дар Тоҷикистон бо мақсади иҷро намудани ӯҳдадориҳои байналхалқӣ санадҳои зерин: «Барномаи амали миллии баланд бардоштани мақом ва нақши зан дар ҷомеа барои солҳои 1998-2005», Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» (1999), Барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмин намудани ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» (2005) таҳия ва қабул шудаанд. Бо қарори Ҳукумати ҶТ 1 ноябри соли 2006 «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016» қабул карда шуд. Соли 2007 ба «Стратегияи миллии тараққиёти Тоҷикистон дар давраи то соли 2015» ва «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009» бобҳои алоҳидаи «Таъмини баробарии гендерӣ» илова карда шуд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010 «Стратегияи миллии баланд бардоштани фаъолияти занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» тасдиқ карда шуд ва ҳамчунин нақшаи чорабиниҳо барои амалӣ намудани он таҳия гардид. Дар якҷоягӣ ин ҳуҷҷатҳо асоси ҳуқуқӣ ва барномавии заруриро барои иҷрои сиёсати гендерии давлат тавассути сохторҳои дахлдори ҳокимияти давлатӣ - қонунгузорӣ ва иҷроия таъмин менамоянд.

1. «Барномаи амали миллии баланд бардоштани мақом ва нақши зан дар ҷомеа барои солҳои 1998-2005». Ҳадафи ин барнома баланд бардоштани мақом ва нақши зан, ташкил намудани захираи кадрӣ барои пешбарӣ намудан ба сохторҳои идоракунӣ дар асоси гендерӣ буд.
2. Мувофиқи Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» бо мақсади ҷалби васеи занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идоракунии давлат, баланд бардоштани мақоми иҷтимоии занон ва сатҳи фарҳангию маънавии оилаҳо, иштироки фаъолонаи занон дар мустаҳкам намудани арзишҳои маънавии миллат, сулҳ ва ягонагӣ, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти иҷроияи он супориш дода шуд, ки занонро ба вазифаҳои муовинони роҳбарони вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, корхонаҳои давлатӣ, ассотсиатсияҳо ва ширкатҳо, бизнес-гурӯҳҳо ва корпоратсияҳо, консернҳо, ташкилоту муассисаҳо, ҳокимиятҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ҷамоатҳо, мақомоти суду прокуратура, мактабҳои миёнаю олӣ ва дигар

муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ ва тиббӣ таъин намоянд. Салоҳият ва маҳорати тахассусию кордонии занон-номзадҳо ҳангоми пешбарӣ намудан ба вазифаҳо ба назар гирифта шавад.

Бо амалӣ гаштани ин фармон шумораи занон дар ҳайати роҳбарикунандаи сохторҳои давлатӣ хеле зиёд гардид. Қариб ки дар тамоми мақомоти ҳокимияти иҷроияи ноҳияҳо, шаҳрҳо ва вилоятҳо занон ба вазифаи муовинони раисон таъин гардиданд. Умуман аз соли 2001 то соли 2007 шумораи занон дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ 13% зиёд шуда, дар охири соли 2007 ба 5100 нафар расид.[36] Вале Фармон барои пешбарии занон ба вазифаҳои роҳбарии сохторҳои давлатӣ мусоидат накард ва таъин намудани занонро ба вазифаҳои роҳбарикунандаи сохторҳои қудратӣ маҳдуд намуд. Ин баробарҳуқуқии занонро бо мардон барои ишғол намудани мансабҳои роҳбарӣ дар мақомоти давлатӣ поймол мекард. Барои мисол то ҳол дар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон зан вазир нест.

3. Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 391 аз 8 августи соли 2001 Барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмин намудани ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010» қабул гардид. Барои амалӣ намудани Барнома аз буҷети давлатӣ дар давоми солҳои 2001 то 2009 431000 сомонӣ (тақрибан 100 ҳазор доллари ИМА) маблағ ҷудо карда шуд. Иҷрои барномаи мазкур ба зиммаи Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шуд. Барномаи давлатӣ як қатор чорабиниҳоро дарбар мегирифт, ки барои ҷалби фаъолонаи занон дар қабули қарорҳо равона карда шуда буд:
   - тайёр намудан ва пешбарӣ кардани занон ҳамчун номзадҳои мустақил барои интихобот;
   - ташкил кардани захираи кадрӣ аз ҳисоби занон барои вазифаҳои роҳбарии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;
   - таҳия ва татбиқ намудани лоиҳаи «Тайёр ва пешбарӣ намудани занон-роҳбарон»;
   - истифодаи квота (ҳадди ҳисоб) дар озмунҳо барои ишғол намудани вазифаҳо (намояндагии ҳатмии мардон ва занон ).

Ноил гаштан ба намояндагии 30% -и занон дар мақомоти қонунгузорӣ, судӣ ва иҷроияи ҳокимият нишондиҳандаи иҷрои бомуваффақияти барнома шуда метавонад.[37] Мутаассифона, ҳарчанд барои пешбарии занон чандин чорабиниҳо анҷом дода шуда бошад ҳам Барномаи давлатӣ ба мақсади худ, яъне расидан ба намояндагии 30 фоизаи занон муваффақ нагардид. Илова бар ин мониторинги

---

36 Оценка реализации Государственной Программы «Основные направления государственной политики по обеспечению равных прав и возможностей мужчин и женщин в Республике Таджикистан на 2001-2010 годы по результатам общественного мониторинга.- Душанбе, 2009. С. 17.

37 Гендерные аспекты государственного управления: Обзорное мини-исследование. – Б.: 2004. С. 11.

гузаронидаи Эътилофи созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ «Аз баробарии ҳуқуқӣ ба баробарии воқеӣ»[38] ошкор кард, ки дар қатори натиҷаҳои мусбӣ як қатор омилҳое низ ҳастанд, ки аз кам шудани ҳиссаи занон дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз 29% ба 27,5% ва дар сатҳи ҳокимияти марказӣ аз 27,1% дар соли 2001 ба 19,8% дар соли 2007, шаҳодат медиҳанд. Дар айни замон ҳиссаи занон дар мақомоти қонунгузор, дар ҳайати вакилони Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон ва Маҷлисҳои вакилони халқи ҶТ аз 18% зиёд нест. Дар вазифаҳои баланди давлатӣ бошад, занон боз ҳам камтар таъин шудаанд. Агар дар байни роҳбарони ниҳодҳои сохторӣ ҳар як сеюм роҳбар аз ҳисоби занон бошад, пас дар байни роҳбарони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳиссаи занон ҳамагӣ 5%-ро ташкил медиҳад. Дар мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ низ шумораи мардон зиёд аст. Дар вазифаи раисони вилоятҳо ягон нафар зан нест. Танҳо 5,6% занон ба вазифаҳои раисони шаҳрҳо ва ноҳияҳо таъин шудаанд. Дар байни раисони ҷамоатҳо қариб 21%-ро занон ташкил медиҳанд.

Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» (2005) асоси қонунгузорӣ дар бораи кафолатҳои давлатии на танҳо баробарҳуқуқии мардону занон дар ҷумҳурӣ, балки амалигардонии онҳо таҳия карда шуд. Дар Қонун бори аввал таърифи мафҳуми «дискриминатсия» (табъиз) оварда шудааст. Дар моддаи 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» гуфта шудааст, ки «давлат иштироки баробари мардону занонро дар идоракунии давлатӣ кафолат медиҳад ва баробарии намояндагии мардону занонро дар шохаҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судии ҳокимияти давлатӣ бо тарзу воситаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва ғайра таъмин менамояд».[39] Вале механизмҳои амалигардонии он то ҳол таҳия нашудаанд.

4. Моддаи 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» (13 ноябри соли 1998) дастрасии баробари ҳамаи шаҳрвандонро ба хизмати давлатӣ таъмин менамояд. Аммо қонун андешидани чораҳои махсусро барои баланд бардоштани мақоми зан дар сохторҳои давлатӣ, ба мисли квотаҳо (тибқи қонун) пешбинӣ накардааст. Таҷрибаи аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита таъин намудан ба вазифаҳои гуногуни давлатӣ дар ҳама сатҳҳои ҳокимият бештар маъмул аст.
5. Бобҳои алоҳида дар бораи «Таъмини баробарии гендерӣ» дар «Стратегияи миллии тараққиёти Тоҷикистон дар давраи то соли 2015» ва «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009».

---

[38] Оценка реализации Государственной Программы «Основные направления государственной политики по обеспечению равных прав и возможностей мужчин и женщин в Республике Таджикистан на 2001-2010 годы по результатам общественного мониторинга.- Душанбе, 2009.

[39] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», моддаи 5.

Соли 2007 масъалаҳои сиёсати гендерӣ қисми стратегияи дарозмуддат ва миёнамуддати тараққиёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат гардид.

6. Буҷети давлатӣ маблағгузории амалӣ намудани «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016»-ро пешбинӣ кардааст. Дар нақша гирифта шудааст, ки аз буҷети давлат маблағи 630000 сомонӣ (тақрибан 147000 доллари амрикоӣ) дода мешавад. Ҳукумати кишвар ҳукуматҳои маҳаллиро вазифадор намуд, ки аз буҷети мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ маблағҳои иловагӣ ҷудо намуда, сарчашмаҳои ғайрибуҷетиро низ ба он ҷалб намоянд. Аз тарафи дигар, барномаи мазкур нақшаи муайяни амал барои тайёр ва пешбарӣ намудани занон ба вазифаҳои роҳбарикунанда надорад. Дар он гузаронидани мониторинг барои назорати минбаъдаи таъини занон ба вазифаҳои роҳбарикунанда дар назар гирифта нашудааст.
7. Барномаи амали миллӣ барои солҳои 2011-2015 барои иҷрои «Стратегияи миллии баланд бардоштани фаъолияти занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020». Барномаи амали миллӣ барои солҳои 2011-2015 тарҳрезӣ карда шудааст ва айни ҳол он дар сатҳҳои гуногуни ҳокимият муҳокима шуда истодааст.
8. Тибқи моддаи 27 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандон аз синни 18-солагӣ ҳуқуқ доранд дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонашон иштирок намоянд, яъне ҳуқуқи интихоб намудан ва интихоб шуданро доранд. Мувофиқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон дар асоси ҳуқуқи умумӣ, баробар ва бевосита бо овоздиҳии пинҳонӣ ва низоми омехтаи интихобот сурат мегирад, дар он ҳеҷ гуна ҳадди ҳисоб (квота) муқаррар карда намешавад (моддаи 3).[40]

Барои таъмини манфиатҳои сиёсии занон зарур аст, ки механизми муносиб барои амалӣ намудани муқаррароти мавҷудаи қонунҳои амалкунанда дар мамлакат ҷорӣ карда шавад. Гарчанде дар соҳаи қонунгузорӣ дастовардҳои зиёд ба даст омада бошад ҳам Тоҷикистонро зарур аст, ки барои татбиқи амалии қонунҳои мавҷуда чораҳо андешад. Кумитаи СММ “Конвентсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон» (CEDAW) дар тавсияҳои худ рақамҳои 17, 18, 25 ва 26 ба ин далел диққат медиҳад, ки он бевосита ба кам будани имкониятҳои занони тоҷик барои амалӣ кардани ҳуқуқҳои сиёсии хеш ва иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсӣ алоқаманд аст. Дар тавсияҳои мазкур ишора карда мешавад, ки дар қонунгузории Тоҷикистон меъёрҳои возеҳу дақиқ барои андешидани чораҳои махсуси муваққатӣ вуҷуд надорад. Кумита ҳамчунин аз

---

[40] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

кам будани намояндагони занон дар мақомоти сиёсии кишвар, бахусус дар Парлумон изҳори нигаронӣ кард.

Форуми ҷамъиятии «Панорама» дар чорчӯбаи лоиҳаи муштарак бо Эътилофи (Коалитсияи) «Карат» пешрафти Тоҷикистонро дар амалӣ намудани тавсияҳои Кумитаи CEDAW СММ барои солҳои 2007-2010 баҳогузорӣ намуд. То имрӯз аз 29 тавсияҳо танҳо яктоаш пурра амалӣ гардида, 14-тоаш қисман иҷро шудаанд. Бо сабаби набудани маълумот баҳогузории 4 тавсияи дигар имконнопазир буд. Тавсияҳои рақамҳои 17, 18, 25 ва 26 бевосита ба имконияти занон барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои сиёсиашон вобастагӣ доранд. Сетои ин тавсияҳо (17, 18, 25) то имрӯз амалӣ нашудаанд. Як ҳиссаи тавсияи рақами 26 дар бораи таҳкими назорати овоздиҳии оилавӣ бошад қисман иҷро шудааст.

# Боби 2. Иштироки занон дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ

## *Намояндагии занон дар ҳизбҳои сиёсӣ*

Ҳизбҳои сиёсӣ воситаи асосии ҷалб кардани шаҳрвандон дар раванди қабули қарорҳо мебошанд. Низоми бисёрҳизбӣ, ки дар Тоҷикистон ташаккул ёфтааст, барои иштироки васеи занон дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва раванди интихобот мусоидат мекунад. Ба амал омадани дигаргуниҳои мусбӣ дар соҳаи сиёсати гендерӣ дар қабули қарорҳо аз қобилият ва омода будани ҳизбҳои сиёсӣ барои дастгирии масъалаҳои гендерӣ дар ҷомеа ва фароҳам овардани имконият барои иштироки занон дар баробари мардон дар ҳаёти ҳизбӣ вобаста аст.

Иштироки занон дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо дода мешавад:

1. Таносуби зану мард дар ҳизбҳои сиёсӣ
2. Таносуби зану мард дар мақомоти роҳбарикунандаи ҳизбҳои сиёсӣ
3. Мавҷуд будани ҷиҳатҳои гендерӣ дар ҳуҷҷатҳои оинномавии ҳизбҳо
4. Мавҷуд будани масъалаҳои гендерӣ дар барномаҳои маъракаҳои интихоботии ҳизбҳои сиёсӣ

Мувофиқи маълумотҳои пешниҳодкардаи мақомоти марказии ҳизбҳо шумораи занон дар ҳайати ҳизбҳо чунин мебошад: ҲНИТ – 48%, ҲДТ, ҲСДТ – 40%, ҲХДТ – 37 %, ҲКТ, ҲСТ – зиёда аз 30%, дар ҲАТ ва ҲИИТ бошад аксарияти аъзоёнро мардон ташкил медиҳанд.[41]

---

[41] Хизбхои сиёсии Чумхурии Точикистон. Политические партии Республики Таджикистан. Political parties of the Republic of Tajikistan.- Душанбе: Изд. При финансовой поддержке Центра ОБСЕ в Душанбе, 2006.

Ҳизбҳои сиёсӣ дар арафаи интихоботҳои парлумонӣ барои баробар кардани шумораи занон ва мардон дар сафҳояшон кӯшиш мекунанд. Мақсад аз ин ба худ ҷалб кардани интихобкунандагон аст. Тавре ки натиҷаҳои таҳлилҳои гузаронидашуда нишон медиҳад, занон дар Тоҷикистон ба раванди қабули қарорҳои муҳими сиёсӣ дар ҳизбҳои сиёсӣ кам ҷалб карда мешаванд. Ҷадвали 1 сатҳи хеле пасти намояндагии занонро дар мақомоти болоии роҳбарикунандаи ҳизбҳои сиёсӣ баръало нишон медиҳад. Бинобар ин занон дар қабули қарорҳои муҳими сиёсӣ таъсири воқеӣ расонда наметавонанд, дар таҳияи барномаю нақшаҳои ҳизбҳои сиёсӣ аз мардон хеле қафо мемонанд.

Ҷадвали 1.
Шумораи занон дар ҳайати мақомоти роҳбарикунандаи ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон[42]

| Номи мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб | Шумораи одамон | |
|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Аз ҷумла занон |
| Раёсати Кумитаи иҷроияи марказии ҲХДТ | 10 | 0 |
| Раёсати Кумитаи марказии ҲКТ | 12 | 2/16,7% |
| Шӯрои сиёсии ҲНИТ | 11 | 0 |
| Садорати ҲДТ | 10 | 1/10% |
| Шӯрои сиёсии ҲСДТ | 14 | 2/14,3% |
| Кумитаи иҷроияи марказии ҲСТ | — | — |
| Раёсати ҲИИТ | 8 | 0 |
| Раёсати ҲАТ | 7 | 0 |

ҲХДТ ба таври мунтазам таносуби мардон ва занонро дар мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб ба ҳисоб мегирад. Аз 63 аъзои Кумитаи иҷроияи марказӣ 23 нафарро занон (36,5%) ташкил медиҳанд. Занон дар 720 ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ (20,6%) роҳбарӣ мекунанд. Дар шаҳрҳо ва ноҳияҳо 6 нафар дар вазифаи раис ва 10 нафар зан дар вазифаи муовинони раисони кумитаҳои иҷроия кор мекунанд.

Мувофиқи маълумоти ҲСДТ 2 нафар зан муовинони раиси ҳизб, 4 нафар аъзои Шӯрои сиёсӣ ва Комиссияи назоратӣ-тафтишотӣ мебошанд. Дар байни 49 раисони ташкилотҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ 13 нафар занон (26,5 %) ҳастанд.[43]

---

[42] Хизбхои сиёсии Чумхурии Точикистон. Политические партии Республики Таджикистан. Political parties of the Republic of Tajikistan.- Душанбе: Изд. При финансовой поддержке Центра ОБСЕ в Душанбе, 2006.

[43] Протокол заседания Женского дискуссионного клуба при ОО «Женщины-избиратели» от 19 февраля 2009 г. Г.Душанбе.

## *Масъалаҳои гендерӣ дар оиннома ва барномаҳои ҳизбҳои сиёсӣ*

Соли 2009 аз ҷониби вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ Г.Р.Рабиева таҳлили ҳуҷҷатҳои таъсисии (оиннома ва барнома) ҳашт ҳизби сиёсии бақайдгирифташуда анҷом дода шуд. Ба ақидаи ӯ "оинномаҳои ҳизбҳо оид ба масъалаи гендерӣ бетарафанд, зеро онҳо бевосита ба ин масъала дахл намекунанд. Дар оинномаи ягон ҳизби сиёсӣ ба таври мисол муқаррароти махсус дар бораи пешбарии занон ба сохторҳои роҳбарикунанда ё таъмини намояндагии баробари занону мардон дар мақомоти роҳбарикунандаи ҳизбӣ, вуҷуд надорад".[44] Масъалаи гендерӣ танҳо дар Оинномаи Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон зикр шудааст. Дар он таъкид карда мешавад:» афкори ҷамъиятӣ ва иродаи сиёсии шаҳрвандонро дар роҳи истифодаи судманди ғояҳои сотсиал-демократӣ, иқтидори инсонӣ ва воситаҳои таъмини мувозинати гендерӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ ташаккул бояд дод».[45]

Дар оинномаҳои се ҳизби дигар - ҲДТ, ҲСДТ ва ҲИИТ ҳангоми баёни узвият дар ҳизб дар бораи ҷинсият қайд шудааст, ки ҳар шахс новобаста ба мансубияти ҷинсӣ, нажодӣ, миллӣ, забонӣ, эътиқоди динӣ ва ҷои истиқомат ва ғайра мувофиқи моддаи 17 Сарқонуни ҶТ метавонад аъзои ҳизб бошад.

Дар оинномаҳои ҲХДТ, ҲСТ, ҲСДТ ва ҲИИТ муқаррарот дар барои баробарҳуқуқии ҳамаи аъзои ҳизб, аз ҷумла ба мақомоти роҳбарии ҳизб "интихоб кунад ва интихоб шавад", аз тарафи ҳизб барои интихоб шудан дар мақомоти намояндагии ҳокимият "пешниҳод намояд ва пешниҳод шавад", пешбинӣ шудааст.

Банди 17 Оинномаи ҲХДТ таъсиси сохтори махсус - созмони занонро пешбинӣ менамояд. Дар Оинномаи ҲНИТ дар қатори вазифаҳои ҳизб дар банди 1.4 гуфта мешавад: «баланд бардоштани сатҳи дониши сиёсӣ ва фарҳангии шаҳрвандон, бахусус занон ва ҷавонон, аз тариқи чорабиниҳои сиёсӣ барои иштироки онҳо дар фаъолиятҳои сиёсӣ ва умури давлатӣ».

Ба истиснои ҲХДТ, дар барномаҳои дигар ҳизбҳои сиёсӣ ҳамаи ҷанбаҳои инкишофи демократӣ дар Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Бештар масъалаи баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум таъкид гардидааст, вале ба масъалаи баланд бардоштани нақши зан дар ин равандҳо диққати лозима дода нашудааст.

Умуман бахши гендерӣ дар барномаҳои ҳизбҳо амалан вуҷуд надорад ё он дар давраи аввали инкишоф аст. Он асосан дар мазмуни демографӣ, аз қабили «ҳимояи

---

44 Гендерные вопросы и политические партии. Автор-составитель: Рабиева Г.Р.- Душанбе, 2009.- С.62.

45 Там же.- С. 62

модарон, кӯдакон ва оила»[46] ифода мегардад. Масъалаҳои гендерӣ, ки дар замони ҳозира дар барномаҳои миллӣ ва байналмилалӣ ҷои муҳимро ишғол мекунад, дар ҳуҷҷатҳои барномавии аксарияти ҳизбҳои сиёсӣ инъикос наёфтааст. Ин натиҷаи муносибати анъанавӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон ба масоили гендерӣ буда, нақш ва муносибати махсуси байни мардону занонро муайян мекунад. Аксари занон, ки аъзои ҳизб, номзад ва вакил ҳастанд, оид ба масъалаҳои марбут ба занон изҳори ақида намекунанд ва занонеро, ки дар ҳаёти сиёсӣ иштирок менамоянд, фаъолона дастгирӣ намекунанд. Аз ин рӯ занон нақши мушовир ё роҳбари наслҳои ояндаи занон-пешвоёни сиёсии эҳтимолиро иҷро накарда истодаанд.

### *Стратегияи инкишофи қобилият ва нерӯи занон - аъзои ҳизбҳои сиёсӣ*

Азбаски вазифаи муваффақ шудан ба баробарии гендерӣ дар ҳуҷҷатҳои ҳизбҳо ҳамчун масъалаи хос ба занон қайд шудааст, дар фаъолияти аксар ҳизбҳо кор бо занон ба таври анъанавӣ, чун самти ҷудогона, ки онро сохтори алоҳида анҷом медиҳад, ба роҳ монда шудааст. Дар ҲХДТ ба ин масъалаҳо Комиссияи кор бо занон машғул аст, ки фаъолияти он аз ташкил ва гузаронидани вохӯрӣ бо вакилон, доир намудани мизҳои мудаввар ва конференсияҳо оид ба масъалаҳои ҳалталаби рӯз, “мактаби занони роҳбар” ва чорабиниҳои фарҳангию таълимӣ иборат аст. ҲНИТ барои ҷалби бештари занон дар сафҳои худ ва тайёр кардани онҳо барои пеш бурдани фаъолияти сиёсӣ аҳамияти калон медиҳад. Ҳизб бюллетени ахборотӣ барои занон нашр менамояд. Дар давраи маъракаи интихоботӣ ба занон-номзадҳо кӯмаки молиявӣ (ба ҷои онҳо маблағи гарави интихоботиро пардохт мекунад) мерасонад. Заноне, ки дар ҳайати Шӯрои олии ҳизб ҳастанд, дар байни аъзои ҳизб корҳои зиёди ахборотию фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд.

Созмонҳои ғайридавлатӣ дар баррасии масъалаҳои гендерӣ дар фаъолияти ҳизбҳо бо роҳи гузаронидани маҳфилҳои мубоҳисавӣ бо иштироки намояндагони ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ, ташкил намудани тренингҳо ва семинарҳо таъсир мерасонанд.[47]

Вале то ҳол занон дар қабули қарорҳои муҳимми ҳизбӣ дар канор мондаанд. Бо сабаби номукаммал будани муқаррароти оиннома ва барномаҳо, фаъолияти амалии ҳизбҳо дар масъалаи баробарии гендерӣ, одатан на барои дастгирии сиёсати мувофиқ ва таҳияи барномаҳо, балки барои зиёд кардани иштироки занон (номзадҳо) дар интихобот ва мақомоти роҳбарикунанда, равона шудааст.

---

[46] Дар ҳамон ҷо, саҳ. 72-73.

[47] Осуществленные проекты Национальной Ассоциации политологов (1998-1999), НПО «Традиции и современность» (1999-2001), ОО «Женщины и избиратели» и др.

Бояд таъкид кард, ки иҷрои иқдомоти гузоштани қадами мақсаднок барои баланд бардоштани сатҳи иштироки занон дар равандҳои сиёсӣ зарур аст. Чунин иқдомот бояд аз баланд бардоштани имконоти занон-аъзои ҳизбҳои сиёсӣ иборат бошад ва онҳо тавонанд ташвишҳои умумӣ ва эҳтиёҷоти худро ба масъалаи сиёсӣ табдил диҳанд. Ҳамчунин маҳорати заруриро барои таъсир расондан ба мубоҳисаҳои сиёсӣ ба даст оранд.

Ба ғайр аз чанд истисно, дар ҳизбҳои сиёсӣ гурӯҳҳо ё шӯъбаҳои расмии занон (ба мисли кумитаи занон дар ҲХДТ) вуҷуд надорад. Аз як тараф гурӯҳҳои занон баъзан барои дар канор мондани масъалаи занон ё хориҷ кардани он аз рӯзномаи кории ҳизбҳо истифода мешаванд. Аз тарафи дигар дар сурати ба таври зарурӣ ташкил ва маблағгузорӣ намудан, гурӯҳҳои занон метавонанд ба василаи пешбурди таҷрибаи сиёсии занон ва ҷустуҷӯи ҳалли сиёсии масъалаҳои умумӣ табдил ёбанд.

То вақтҳои наздик ташаббусҳои байниҳизбӣ мушоҳида намешуд. Гурӯҳҳо ё фраксияҳое, ки аъзои ҳизбҳои гуногунро барои ҳалли масъалаҳои баробарии гендерӣ ва иштироки сиёсии занон ба ҳам муттаҳид намояд, низ вуҷуд надошт. Ташаббусҳои байниҳизбӣ метавонанд, ҳамон овозҳои стратегии “массаи критикӣ”-ро, ки барои ворид кардани масъалаҳои занон ба рӯзномаи кори ҳизбҳо ҳамчун авлавият заруранд, ташкил кунанд. Чанде пеш чунин платформаи байниҳизбӣ дар рафти семинар дар бораи абъоди инсонӣ дар мавзӯи “Нақши ҳизбҳо дар раванди сиёсӣ”, ки дафтари ДИДҲИ/САҲА дар Варшава 18-20 маи соли 2011 баргузор намуда буд, созмон дода шуд. Занони намоянда аз 8 ҳизби сиёсии Тоҷикистон дар семинари мазкур ин платформаро ҳамчун воситаи мубориза барои баробарии гендерӣ дар соҳаи сиёсат созмон доданд. Платформа ҳамчун механизм метавонад ба занон-аъзои ҳизбҳои сиёсӣ барои фишор овардан бар ҳизбҳои худашон имконият диҳад, то ки ба ҳалли масъалаҳои гендерӣ даст зананд. Ҳамчунин занон-аъзои ҳизбҳои сиёсиро барои пешбарӣ ба вазифаҳои интихобӣ дастгирӣ намоянд.[48] Чунин ташаббусҳо метавонанд форуми муҳимеро эҷод кунанд ва қобилияти ба рӯзномаи кории сиёсӣ дар соҳаи баробарии гендерӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ, ҳам дар дохили ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳам дар рафти маъракаҳои интихоботӣ таъсир расондан, дошта бошанд.

---

[48] См. пресс-релиз, опубликованный на сайте Бюро ОБСЕ в Таджикистане «В политике Таджикистана должно быть больше женщин, считают участники Семинара ОБСЕ в Варшаве», 20 мая 2011г.: http://www.osce.org/tajikistan/77965

# Боби 3. Иштироки занон дар интихоботҳои парлумонии солҳои 2000, 2005 ва 2010

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 10 декабри соли 1999 қабул гардида буд. Дар моҳи феврали соли 2000-ум интихоботи умумихалқии парлумонӣ шуда гузашт ва аввалин парлумони касбӣ-Маҷлиси Олӣ иборат аз ду палата-Маҷлиси намояндагон (палатаи поёнӣ) ва Маҷлиси миллӣ (палатаи болоӣ) интихоб карда шуд.

Таҳлили миқдории иштироки занон дар интихоботи соли 2000-ум нишон дод, ки аз 287 номзади аз ҳавзаҳои якмандатӣ пешбаришуда 29 нафарашонро занон ташкил медод. Ин каме бештар аз 10 фоизи шумораи умумии номзадҳоеро, ки бо роҳи худпешбарӣ пешниҳод гардида буданд, ташкил мекард. Аз шумораи умумии 214 номзад танҳо 22 нафар занон вакил интихоб гардиданд, ки он ҳам 10 фоизи шумораи умумии номзадҳоро ташкил медиҳад. Занон аз 41 ҳавзаи интихоботии якмандатӣ дар 4-тои он вакил интихоб гардиданд, ки ин қариб 10 фоиз мебошад.

### *Бақайдгирии номзадҳо, маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадии занон*

Интихоботи соли 2000-ум нишон дод, ки занони аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ пешбаришуда бештар ба муваффақият ноил гаштаанд. Ҳамаи 7 нафар заноне, ки аз ҳавзаҳои интихоботии якмандатӣ бо роҳи худпешбарӣ дар интихобот иштирок намудаанд, вале вакил интихоб нашуданд, номзадҳои мустақил буданд. Яъне онҳо аз ҷониби яке аз 6 ҳизби сиёсие, ки дар интихобот иштирок дошт, дастгирӣ наёфтанд. Вале дар умум ин нишондиҳандаи поймол кардани ҳуқуқ аз рӯи мансубияти ҷинсӣ набуд. Дар нисбати номзадҳо аз ҳисоби мардон низ ин нишондиҳанда фарқи зиёд надошт.

Соли 2004 бошад ба Қонуни мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, аз ҷумла гарави интихоботӣ муқаррар карда шуд:

*«Номзад ба вакили Маҷлиси намояндагон пеш аз бақайдгирӣ ва баъд аз муайян намудани мувофиқати ӯ ба талаботи Конститутсия ва Қонуни мазкур аз тарафи комиссияи ҳавзавии интихобот, аз маблағи шахсии худ ба суратҳисоби Комиссияи марказии интихобот ва райъпурсӣ ба миқдори 200 (дусад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо гарави интихоботӣ месупорад. Ҳизбҳои сиёсие, ки рӯйхати номзадҳоро ба вакили Маҷлиси намояндагон дар ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ пешниҳод намудаанд... аз маблағи худ ба суратҳисоби Комиссияи марказии интихобот ва райъпурсӣ мутаносибан ба ҳар номзади пешниҳодшуда 200 (дусад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо гарави интихоботӣ месупоранд » (моддаи 32, эзоҳи 1)*[49]

Ин дар амал маънои онро дошт, ки дар чунин шароити сатҳи пасти зиндагӣ, ки нисфи аҳолии Тоҷикистон дар сатҳи камбизоатӣ қарор дорад, маҳдудияти моликиятдорӣ ҷорӣ карда шавад. Ин маҳдудият бисёр одамони соҳибмаълумот, алалхусус занонро, ки назар ба мардон даромади ками молиявӣ доранд, аз ҳуқуқи интихоб шудан ба парлумони кишвар маҳрум мекунад. Бояд қайд кард, ки гарави интихоботии номзад танҳо дар сурати интихоб шуданаш ба вакилии Маҷлиси намояндагон баргардонида шуда ва гарави интихоботии ҳизбҳои сиёсӣ бошад дар сурати аз тарафи ҳизби сиёсӣ гирифтани на камтар аз панҷ фоизи овозҳои интихобкунандагони дар овоздиҳӣ иштироккарда ба ҳизби сиёсӣ баргардонида мешавад. Илова бар ин мувофиқи тағйиру иловаҳои нави қонун барои бақайдгирии номзадҳо пешниҳод намудани санадҳои иловагӣ, аз қабили маълумоти тиббӣ дар бораи солимии рӯҳӣ (моддаи 35) талаб карда мешавад, ки ин аз нуқтаи назари аксари коршиносон, на танҳо поймол кардани ҳуқуқи инсон, балки барои шаҳрвандон ва вакилон таҳқиркунанда низ мебошад. Умуман, аксарияти иловаҳои воридгардида мубориза рақобатнокро барои гирифтани ҷой дар Парлумон ва имкониятҳои баробари шаҳрвандони ҷумҳуриро барои интихоб шудан ба он хеле маҳдуд кард.

Муқаррароти мазкур, хусусан дар ҳолате, ки низоми боадолати маблағгузории давлатӣ барои ҳизбҳои сиёсӣ вуҷуд надорад, номутаносиб мебошад. Санади таҳиякардаи САҲА/ДИДҲИ ва Комиссияи Венетсиягӣ, *Роҳнамо оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ* номгӯи муфассали талаботҳоро дар бораи маблағгузории давлатии ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла барои занон-номзадҳо, пешбинӣ мекунад. Дар Роҳнамо қайд шудааст, ки *«ҷудо кардани маблағҳои давлатӣ барои ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи принсипи имконияти баробар барои ҳамаи номзадҳо баррасӣ шавад, бахусус вақте ки маблағгузории давлатӣ чорабиниҳои махсуси ба занон ва намояндагони ақаллиятҳои миллӣ пешбинишударо, дар бар гирад».* Дар сурати вуҷуд надоштани маблағгузории бевоситаи давлатии ҳизбҳои сиёсӣ, онҳо метавонанд занҳо-номзадҳоро бо роҳи супоридани гарави интихоботиашон (тавре ки ҲНИТ ин таҷрибаро истифода мекунад) мустақилона

---

[49] Гендерные вопросы и политические партии. Автор-составитель: Рабиева Г.Р.- Душанбе, 2009.- С. 88.

дастгирӣ намоянд. Инчунин мувофиқи муқаррароти банди 180-и Роҳнамо давлат метавонад ба занон-номзадҳо кӯмаки ғайримолиявӣ низ расонад:

*«Барои иштироки фаъолонаи занон дар интихобот, давлат метавонад шароити бепули нигоҳбинии кӯдакон фароҳам биёрад ё ба ҳамин монанд чораҳо пешбинӣ намояд. Ҳамчунин механизмҳои мақсадноки маблағгузориро барои дастгирии номзадҳое, ки ӯҳдадориҳои оилавӣ доранд, татбиқ намояд. Чунин шаклҳои ғайрианъанавии расонидани кӯмаки табиӣ барои таъмини иштироки пурарзиши занон дар ҳаёти сиёсӣ зарур аст».*[50]

## *Пешбарӣ намудани номзадҳо аз ҳисоби занон.*

Дар арафаи интихоботи соли 2005 ҲХДТ 100455 нафар аъзо дошт, ки аз он 33151 нафарашро занон ташкил медоданд. Анҷумани ҳизб 22 нафар номзад, аз ҷумла 8 нафар занонро (дертар як нафар номзадии хешро бозхост намуд) барои интихоботи парлумонӣ пешбарӣ кард. ҲКТ 55000 нафар аъзо дошт, ки бештар аз 20 фоизро занон ташкил медоданд. Барои номзад ба вакилӣ 10 нафар, аз ҷумла 2 нафар зан пешбарӣ карда шуд. ҲСДТ 5200 нафар аъзо дошт. Аз 21 нафар номзадҳои пешбаришуда 5 нафари онҳо занон буданд. ҲНИТзиёда аз 22000 нафар аъзо дошт, ки 40 фоизи онро занон ташкил медоданд. Ҳизб 21 нафар номзадҳоро пешбарӣ намуд ва 2 нафари онҳо аз ҷумлаи занон буданд. ҲДТ зиёда аз 4000 нафар аъзо дошт. Аз 17 нафар номзад 3 нафарро занон ташкил медоданд.[51]

---

50 Статья 180 Руководящих принципов регулирования деятельности политических партий: «Другие формы государственной поддержки», с. 70

51 Таджикистан: парламентские выборы 2005 г. Сборник по выборам.- Душанбе. 2004. С.36.

Ҷадвали 2
Пешбарии занон номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагон аз рӯи рӯйхати ҳизбҳо

| Ҳизбҳо | Интихоботи соли 2000 | | | Интихоботи соли 2005 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи умумии номзадҳо дар рӯйхати ҳизбӣ | Аз ҷумла занон | % | Шумораи умумии номзадҳо дар рӯйхати ҳизбӣ | Аз ҷумла занон | % |
| ҲХДТ | 21 | 6 | 28,6 | 21 | 8 | 38,0 |
| ҲНИТ | 15 | 4 | 26,7 | 15 | 2 | 13,3 |
| ҲКТ | 20 | 2 | 10,0 | 9 | 2 | 30,0 |
| ҲСТ | 18 | 2 | 11,1 | 5 | 1 | 20,0 |
| ҲДТ | 19 | 1 | 5,3 | 4 | 1 | 25,0 |
| Ҳизби “Адолат хоҳ” | 15 | 1 | 6,7 | – | – | – |
| ҲСДТ | – | – | – | 7 | 3 | 42,8 |
| | 108 | 16 | 14,8 | 61 | 17 | 27,8 |

Ҷадвали 3
Пешбарии занон номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагон аз рӯи рӯйхати ҳизбӣ пеш ва баъд аз ба қайд гирифтани номзадҳо

| Ҳизбҳо | Маълумоти пешакӣ (23 декабри соли 2004) | | | Маълумоти ниҳоии Комиссияи марказии интихобот (25 феврали соли 2005) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи умумии номзадҳо дар рӯйхати ҳизбӣ | Аз ҷумла занон | % | Шумораи умумии номзадҳо дар рӯйхати ҳизбӣ | Аз ҷумла занон | % |
| ҲХДТ | 22 | 8 | 36,4 | 21 | 8 | 38,0 |
| ҲНИТ | 21 | 2 | 9,5 | 15 | 2 | 13,3 |
| ҲКТ | 10 | 3 | 30,0 | 9 | 2 | 30,0 |
| ҲСТ | 12 | 3 | 25,0 | 5 | 1 | 20,0 |
| ҲДТ | 17 | 3 | 17,6 | 4 | 1 | 25,0 |
| Ҳизби “Адолатхоҳ” | – | – | – | – | – | – |
| ҲСДТ | 21 | 5 | 23,8 | 7 | 3 | 42,8 |
| | 103 | 19 | 18,4 | 61 | 17 | 27,8 |

Натиҷаи муҳимми комёбии занон дар интихоботи соли 2005 ба мисли соли 2000-ум ин тартиби ҷойгиршавии (рақами) занон дар рӯйхати ҳизбҳои сиёсӣ буд (нигаред ба ҷадвали 4). Мувофиқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳеҷ гуна ҳадди ҳисоб (квота) муқаррар карда нашудааст. Дар оинномаҳои ҳизбҳои сиёсӣ низ расман ҳадди ҳисоб дар муқоиса бо давлатҳои дигар, ки чунин таҷрибаи қонунгузорӣ доранд, ворид карда нашудааст.[52] Чуноне ки аз маълумоти ҷадвалҳои 4 ва 5 дида мешавад, ҳар як ҳизб дар Тоҷикистон аз рӯи салоҳдиди хеш амал мекунад. Дар рӯйхати ягон ҳизби сиёсӣ номи занон дар байни номзадҳои пешбаришуда дар аввал ворид карда нашудааст. Дар он принсипи намояндагии баробарии мардону занон, аз ҷумла дар аввали рӯйхати ҳизбӣ, риоя нагардидааст.

Ҷадвали 4.
Рақами занон-номзадҳо дар рӯйхати ҳизбҳо

| | Маълумот то 23 декабри соли 2004 | Маълумот то 25 феврали соли 2005 |
|---|---|---|
| ҲХДТ | 3, 8, 11, 13, 15, 17, 18, 20 | 3, 8, 11, 12, 14, 16, 17, 19 |
| ҲНИТ | 10, 13 | 10, 12 |
| ҲКТ | 7, 9, 10 | 8, 9 |
| ҲСТ | 3, 5, 8 | 4 |
| ҲДТ | 7, 10, 17 | 4 |
| ҲСДТ | 5, 7, 8, 19, 21 | 3, 4, 5 |

Маблағи гарони гарави интихоботӣ, ки барои ба қайд гирифтани номзадҳо талаб карда мешавад ва ҳамчунин умед надоштан ба ғалаба дар интихобот (имконияти гузаштани садди 5 фоиза) сабаб шуд, ки ҳизбҳои сиёсӣ (ба ғайр аз ҲХДТ) шумораи номзадҳояшонро дар рӯйхати ҳизбӣ хеле кам кунанд. Шумораи умумии занон-номзадҳо ҳам кам гардид. Ҳарчанд ба ҳисоби фоиз шумораи занони аз ҷониби ҳизбҳо пешбаришуда (ғайр аз ҲСТ) зиёд буд. (нигаред ба ҷадвали 5).

[52] Шветсия-квотаи ҳизбӣ ва аз соли 1994 - 40% намояндагии зану мард дар мақомоти роҳбарикунанда; Дания- ба занон 40% ҷойҳо дар ҳизбҳои сиёсӣ аз соли 1980; Белгия-квотаи қонунгузорӣ аз соли 2002 – дар интихоботи аввали баъди қабули қонун 3 ҷои аввал дар рӯйхати ҳизбӣ ба намояндагони як ҷинс дода намешавад, аз интихоботи оянда бошад он ба 2 ҷой дахл дорад; Олмон – 40-50% квотаҳои ҳизбӣ аз соли 1986.

Ҷадвали 5
Рақами занон-номзадҳо дар рӯйхати ҳизбҳо барои интихоботи парлумонӣ дар солҳои 2000 ва 2005

| | Интихоботи соли 2000 | Интихоботи соли 2005 |
|---|---|---|
| ҲХДТ | 3, 7, 10, 16, 18, 21 | 3, 8, 11, 12, 14, 16, 17, 19 |
| ҲНИТ | 7, 8, 14, 15 | 10, 12 |
| ҲКТ | 6, 13 | 8, 9 |
| ҲСТ | 4, 9 | 4 |
| ҲДТ | 12 | 4 |
| Ҳизби “Адолатхоҳ” | 6 | |
| ҲСДТ | – | 3, 4, 5 |

Аз 209 нафар номзадҳо, ки барои иштирок дар интихобот аз ҳавзаҳои интихоботии якмандатӣ ариза пешниҳод намуданд, аз ҷумла 21 нафар занон (10 нафар аз ҳизбҳои сиёсӣ ва 11 нафар ба тартиби худпешбарӣ), 168 нафар номзадҳо, аз ҷумла 17 нафар занон (10%), ба қайд гирифта шуданд. Дар интихобот 135 нафар номзадҳо ба вакилӣ, аз ҷумла 17 нафар занон (12,5%), иштирок намуданд. Мувофиқи маълумоти Комиссияи марказии интихоботии Тоҷикистон аксарияти ҷойҳоро дар Парлумони нав[53] ҳизби ҳоким (ҲХДТ) соҳиб гардид. ҲХДТ 17 ҷой (74,9%) аз рӯи рӯйхати ҳизбӣ ва 32 ҷой аз ҳавзаҳои интихоботии якмандатӣ ба даст овард. Дар палатаи поёнии Парлумони Тоҷикистон-Маҷлиси намояндагон ҲКТ -4 ҷой ё 13,64% (3 номзад аз рӯи рӯйхати ҳизбӣ ва як номзад аз ҳавзаи якмандатӣ), ҲНИТ- 2 ҷой (8,94%) ба даст оварданд. Дар маҷмӯъ 11 нафар занон вакил интихоб шуданд, ки ҳамаи онҳо аъзои ҲХДТ буданд. Ғайр аз ин панҷ нафар номзадҳои ғайриҳизбӣ, ки бо тартиби худпешбарӣ пешниҳод шуда буданд, вакил интихоб гардиданд. Се ҳизб, ки миқдори зарурии овозҳоро барои аз монеаи 5% гузаштан гирифта натавонистанд, яъне ҲДТ бо 1,73%, ҲСДТ бо 0,5% ва ҲСТ бо 0,3% дар Парлумон намояндагӣ надоштанд.

Дар интихоботи парлумонии соли 2005 дар байни номзадҳо ба вакилӣ 34 нафар зан пешбарӣ шуда буд, ки 15%-и шумораи умумии номзадҳоро ташкил медод. Аз онҳо 17 нафар зан аз рӯи рӯйхати ҳизбӣ (27,9% аз миқдори умумии номзадҳо) ва 17 нафар (10 фоиз аз шумораи умумии номзадҳо) аз ҳавзаҳои интихоботии якмандатӣ пешбарӣ шуда буд. Чун дар интихоботи гузашта, муваффақияти

---

[53] Дар кишвар ва берун аз он 2953 ҳавзаҳои интихоботӣ ташкил карда шуд, шумораи овоздиҳандагони бақайдгирифташуда 3 132 072 нафар, дар интихобот иштирок карданд 2 900 426 нафар, ё 92,6%. Дар интихобот 6 ҳизб: ҲХДТ, ҲКТ, ҲНИТ, ҲСДТ, ҲДТ, ҲСТ иштирок кард. Нозирони байналмилалӣ-445 нафар, нозирон аз ИДМ-209 нафар, нозирони САҲА-166 нафар, нозирони миллӣ-12 ҳазор нафар.

бештарро заноне, ки аз тарафи ҲХДТ пешбарӣ шуда буданд, аз рӯи рӯйхати ҳизбӣ (7 нафар) ва аз ҳавзаҳои якмандатӣ (4 нафар) ба даст оварданд. Аз ҳизбҳои дигар ягон нафар зан ба Парлумон вакил интихоб нагардид. Ҳиссаи занон дар Маҷлиси намояндагон 17%-ро ташкил дод. Занон аз 41 ҳавзаи интихоботии якмандатӣ дар 4 ҳавза ғолиб омаданд, ки ин 10%-ро ташкил намуд.

24 марти соли 2005 ҳамчунин интихоботи Маҷлиси миллӣ, палатаи болоии Парлумони кишвар доир гардид. Аз шумораи умумии 33 нафар вакилони интихобгардида, 4 нафарро (12%) занон ташкил карданд. Ҳамин тавр аз рӯи натиҷаҳои интихоботи ҳарду палатаи Маҷлиси Олӣ (Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон) занон 15,6%-ро ташкил доданд.

Ҷадвали 6.
Ҳайати вакилони сатҳҳои гуногун аз рӯи мансубияти ҷинсӣ (2005)

| | Шумораи умумии аъзоён | | Занон ба ҳисоби % | |
|---|---|---|---|---|
| | Мард | Зан | соли 2000 | апрели соли 2005 |
| Маҷлиси миллӣ | 30 | 4 | 11,7 | 11,8 |
| Маҷлиси намояндагон | 52 | 11 | 12,7 | 17,5 |
| Маҷлиси вакилони халқи вилоятӣ | 156 | 34 | 11,6 | 17,9 |
| Маҷлиси вакилони халқи шаҳрӣ | 563 | 93 | 15,4 | 14,2 |
| Маҷлиси вакилони халқи ноҳиявӣ | 1578 | 291 | 11,4 | 15,6 |

Умуман дар натиҷаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шумораи умумии номзадҳо барои иштирок дар интихоботи соли 2005 дар муқоиса ба интихоботи соли 2000-ум кам гардид. Шумораи номзадҳое, ки аз рӯи рӯйхати ҳизбӣ дар интихобот ширкат карданд аз 108 нафар номзад дар соли 2000-ум ба 61 нафар дар соли 2005 кам гардид. Дар ҳавзаҳои интихоботии якмандатӣ бошад ин таносуб аз 214 ба 135 нафарро ташкил дод, аз ҷумла шумораи занони аз ҳавзаҳои якмандатӣ ширкаткарда, аз 29 нафар (дар соли 2000-ум) ба 17 нафар (дар соли 2005) расид. Вале ягон ҳолати ошкоро поймолкунии ҳуқуқ аз рӯи мансубияти ҷинсӣ ба қайд гирифта нашуд. Баръакс, дар интихоботи соли 2005 занон, бахусус онҳое, ки аз тарафи ҲХДТ пешбарӣ шуда буданд, ба натиҷаҳои хуб ноил гаштанд. Аммо занон-номзадҳое, ки аз тарафи дигар ҳизбҳои сиёсӣ пешниҳод гардида буданд ва ё ҳамчун номзадҳои мустақил дар интихобот ширкат карданд, мисли интихоботи гузашта ноком гаштанд. Вале ин маънои поймолкунии ҳуқуқи онҳоро аз рӯи мансубияти ҷинсӣ надорад. Ин ҷо сабабҳои дигаре ҷой доранд, ки ба омилҳои сиёсӣ ва муборизаи дохилиҳизбӣ алоқамананд.

Аз рӯи натиҷаҳои тадқиқот «Аз баробарии ҳуқуқӣ ба баробарии амалӣ”, ки Эътилофи созмонҳои ғайридавлатӣ гузаронидааст, дар интихоботи соли 2010 “афзудани шумораи занон аз 34 ба 37 нафар дар байни ҳамаи номзадҳое, ки аз рӯи рӯйхати ҳизбҳо ва аз ҳавзаҳои якмандатӣ ба қайд гирифта шудаанд, дар муқоиса бо интихоботи соли 2005 ба мушоҳида мерасад. Аз ин 15 нафар номзадҳо аз рӯи рӯйхати ҳизбҳо ва 22 нафар аз ҳавзаҳои якмандатӣ пешбарӣ шудаанд”. Маълумотҳои дарҷгардида нишон медиҳанд, ки шумораи зиёди занон (13 нафар) аз тарафи ҲХДТ пешбарӣ шудаанд. Аз ҲНИТ бошад 7 нафар, аз ҲКТ, ҲИИТ ва ҲСДТ - 2 нафарӣ ва аз ҲСТ ва ҲАТ -1 нафарӣ занон пешниҳод карда шудаанд. Аз ҲДТ ягон номзад аз ҳисоби занон пешбарӣ нагардид. Бо тартиби худпешбарӣ 9 нафар зан, аз ҷумла 1 нафар узви ҲХДТ ва 1 нафар узви ҲАТ ба қайд гирифта шудаанд. (нигаред ба ҷадвали 7).

Ҷадвали 7.
Шумораи занон дар байни номзадҳои ба қайд гирифташуда ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ (соли 2010)

| **Ҳизбҳои сиёсӣ** | **Ҳамагӣ номзадҳо** | | | **Аз ҷумла, ҳамагӣ номзадҳо** | | **Аз ҷумла, ҳамагӣ занон** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳиссаи занон-номзадҳо | Тибқи рӯйхати ҳизбҳо | Аз ҳавзаҳои якмандатӣ | Тибқи рӯйхати ҳизбҳо | Аз ҳавзаҳои якмандатӣ |
| ҲХДТ | 72 | 13– 8,1% | 22 | 50 | 6 | 7 |
| ҲНИТ | 39 | 7 – 17,9% | 20 | 19 | 4 | 3 |
| ҲКТ | 19 | 2 – 10,5% | 9 | 10 | 1 | 1 |
| ҲАТ | 12 | 1 – 8,3% | 6 | 6 | 1 | – |
| ҲИИТ | 14 | 2 – 14,3% | 4 | 10 | – | 2 |
| ҲСТ | 3 | 1 – 33,3% | 3 | – | 1 | – |
| ҲСДТ | 9 | 2 – 22,2% | 7 | 2 | 2 | – |
| ҲДТ | 3 | – | 2 | 1 | – | – |
| Худпешбарӣ | 77 | 9 – 11,7% | – | 77 | – | 9 |
| | 248 | 37 – 14,9% | 73 | 175 | 15 – 20,5% | 22 – 12,6% |

Бояд қайд кард, ягон ҳизб ба сатҳи банақшагирифтаи 30% намояндагии занон дар байни шумораи умумии номзадҳо ноил нагардид. Яъне ба мақсади глобалӣ, ки Созмони Милали Муттаҳид барои намояндагии ҳадди ақали занон дар қабули

қарорҳо муқаррар кардааст, расида натавонист.[54] Алҳол баробарии гендерӣ дар сатҳи 40-60% муқаррар гардидааст.

Аз рӯи натиҷаҳои интихоботи парлумонӣ (соли 2010) "ҳамагӣ 15 нафар занон аз шумораи умумии 73 нафар номзадҳо (21%), ки аз рӯи рӯйхатҳои ҳизбҳо ба қайд гирифта шуда буданд, барои ба даст овардани 22 мандати имконпазир мусобиқа карданд. Дар 41 ҳавзаҳои интихоботии якмандатӣ дар байни 129 нафар номзадҳо 17 нафар занон (13%) буданд. Дар байни 63 нафар номзадҳои интихобшуда 13 нафарро занон (20,6%) ташкил доданд. Ҳафт нафари онҳо аз ҳавзаҳои интихоботии якмандатӣ ва шаш нафарашон аз рӯи рӯйхати ҳизбҳо пешбарӣ шуданд. Ҳамаи занони интихобшуда аъзои ҲХДТ мебошанд".[55] Маълумоти дар боло таҳлилгардида нишон медиҳад, ки шумораи заноне, ки ҳизбҳо барои иштирок дар интихобот пешбарӣ мекунанд, аз "тартиботи дохилиҳизбии пешбарӣ кардан ва интихоби номзадҳо" вобастагӣ дорад. Муқаррароти банди 113 *Роҳнамо оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ*, ки САҲА/ДИДҲИ ва Комиссияи Венетсиягӣ таҳия намудаанд, ба аҳамияти таъини номзадҳо ва интихоби тартиботи таъини онҳо аз ҳисоби занон таъкид ва ҳамчунин қайд мекунад, ки:

*"Он далелро бояд ба эътибор гирифт, ки ҳангоми интихоби номзадҳо ва муайян намудани ҷои онҳо дар рӯйхати интихоботӣ нақши асосиро бештар ҷамъиятҳои пӯшида ва алоқаҳои ба роҳ мондаи сиёсатмадорони шинохта мебозанд. Меъёрҳои мураттаб ва шаффофи интихоби номзадҳо зарур аст, то ки аъзоёни ба қарибӣ қабулкардаи ҳизб (аз ҷумла занон ва намояндагони ақаллиятҳои миллӣ) ҳам ба вазифаҳои роҳбарикунандаи он, ки дар сатҳи онҳо раванди таҳия ва қабули қарорҳо иҷро мешавад, роҳ дода шаванд. Тавсия дода мешавад, ки ҳамчунин намояндагии баробари мардону занон дар мақомоти ҳизбӣ, ки ба сиёсати кадрҳо ва пешбарии номзадҳо дар интихобот масъуланд, таъмин карда шавад".*[56]

Илова бар ин бо назардошти муҳиммии ҳизбҳои сиёсӣ барои пешниҳоди бомуваффақияти занон ба вазифаҳои интихобӣ зарур аст, ки ҳизбҳо ҳавасманд карда шаванд, то ки онҳо барои зиёд гаштани шумораи номзадҳо аз ҳисоби занон чораҳои дохилиҳизбӣ андешанд. Дар ҳолати муқаррар нагаштани квотаи гендерӣ дар қонунгузорӣ, ҷорӣ намудани квотаҳои ихтиёрии дохилӣ аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун воситаи муассир барои зиёд намудани шумораи заноне, ки барои иштирок дар интихобот пешбарӣ мешаванд, зарур мебошад. Дар банди 109 *Роҳнамо оид*

---

[54] Пекинская Декларация и Платформа действий: Четвертая Всемирная Конференция по положению женщин. Китай, 4-15 сентября 1995г. Источник: http://www.unifem.org/gender_issues/democratic_governance/facts_figures.php

[55] ОБСЕ/БДИПЧ, "Итоговый отчет Миссии по наблюдению за выборами-Республика Таджикистан, парламентские выборы, 28 февраля 2010," Варшава, 6 июля 2010.- http://www.osce.org/documents/odihr/2010/07/45213_ru.pdf

[56] Статья 113 Руководящих принципов регулирования деятельности политических партий: «Подбор руководящих кадров партии и кандидатов на выборы», с. 52

*ба танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ*, ки САҲА/ДИДҲИ ва Комиссияи Венетсиягӣ таҳия намудаанд, қайд гардидааст, ки чунин чораҳо набояд ҳамчун табъиз (дискриминатсия) ҳисобида шаванд. Баръакс, «ҷорӣ намудани квотаҳои ихтиёрӣ чораи намунавӣ аз тарафи ин ҳизбҳо мебошад ва ҳамчун воситаи таҳкими имкониятҳо бояд мусбат арзёбӣ карда шаванд". Квотаҳои ихтиёриро ҳамчунин метавон дар мақомоти роҳбарикунанда, комиссияҳои пешбарӣ ва интихоби номзадҳо низ ҷорӣ намуд, то ки шумораи занҳо дар мақомоти идоракунӣ, қабули қарорҳо ва роҳбарӣ зиёд гардад.[57]

## *Ҳукумат ва ташаббуси ҳизбҳои сиёсӣ барои зиёд намудани шумораи номзадҳо аз ҳисоби занон*

Гузаронидани маъракаҳои интихоботии соли 2010-уми интихоботи Маҷлиси намояндагон ва маҷлисҳои вакилони халқи маҳаллӣ таваҷҷуҳи зиёди мақомоти давлатиро барои таъмини иштироки занон дар интихобот нишон дод. Таъсири сиёсати ҳукумат дар бораи афзалият доштани баробарии гендерӣ бар ҳизбҳои сиёсӣ бояд сарфи назар карда нашавад. Фишор "аз боло" метавонад ҳизбҳои сиёсиро водор намояд, ки ба зан ҳамчун ба узви ҳизб, пешво ва номзад ба мақомоти роҳбарӣ ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир кунанд. Барои мисол дар конференсияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе дар қатори дигар масъалаҳо зарурати беҳтар гардонидани баробарии гендерӣ ва зиёд намудани шумораи занон дар маҷлисҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ то 30% ва аз он бештар, баррасӣ гардид. Бо ташаббуси ҲХДТ 6 нафар намояндагони СҒД-и занон, ки аъзои ҳизби сиёсӣ набуда, вале барои ҳалли масъалаҳои занон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа (ҳуқуқӣ, маърифатӣ, тандурустӣ) фаъолона иштирок мекунанд, номзад ба вакилии Маҷлисҳои вакилони халқи маҳаллӣ (шаҳрӣ ва ноҳиявӣ) пешбарӣ карда шуданд.

Хусусияти нав ва мусбии интихоботи охирин ин дар байни номзадҳои ба қайд гирифташуда ба вакилии Маҷлиси намояндагон, Маҷлисҳои вакилони халқи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ҳузур доштани намояндагони СҒД, аз ҷумла 10 нафар ( 6 нафар аз шаҳри Душанбе) аъзои Эътилофи созмонҳои ғайридавлатии "Аз баробарии ҳуқуқӣ ба баробарии амалӣ" буданд. (Нигаред ба ҷадвали 8). Занони Тоҷикистон дар созмонҳои ғайридавлатӣ иштироки фаъол доранд ва ин ҳамчун дигаргунии мусбӣ арэёбӣ мешавад. Малакаю маҳорате, ки занон ҳангоми кор дар сохтори ҷомеаи шаҳрвандӣ пайдо мекунанд, метавонад ба ташаккули малакаю маҳорати онҳо дар ҳаёти сиёсӣ зарур гардад.

---

[57] Статья 109 Руководящих принципов «Правила внутреннего распорядка партий», с. 51

Ҷадвали 8.
Намояндагии занон дар байни номзадҳои ба қайд гирифташуда ба вакилии Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он (соли 2010)

| Маҷлиси шаҳрӣ/ноҳиявӣ | Ҳамагӣ, номзадҳо пешбарӣ шуданд | Номзадҳо-занон | |
|---|---|---|---|
| | | Нафар | % |
| Маҷлиси вакилони халқи шаҳрӣ | 199 | 44 | 22,1 |
| Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Шоҳмансур | 85 | 29 | 34 |
| Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Сомонӣ | 75 | 24 | 32 |
| Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Фирдавсӣ | 72 | 22 | 30,6 |
| Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Сино | 110 | 27 | 24,5 |

Тавре ки натиҷаҳои интихоботи парлумонӣ нишон медиҳанд, аксарияти ҳизбҳо натиҷаи намоёну назарраси кор бо занон ва кӯшиши ба даст овардани баробарии гендерӣ дар қабули қарорҳоро надоранд. Бисёр ӯҳдадориҳое, ки дар барномаҳои пешазинтихоботӣ оид ба дастгирии занон, ҳимояи ҳуқуқҳо ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии онҳо изҳор мешаванд, дар амал дар рӯи коғаз мемонданд. Асосан ҳизбҳо аз рӯи чунин мавқеъ амал мекунанд, ки аввал бояд ба сари қудрат биёянд ва баъдан вазифаҳои дар пеш гузоштаашонро иҷро намоянд. Ҳол он ки баръакси он амал карда, ваъдаҳои додашударо дар ҳаёт татбиқ намуда, бо ин роҳ боварии интихобкунандагонро ба даст овардан лозим аст. Илова бар ин бояд иқрор шуд, ки на ҳамаи ҳизбҳо дорои захираҳои инсонӣ ва молиявии лозимӣ барои амалӣ намудани чораҳои зарурӣ ҳастанд, ки он ба баробарии гендерӣ мусоидат намояд. То ҳол ҳизбҳо ба шомил намудани занҳо дар рӯйхати интихоботии ҳизбҳо ва пешбарӣ кардани онҳо ба мақомоти роҳбарикунанда хоҳиши зиёд надоранд. Шояд роҳбарони ҳизбҳо иродаи сиёсии ворид намудани чунин дигаргуниҳоро надошта бошанд. Бо вуҷуди ин дар ҳисоботи мазкур як қатор тавсияҳо пешниҳод карда мешавад, ки ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд онҳоро барои таҳкими иштироки сиёсии занон дар фаъолияти худ истифода намоянд.

# Қисми 2: Хулоса

Омилҳои асосие, ки ба намояндагии занон дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон, аз ҷумла ба иштироки онҳо дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва интихоботи мақомоти иҷроияи ҳокимият таъсир мерасонанд, аз инҳо иборатанд:

- бартарӣ доштани иштироки мардон дар сохторҳои сиёсӣ ва табъизи пӯшида дар тақсимоти накшҳои мардона ва занона барои қабул ва иҷрои қарорҳо;
- сатҳи пасти огоҳии ҷомеа оид ба масъалаҳои гендерӣ;
- дастгирии нокифоя аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ ва воситаҳои ахбори омма;
- робитаҳои инкишофнаёфтаи сохторҳои давлатӣ бо созмонҳои гуногуни ғайридавлатӣ;
- санадҳои меъёрию ҳуқуқии нокифоя барои таъмини иштироки занон дар қабули қарорҳо, махсусан набудани механизмҳои иҷро ва назорати онҳо;
- суст будан ё ҳатто вуҷуд надоштани низоми тайёркунии кадрҳо аз ҳисоби занон;
- арзишҳои табъизӣ ва қолабҳое, ки занон нисбат ба худ ва дигар занон раво медонанд ва он имконияти зоҳир кардани ҳамраъйӣ, дастгирӣ ва муборизаи якҷояро халалдор месозад.

Барои он ки баробарии гендерӣ барои занон воқеан амалӣ гардад, яке аз ҳадафҳои асосии стратегӣ бояд муваффақ шудан ба иштироки баробари занон бо мардон дар фаъолияти мақомоти давлатӣ бошад. Берун будани занон аз сиёсати давлат ва қабули қарорҳо онҳоро аз имконияти пешниҳод ва ҳимоя намудани манфиатҳояшон дар он соҳаҳои инкишоф, ки мардон бартарӣ доранд, маҳрум мекунад.

# Қисми 3. Тавсияҳо

## 1. Асосҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва танзими фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон

а. Лағв кардани монополияи ҳокимият дар парлумон тавассути паст кардани ҳадди монеаи интихобот аз 5 то 3% бо мақсади ба парлумон роҳ ёфтани ҳизбҳои дигар пешбинӣ карда шавад.

б. Қоидаҳои дохилии ҳизбҳои сиёсӣ бояд ҳуқуқи иштироки ҳамаи аъзои ҳизбро дар баҳсу мунозираҳои дохилӣ ва раванди қабули қарорҳо кафолат диҳад.

## 2. Сохтори ташкилии ҳизбҳои сиёсӣ

а. Бо мақсади дохил намудани муқаррарот дар бораи он ки як шахс наметавонад вазифаи роҳбарии ҳизбро ба зиёда аз 2 мӯҳлати парлумонӣ ба дӯш дошта бошад, ба оинномаи ҳизбҳои сиёсӣ тағйирот ворид кардан зарур аст. Ин муқаррарот метавонад демократӣ будани фаъолияти дохили ҳизбҳо ва шаффофияти қабули қарорҳоро таъмин кунад.

## 3. Раванди интихобот ва фаъолияти парлумонии ҳизбҳои сиёсӣ

а. Кодекси ягонаи интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шавад ва он муқаррароти зеринро дар бар гирад: ба Комиссияи марказии интихобот ва райъпурсӣ додани ваколат барои ташкил ва назорати ҳамаи интихоботҳо дар Тоҷикистон; дар бораи ҳузури ҳатмии намояндагони хамаи ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳайати тамоми се сатҳи[58] комиссияҳои интихоботӣ; ба созмонҳои ҷамъиятӣ додани ҳуқуқи назорат аз болои интихобот; паст кардани таъсири мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ба раванди интихоботӣ. Мақомоти ташкилкунандаи интихобот бояд ба принсипҳои баробарӣ, бетарафӣ ва босалоҳият мувофиқ бошад.

б. Бояд аз низоми манфии овоздиҳӣ ба низоми мусбии овоздиҳӣ гузашта шавад. («Овоздиҳии манфӣ» ин тартиби овоздиҳии мажоритарӣ мебошад, ки дар он интихобкунандагон ба ҷои он ки ишораи худро дар муқобили номи номзад ё ҳизбе, ки ба онҳо овоз додан мехоҳанд, гузоранд, бояд дар рӯйхат ҳамаи номзадҳо ё ҳизбҳоеро, ки ба онҳо овоз додан намехоҳанд, ба истисnoи номзад ё ҳизби ягона, ки ба онҳо овоз додан мехоҳанд, пурра хат зананд. «Овоздиҳии манфӣ» бояд ба тартиби хеле маъмули овоздиҳӣ иваз карда шавад, ки интихобкунандагон дар бюллетен танҳо номзад ё ҳизберо, ки ба он овоз медиҳанд, ишора кунанд).

---

[58] Се сатҳ ин КМИР, комиссияҳои интихоботии ноҳиявӣ ва комиссияҳои интихоботии ҳавзавӣ мебошанд.

в. Бояд маблағи гарави интихоботӣ хеле кам карда шавад. Аз ҳад зиёд будани маблағи гарави интихоботӣ ин табъиз ба ҳисоб меравад ва ҳуқуқи дар интихобот иштирок кардани шаҳрвандонеро, ки маблағи кифояи молиявӣ надоранд, маҳдуд мекунад. Пешниҳод мешавад, ки ҳангоми бақайдгирии номзадҳо ва ҳизбҳо барои иштирокашон дар интихобот талаботи ғайрипулӣ васеъ истифода карда шавад.
г. Ба шахсоне, ки маълумоти олӣ надоранд, ҳуқуқ дода шавад, ки номзадиашонро ба вакилии парлумон пешбарӣ намоянд.
д. Ҳисобкунии овозҳо ва ҷамъбасти овоздиҳӣ бояд дар ҳузури на камтар аз 3 нафар нозирони миллӣ гузаронида шавад ва ба онҳо бояд протокол барои пур кардан дар бораи ҷамъбасти овоздиҳӣ дода шавад.

## 4. Маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ ва таъмини назорат аз болои фаъолияти онҳо

а. Давлат бояд ба ҳизбҳои сиёсие, ки аз рӯи натиҷаҳои овоздиҳии умумиҷумҳуриявӣ дар интихоботи Маҷлиси Олӣ на камтар аз 3% овоз гирифтаанд, кӯмаки молиявӣ расонад. Низоми тақсимоти маблағ дар байни ҳизбҳои сиёсӣ бояд бо риояи плюрализм ва дар ибтидои раванди интихобот сурат гирад, то ки ҳизбҳо дар тамоми давраи маъракаи интихоботӣ имкониятҳои баробар дошта бошанд.
б. Имконияти ҷудо кардани биноҳои давлатӣ ба тариқи имтиёзнок барои ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ дида баромада шавад. Ин як навъи дастгирии бавоситаи давлатӣ ё маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон шуда метавонад. Вале чунин дастгирӣ бояд дар асоси принсипи имкониятҳои баробар барои ҳамаи ҳизбҳо ва номзадҳо расонда шавад.
в. Ба Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ" барои дохил кардани муқаррароте, ки ташкил кардани мақоми мустақилро барои танзими маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ иҷозат медиҳад, бояд тағйирот ворид карда шавад. Мақоми мазкур ба талаботи баробарӣ, бетарафӣ ва босалоҳият бояд ҷавобгӯ бошад.
г. Дар Тоҷикистон гузаронидани мониторинги мустақил ва назорат аз болои маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ ва маъракаҳои интихоботӣ зарур аст. Чунин мониторинг бояд назорати мустақили ҳисоботҳои молиявии ҳизбҳои сиёсӣ ва хароҷоти онҳоро дар маъракаҳои интихоботӣ дар бар гирад.

## 5. Иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ

а. Таҳкими демократияи дохилиҳизбӣ метавонад барои иштироки сиёсии занон ба ҳайси аъзои ҳизб, роҳбар ва номзад ба вазифаҳои давлатӣ мусоидат кунад. Дар оинномаи ҳамаи ҳизбҳо бояд принсипи имкониятҳои баробари мардону занон муайян карда шавад. Ташкил намудани тартиботи возеҳ ва шаффоф барои пешбарӣ ва интихоби номзадҳо ҳам барои қабули занон ба узвияти ҳизб

ва ҳам барои пешбарӣ намудани онҳо ҳамчун номзади ҳизб барои иштирок дар интихобот бояд яке аз авлавиятҳои ҳизбҳои сиёсӣ бошад.

б. Чорабиниҳои махсуси муваққатӣ, аз қабили квотаҳои ҳизбӣ, метавонад барои ба занон додани имкониятҳои иловагӣ истифода шавад. Ба ҳизбҳо лозим аст, ки бо тавсияи Эътилофи созмонҳои ғайридавлатӣ лоақал номи як занро ба рӯйхати ҳизбӣ дар байни панҷ нафар номзадҳои аввали он барои интихобот дохил намоянд. Ғайр аз ин бояд намояндагии ҳар як ҷинс дар рӯйхат аз 70% зиёд набошад.

в. Ҳизбҳои сиёсӣ бояд барои инкишофи имкониятҳои занон ва огоҳии сиёсии онҳо, аз қабили расонидани кӯмаки молиявӣ ба гурӯҳҳои занон дар ҳизб ва инкишофи таҷрибаи занон дар соҳаи сиёсӣ (барои муайян кардани самти инкишофи платформаҳои ҳизбӣ ва устувор намудани мавқеи занон-номзадҳо дар раванди маъракаҳои интихоботӣ) ташаббус нишон диҳанд.

г. Чи қадаре ки мубоҳиса дар атрофи маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ идома меёбад, муҳим аст қаноатманд шуд, ки ба қадри кифоя таваҷҷуҳ ба масъалаи гендерӣ зоҳир карда шавад. Яке аз шартҳои маблағгузории давлатӣ расондани кӯмак ба ҳизбҳо дар иштироки занон ва дастгирии занон-номзадҳо шуда метавонад, ки ҳавасмандии бевоситаи ҳизбҳоро барои пешбарии занон ҳамчун номзадҳояшон ба вуҷуд биёрад.

д. Заноне, ки аъзои ҳизбҳои сиёсӣ ҳастанд, бояд дар самти имкониятҳои ҳамкории байниҳизбӣ барои ба рӯзномаи кории ҳизбӣ ва миллӣ гузоштани масъалаҳои афзалиятнок, мушкилот ва пешомадҳои худ кӯшиш кунанд.

е. Ҳамзамон, танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ бояд ба ҳизбҳои ақаллиятҳои миллӣ ва ҳизбҳои оппозитсионӣ ба қадри кифоя имконияти ба парлумон шомил шуданро таъмин намояд, то ки дар парлумон занон танҳо аз ҳизби ҳоким намоянда надошта бошанд.

ё. Вақте дар атрофи мақоми ташкилкунандаи интихобот сухан мекунем, бояд дар он намояндагии баробари занон мувофиқи қонун таъмин карда шавад.

ж. Ниҳоят, нақшаи корӣ барои амалӣ намудани «Стратегияи миллии баланд бардоштани фаъолияти занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» тасдиқ карда шавад ва ба Кумитаи кор бо занон ва оила лозим аст, ки дар мавзӯи «Нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар пешниҳод намудани занон ба вазифаҳои давлатӣ» як қатор муҳокимаҳои ҷамъиятӣ баргузор намояд.

# АДАБИЁТ


1. Ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Политические партии Республики Таджикистан. Political Parties of the Republic of Tajikistan. ОБСЕ, Душанбе. 2006.
2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (10 декабри соли 1999 ва 16 июни соли 2004)
3. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо”. Душанбе. 2005.
4. Гендерная статистика в Республике Таджикистан.- Душанбе, 1999.
5. См. пресс-релиз, опубликованный на сайте Бюро ОБСЕ в Таджикистане «В политике Таджикистана должно быть больше женщин, считают участники Семинара ОБСЕ в Варшаве», 20 мая 2011г.: http://www.osce.org/tajikistan/77965
6. Гендерные аспекты государственного управления: Обзорное мини-исследование. – Б.: 2004. С. 11.
7. Гендерные вопросы и политические партии. Автор-составитель: Рабиева Г.Р.- Душанбе, 2009 .
8. Женщины и мужчины РТ. Госкомитет статистики РТ. Душанбе. 2007.
9. Заключительные замечания Комитета по ликвидации дискриминации в отношении женщин: Таджикистан, CEDAW/C/TJK/CO/3, 2 февраля 2007 г.
10. ООН Конвенция о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин, 1979.
11. Куватова А.А. Анализ гендерной ситуации в сфере политики (на материалах исследований в Республике Таджикистан).- Известия АН РТ, 2005, №1-4, С.121-143.
12. ОБСЕ/БДИПЧ-Венецианская Комиссия, Руководящие принципы правового регулирования деятельности политических партий, 2010, http://www.venice.coe.int/docs/2010/CDL-AD(2010)024-e.asp
13. ОБСЕ/БДИПЧ, “Итоговый отчет Миссии по наблюдению за выборами-Республика Таджикистан, парламентские выборы, 28

февраля 2010," Варшава, 6 июля 2010.- http://www.osce.org/documents/odihr/2010/07/45213_ru.pdf
14. Оценка реализации Государственной Программы «Основные направления государственной политики по обеспечению равных прав и возможностей мужчин и женщин в Республике Таджикистан на 2001-2010 годы по результатам общественного мониторинга.- Душанбе, 2009.
15. Пекинская Декларация и Платформа действий: Четвертая Всемирная Конференция по положению женщин. Китай, 4-15 сентября 1995г. Источник: http://www.unifem.org/gender_issues/democratic_governance/facts_figures.php
16. Словарь гендерных терминов/Под ред. А.А. Денисовой. М., 2002.
17. Таджикистан на пути к гендерному равенству. – Душанбе, 2004.
18. Таджикистан: парламентские выборы 2005 г. Сборник по выборам.- Душанбе.
19. IFES, Public Opinion in Tajikistan 2010, Findings from an IFES Survey, *IFES*, February 5, 2010: http://www.ifes.org/Content/Publications/Survey/2010/Public-Opinion-in-Tajikistan-2010.aspx
20. IFES, Political Parties of the Republic of Tajikistan: An Overview, 2000: http://www.ifes.org/Content/Publications/Reports/2002/Political-Parties-in-Tajikistan-Facts-Figures-and-Analysis-Final-Draft.aspx
21. ЦРУ, World Factbook: Таджикистан, данные на 2000г., см: https://www.cia.gov/library/publications/the-world-factbook/geos/ti.html
22. Public Opinion in Tajikistan 2010, Findings from an IFES Survey, *IFES*, February 5, 2010, results available at: http://www.ifes.org/Content/Publications/Survey/2010/Public-Opinion-in-Tajikistan-2010.aspx
23. ОБСЕ/БДИПЧ, "Отчет Оценочной Миссии по выборам-Республика Таджикистан, парламентские выборы, февраль 2010," Варшава, 4 декабря 2009
24. Конвенция ООН против коррупции
25. Marcin Walecki, "Practical Solution for Spending Limits," in Eds. Magnus Ohman and Hani Zainulbhai, "Political Finance Regulation: The Global Experience," IFES, 2009
26. Конвенция о стандартах демократических выборов, избирательных прав и свобод в государствах-участниках Содружества Независимых Государств от 7 октября 2002 г. См: http://www.echr-base.ru/democratic_sng.jsp. Текст Конвенции на английском языке см.: http://www.venice.coe.int/docs/2006/CDL-EL(2006)031rev-e.pdf.
27. "Свод рекомендуемых норм при проведении выборов. Руководящие принципы и пояснительный доклад," Венецианская Комиссия. 30 октября 2002 года, Заключение № 190/2002, CDL-AD (2002) 23, стр. 40, доступный на http://www.venice.coe.int/docs/2002/CDL-EL(2002)005-e.pdf
28. Igor Munteanu, IDIS "Viitorul, "Political Parties Legislation in Moldova: Review and Recommendations for Reform," 2010

# Замима
# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон
# «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» (1998)

## БОБИ 1. ҚОИДАҲОИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Ҳуқуқи шаҳрвандон барои муттаҳид шудан ба ҳизбҳои сиёсӣ

Ҳуқуқи шаҳрвандон барои муттаҳид шудан ба ҳизбҳои сиёсӣ ба тариқи зайл ба амал бароварда мешавад:

- таъсис кардани ҳизбҳои сиёсӣ мувофиқи эътиқоди худ;
- ихтиёран дохил шудан ба ҳизбҳои сиёсӣ бо шарти эътироф намудани оинномаҳои онҳо аз ҷониби дохилшавандагон;
- иштирок кардан дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ мувофиқи мақсадҳои муайянкардаи барномаҳои онҳо ва тибқи шаклҳои муқарраркардаи оинномаҳои онҳо;
- озодона баромадан аз ҳизбҳои сиёсӣ.

### Моддаи 2. Ҳизби сиёсӣ

Зери мафҳуми ҳизби сиёсӣ чунин иттиҳодияи ҷамъиятие фаҳмида мешавад, ки вазифаи асосиаш иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ба воситаи ташаккул додани иродаи сиёсии шаҳрвандон ва инчунин ба амал баровардани ҳокимият ба воситаи намояндагони худ мебошад.

Мақсад ва вазифаҳои ҳизби сиёсӣ дар Оинннома ва Барномаи он, ки барои маълумоти умум интишор мешаванд, инъикос меёбанд.

## БОБИ II. ТАЪСИС ВА ФАЪОЛИЯТИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ

### Моддаи 3. Таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ҳизбҳои сиёсии ҷумхуриявӣ таъсис дода шуда метавонанд.

Ҳизбҳои сиёсӣ аз тарафи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон озодона, бидуни ҳеч як иҷозат дар анҷумани (конференсия, маҷлис) муассисон таъсис дода шуда, дар он оиннома қабул мегардад ва мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб ташкил карда мешавад.

Ҳизби сиёсӣ барои аз қайди давлатӣ гузаштан руйхати на камтар аз ҳазор нафар шаҳрвандони тарафдорашро, ки сокини аксарияти шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонанд, пешниҳод менамояд.

Ҳизб аз рӯзи ба қайди давлатӣ гирифта шуданаш шахси ҳуқуқӣ ҳисоб мешавад.

Баъди аз қайди давлатӣ гузаштан ҳизби сиёсӣ дар муддати 3 моҳ бояд дар аксарияти вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ташкилотҳои ибтидоӣ дошта бошад.

Дар бораи шаҳр, ноҳия ва санаи гузаронидани анҷумани (конференсияи, маҷлиси) муассисон, инчунин муқаррароти асосии Оинномаи ҳизб гурӯҳи ташаббускор оид ба таъсиси ҳизби сиёсӣ дар воситаи ахбори умум на дертар аз як моҳ пеш аз даъват карда шудани анҷумани (конференсияи, маҷлиси) муассисон хабар медиҳад.

Дар ҳудуди Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, аз он ҷумла сохторҳои он манъ аст.

### Моддаи 4. Маҳдудиятҳои таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ

Таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсие, ки мақсад ё амалашон ба зуран сарнагун кардани сохти конститутсионӣ ва ташкил намудани гурӯҳҳои мусаллаҳ равона гардидааст ва ё низои нажодӣ, миллӣ, маҳаллӣ, ичтимоӣ ва диниро тарғибу ташвиқ менамоянд, манъ карда мешавад.

Ҳизбҳои сиёсӣ ва аъзои он дар фаъолияти сиёсиашон ҳақ надоранд, ки аз ташкилотҳои динӣ истифода намоянд.

Дар мақомоти бехатарии давлатӣ, корҳои дохилӣ, прокуратура, гумрук ва мақомоти андоз, адлия, судҳо ва Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қушунҳо ва воҳидҳои ҳарбӣ, инчунин дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мактабҳои миёна ва олӣ таъсис додан ва фаъолият кардани ташкилоти ҳизбҳои сиёсӣ мумкин нест.

**Моддаи 5. Узвият дар ҳизби сиёсӣ**

Узвият дар ҳизби сиёсӣ танҳо дар асоси майли ихтиёрии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст.

Судьяҳо, прокурор, хизматчиёни ҳарбӣ, коркунони мақомоти корҳои дохилӣ, амният, полиси андоз, гумрук ва адлия, инчунин шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрванд аъзои ҳизби сиёсӣ шуда наметавонанд.

Ҳизбҳои сиёсӣ фақат узвияти шахсии сабтшуда доранд. Шаҳрвандони синнашон ба 18 расида аъзои ҳизб шуда метавонанд.

**Моддаи 6. Оинномаи ҳизби сиёсӣ**

Оинномаи ҳизб бояд қоидаҳои зеринро дар бар гирад:
1) дар бораи ном, мақсад ва вазифаҳои ҳизби сиёсӣ;
2) дар бораи сохтори ҳизби сиёсӣ ва мақомоти он;
3) дар бораи шартҳо ва тартиби пайдо ва гум кардани узвияти ҳизб, дар бораи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои аъзои ҳизби сиёсӣ;
4) дар бораи баробарҳуқуқии аъзои ҳизби сиёсӣ;
5) дар бораи мувофиқати фаъолият ва мақсади ҳизби сиёсӣ бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
6) дар бораи тартиби интихоб ва салоҳиятҳои мақомоти роҳбарикунандаи ҳизби сиёсӣ, мӯҳлати ваколати онҳо ва ҷои воқеияти он;
7) дар бораи ошкоро будани тамоми фаъолияти ҳизб ва мақомоти он;
8) дар бораи тартиби қабул ва дохил намудани тағйирот ба Оинномаи ҳизб;
9) дар бораи амвол ва воситаҳои моддии ҳизби сиёсӣ, сарчашмаҳои бо пул таъминкунӣ ва фаъолияти хоҷагии вай;
10) дар бораи рамзи ҳизб (агар он бошад);
11) дар бораи тартиби қатъи фаъолияти ҳизб, азнавташкилкунии фаъолияти ҳизб;
12) дар бораи ҳаллу фасли баҳсҳои оид ба молу мулк, ки бо қатъ гардидани фаъолияти ҳизб алоқаманданд;
13) дар бораи интихобӣ ва ҳисоботдиҳанда будани мақомоти ҳизби сиёсӣ.

Дар оиннома мумкин дигар қоидаҳое низ мавҷуд бошанд, ки ба фаъолияти ҳизби сиёсӣ дахл доранд.

Қабули оиннома, барномаи ҳизби сиёсӣ, пешбарии номзадҳо аз ҳамин ҳизби сиёсӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳаллу фасли дигар масъалаҳои бағоят муҳими ҳаёти ҳизби сиёсӣ аз рӯи қарори анҷуман, конференсия ва пленум, маҷлис ва ё аз рӯи натиҷаҳои раъйпурсии (пурсиши) аъзои ҳизб сурат мегирад.

**Моддаи 7. Бақайдгирии давлатии ҳизби сиёсӣ**

Бақайдгирии давлатии ҳизби сиёсиро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебарорад. Барои қайди давлатии ҳизби сиёсӣ ба мақоми бақайдгиранда дар мӯҳлати як моҳ ариза дода мешавад, ки онро бояд шахсе имзо кунад, ки ба ӯ анҷумани (конференсияи, маҷлиси) муассисони ҳизби таъсис додашаванда бо нишон додани суроғаи ҳуқуқии мақоми роҳбарикунанда ваколат додааст. Ба ариза ғайр аз оиннома иқтибос аз протоколи анҷумани (конференсияи, маҷлиси) муассисоне, ки оинномаро қабул кардааст, руйхати камаш даҳ нафар иштирокчиёни маҷлиси муассисон бо нишон додани маълумоти шиносномаҳо ва маҳалли зисташон бо замимаи як нусха нашрияи васоити ахбори умум, ки дар он дар бораи ҷой ва санаи гузаронидани анҷумани (конференсияи, маҷлиси) муассисон, инчунин дар бораи қоидаҳои асосии Оинномаи ҳизби сиёсӣ хабар чоп гардидааст, ҳуҷҷати бонкие, ки супоридани боҷи давлатиро оиди бақайдгирии хизб тасдиқ мекунад ва руйхати ҳазор нафар аъзоёни ҳизб мувофиқи банди 3 моддаи 3-юми ҳамин қонун низ ҳамроҳ, карда мешаванд.

Ба мақоми бақайдгиранда манъ карда мешавад, ки аз ҳизб пешниҳод кардани дигар ҳуҷҷатҳоеро, ки дар қисми дуюми ҳамин банд зикр нашудааст, талаб намояд.

Мақоми бақайдгиранда ҳизби сиёсиро дар давоми як моҳи пешниҳод карда шудани ҳуҷҷатҳо ба қайди давлатӣ мегирад. Вайрон кардани мӯҳлати нишон додашуда мумкин нест.

Тағйирот ва иловаҳое, ки дар Оинномаи ҳизби сиёсӣ дохил карда мешаванд, бояд аз тарафи худи ҳамон мақом ва дар худи ҳамон мӯҳлатҳои бақайдгирии давлатии худи ҳизб ба қайди давлатӣ гирифта шаванд.

Барои ба қайдгирии давлатии ҳизби сиёсӣ, тағйирот ва иловаҳое,ки ба оинномаи вай дохил карда мешаванд, тибқи тартиб ва андозаҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд, боҷи бақайдгирӣ ситонда мешавад.

Ҳуҷҷате, ки воқеияти бақайдгирии давлатии ҳизби сиёсӣ, инчунин ба феҳристи давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дохил намудани онро тасдиқ менамояд, шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии он мебошад.

Аз ҳизби сиёсӣ талаб кардани кадом як ҳуҷҷатҳои дигаре, ки воқеияти бақайдгирии давлатии онро тасдиқ менамоянд, манъ аст.

Ҳизби сиёсӣ аз рӯзи бақайдгирии давлатии он ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро пайдо мекунад.

**Моддаи 8. Сохторҳои ҳизби сиёсӣ**

Сохторҳои маҳаллии ҳизби сиёсӣ тибқи тартибе, ки Оинномаи ҳизби сиёсӣ муқаррар менамояд, таъсис дода мешаванд.

Мақоми роҳбарикунандаи ҳизби сиёсӣ баъди таъсиси сохтори ҳизб дар ноҳия, шаҳр ва вилоятҳо мақомоти ҳокимияти маҳаллиро ба таври хаттӣ хабардор менамояд.

**Моддаи 9. Асосҳо барои рад кардани бақайдгирии давлатии ҳизби сиёсӣ**

Бақайдгирии давлатии ҳизби сиёсӣ дар асосҳои зайл мумкин рад карда шавад:
- агар муқаррароти оинномаи вай ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамин Қонун ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф бошад;
- агар оинномаи ҳизб ба талабҳои моддаи 6 ҳамин Қонун мувофиқат накунад;
- агар талабҳои қисми дуюми моддаи 3 ва қисми панҷуми моддаи 7 ҳамин Қонун иҷро карда нашуда бошанд;
- агар бо худи ҳамин унвон ва ё бо худи ҳамин рамз оинномаи ҳизби дигар пештар ба қайд гирифта шуда бошад;
- агар суроғаи ҳуқуқии мақоми роҳбарикунандаи ҳизб берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

Раддияи асосноки бақайдгирии Оинномаи ҳизби сиёсӣ дар шакли хаттӣ дода мешавад ва аз он ба суд шикоят кардан мумкин аст.

## БОБИ III. ҲУҚУҚИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ВА ШАКЛҲОИ НАЗОРАТ БА ФАЪОЛИЯТИ ОНҲО

**Моддаи 10. Ҳуқуқ ва вазифаҳои ҳизбҳои сиёсӣ**

Ҳар ҳизб бо тартиби пешбиникардаи қонун ҳақ дорад:
- номзадҳоро ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба мақомоти интихобии ҳокимияти давлатӣ пешбарӣ намояд;
- дар тайёрӣ ва гузаронидани раъйпурсиҳо ва интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ иштирок намояд;
- дар гурӯҳҳои доимӣ ё муваққатии вакилон муттаҳид шавад ва дар мақомоти намояндагӣ дигар иттиҳодияҳо барпо намояд:
- маълумотро дар бораи фаъолияти худ ба таври шифоҳӣ, хаттӣ ва дар шаклҳои дигар озодона интишор намояд, мақсад ва вазифаҳои худро тарғибу ташвиқ кунад, ҳуҷҷатҳои барномавии худро дошта бошад;
- нашриётҳо ва васоити ахбори умумии худро таъсис диҳад;
- аз васоити давлатии ахбори умум, аз он ҷумла матбуот, радио ва телевизион истифода намояд;

- маҷлисҳо, митингҳо, намоишҳо ва дигар чорабиниҳои оммавиро мувофиқи қонунҳои ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронад;
- бо ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои сиёсии хориҷӣ робита ва алоқаҳои байналхалқӣ муқаррар намояд ва онҳоро дастгирӣ кунад;
- ба иттифоқҳои байналхалқӣ ва ассосиатсияҳо дохил шавад;
- мувофиқи мақсад ва вазифаҳои оинномавии худ шӯъбаҳо ва намояндагиҳо ташкил намояд;
- мувофиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи худ фаъолияти хоҷагӣ, молиявӣ ва дигар фаъолиятро ба амал барорад;
- бо дигар ҳизбхои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттифоқ бандад, муносибатҳои шартномавӣ барқарор кунад;
- ҳизбҳои сиёсӣ ҳар сол ба Вазорати адлия дар бораи давом додани фаъолият ва қароргоҳи худ ахборот пешниҳод менамоянд.

**Моддаи 11. Амволи ҳизби сиёсӣ**

Амволи зерин моликияти ҳизби сиёсӣ шуда метавонанд: биноҳо ва иншоотҳо, фонди манзил, таҷҳизот ва асбобу анҷом, матбаа, маблағҳо ва инчунин дигар амволе, ки барои таъмини фаъолияти вай зарур буда, онро оинномаҳо ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд.

Амволи ҳизби сиёсӣ фақат барои ба амал баровардани мақсад ва вазифаҳои ҳизб истифода мешавад.

Ҳизби сиёсӣ ҳар сол дар бораи вазъияти моддии ҳизб маълумот чоп мекунад.

**Моддаи 12. Маблағҳои ҳизби сиёсӣ**

Маблағҳои ҳизби сиёсӣ аз инҳо ба вуҷуд меоянд:
- ҳаққи дохилшавӣ ва ҳаққи узвият, агар онҳоро оинномаи ҳизб пешбинӣ карда бошад;
- хайрияҳои ихтиёрӣ;
- мадохил аз гузаронидани лексияҳо, намоишгоҳҳо ва дигар чорабиниҳо (мувофиқи оинномаҳо);
- даромад аз фаъолияти нопирӣ ва дигар фаъолияте, ки ба мақсад ва вазифаҳои оинномавӣ мувофиқ аст;
- дигар воридоте, ки қонунҳо манъ накардаанд.

**Моддаи 13. Ёрии моддӣ барои эҳтиёҷоти ҳизби сиёсӣ**

Ҳизби сиёсӣ ҳақ, дорад дар шакли амвол ва маблағ **аз** ашхоси воқеӣ, корхона ва ташкилотҳо, идтиҳодияҳои ҷамъиятӣ, бунёдҳо ва дигар ашхоси ҳуқуқии ғайридавлатӣ ёрии моддӣ қабул намояд.

Ёрии моддӣ аз корхонаю ташкилотҳои зайл манъ аст:
- ташкилотҳои хайрия ва динӣ;
- корхонаю ташкилотҳои давлатӣ, инчунин корхонаю ташкилотҳое, ки дар онҳо давлат саҳм дорад;
- давлат, шаҳрвандон, корхонаҳо ва ташкилотҳои хориҷӣ, инчунин корхонаҳое,ки дар онҳо кишварҳои хориҷӣ саҳм дорад;
- ашхоси беном;
- ҳизбҳои сиёсие, ки бо ҳизби ёрии молиявӣ расондашаванда муттаҳид нестанд.

**Моддаи 14. Фаъолияти хоҷагии ҳизби сиёсӣ**

Ҳизби сиёсӣ мувофиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи худ дар қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои хоҷагӣ, музди меҳнати кормандони ҳизб, истифодаи захираҳои молиявӣ ва моддӣ мустақил мебошад.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити молиявӣ ва моддӣ барои ба амал баровардани мақсаду ҳуқуқҳои оинномавие, ки моддаи 10 ҳамин Қонун собит намудааст, ҳизби сиёсӣ ҳақ дорад тибқи тартиби муқаррар кардаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон корхона ва ташкилотҳо барпо намояд.

**Моддаи 15. Дастгирии ҳизби сиёсӣ аз ҷониби давлат**

Мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳизби сиёсиеро, ки ба қайд гирифта шудааст, ба таври зерин дастгирӣ менамоянд:
- таъмини дастрасии баробар ба воситаҳои давлатии ахбори умум;
- таъмини имкониятҳои баробар барои гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ.

Дар сурати боздоштани фаъолияти ҳизб дар асоси муқаррароти моддаи 21 ҳамин Қонун дастгирии давлат муваққатан қатъ карда мешавад.

Дар сурати манъ карда шудани фаъолияти ҳизби сиёсӣ дастгирии давлатӣ **аз** рӯзи эътибор пайдо кардани қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи манъ карда шудани фаъолияти ҳизб қатъ мегардад.

**Моддаи 16. Назорати фаъолияти молиявии ҳизби сиёсӣ**

Мақоми роҳбарикунандаи ҳизб ӯҳдадор аст ҳисоботи молиявиро дар бораи сарчашмаҳо, андоза ва харҷи маблағҳое.ки ба хазинаи ҳизб дар давоми соли ҳисоботӣ ворид гардидааст, инчунин дар бораи амволи ҳизб ва пардохти андозҳо интишор намояд.

Ҳисоботи молиявии ҳизби сиёсиро мақомоти дахлдори идораи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тафтиш мекунад.

## БОБИ IV. ИШТИРОКИ ҲИЗБИ СИЁСИ ДАР ИНТИХОБОТ

### Моддаи 17. Шаклҳои иштироки ҳизб дар интихобот

Ҳизб дар интихобот ба таври зайл иштирок менамояд:

- мустақил;
- бо дигар хизби сиёсӣ мувофиқатномаи пеш аз интихоботӣ мебандад;
- бо дигар ҳизбҳои сиёсӣ ба иттифоқҳои интихоботӣ дохил мегардад. Ҳизб тибқи қонунгузорӣ дар бораи интихобот ҳақ дорад:
- мустақилона ва ё аз номи иттифоқҳои интихоботӣ номзадҳо пешбарӣ намояд;
- бо риояи шартҳои баробар ташвиқоти пеш аз интихоботӣ барад;
- ба рафти интихобот назорат кунад ва бо тартиби муқарраркардашуда натиҷаҳои онҳоро муайян намояд;
- дар комиссияҳои интихоботӣ метавонад намояндагӣ кунад;
- ба воситаҳои давлатии ахбори умум ва инчунин ба воситаҳои ахбори умум бо иштироки давлат баробар дастрас бошад.

### Моддаи 18. Иштироки ҳизби сиёсӣ дар иттифоқҳои интихоботӣ

Баъди ба қайд гирифтани иттифоқҳои интихоботӣ аз тарафи комиссияҳои дахлдори интихоботӣ ҳизбе, ки номзадҳои худро тибқи руйхати иттифоқи интихоботӣ пешбарӣ мекунад, ҳак надорад номзадҳои худро мустақилона ва ё тибқи руйхати дигар иттифоқи интихоботӣ дар ҳамон сатҳ пешбарӣ намояд, агар дар шартнома шарти дигаре пешбинӣ карда нашуда бошад.

### Моддаи 19. Гурӯҳҳои ҳизбӣ дар мақомоти намояндагӣ

Гурӯҳҳои ҳизбӣ дар мақомоти намояндагӣ мувофиқи асноди меъёрие, ки тартиби фаъолияти ин мақомотро муайян менамоянд, ташкил меёбанд ва амал мекунанд.

## БОБИ V. БОЗДОШТАН, ҚАТЪ КАРДАН ВА МАНЪ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ҲИЗБИ СИЁСӢ

### Моддаи 20. Боздоштани фаъолияти ҳизби сиёсӣ

Дар сурати аз тарафи ҳизби сиёсӣ вайрон карда шудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин гирифтани ёрии иқтисодию сиёсӣ аз кишварҳои хориҷӣ, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қатъ намудани фаъолияти ғайриқонунӣ огоҳинома мебарорад. Агар ҳизб дар мӯҳлати даҳ рӯз талабҳоро дар бораи қатъ

намудани фаъолияти ғайриқонунӣ иҷро накунад, фаъолияти вай мумкин аст бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мӯҳлати то шаш моҳ боздошта шавад.

**Моддаи 21. Оқибатҳои боздошта шудани фаъолияти ҳизби сиёсӣ**

Дар сурати боздошта шудани фаъолияти ҳизб ба мӯҳлати муқарраркардаи моддаи 20 ҳамин қонун ҳуқуқаш, ҳамчун муассиси васоити ахбори умум боздошташуда, ба вай манъ карда мешавад, ки аз мақоми (статуси) шахси ҳуқуқӣ истифода барад, митингу намоишҳо ва дигар чорабиниҳои оммавӣ ташкил намояд, дар интихобот иштирок кунад, аз маблағҳои бонк истифода барад, ба истиснои ҳисобу китоб оид ба фаъолияти хоҷагӣ ва шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатӣ, пардохти товони зарарҳое, ки аз амалиётҳои вай расидааст ва пардохти ҷаримаҳо.

**Моддаи 22. Қатъ кардани фаъолияти ҳизби сиёсӣ**

Фаъолияти ҳизби сиёсӣ мумкин бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи манъи фаъолияти он, инчунин ба тариқи аз нав ташкил намудан ва ё барҳамдиҳӣ қатъ карда мешавад.

**Моддаи 23. Асосҳои манъ кардани фаъолияти ҳизби сиёсӣ**

Асосҳои аз тарафи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудани фаъолияти ҳизби сиёсӣ чунинанд:

- фаъолияти ҳизби сиёсӣ, ки қисми якуми моддаи 4 ҳамин қонун манъ кардааст;
- фаъолияти ғайриқонунии ҳизби сиёсӣ баъди бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи моддаи 20 ҳамин қонун манъ намудани фаъолияти он.

**Моддаи 24. Қарор дар бораи манъ намудани фаъолияти ҳизби сиёсӣ**

Дар бораи манъ намудани фаъолияти ҳизби сиёсӣ дар асоси қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва танҳо дар заминаи пешбиникардаи моддаи 23 ҳамин Қонун қарор қабул кардан мумкин аст.

**Моддаи 25. Қатъ намудани фаъолияти ҳизб ба тариқи аз нав ташкилкунӣ ва ё барҳамдиҳӣ**

Фаъолияти ҳизби сиёсӣ мумкин бо роҳи аз нав ташкилкунӣ (якҷоякунӣ, ҳамроҳкунӣ, тақсимкунӣ) ва ё барҳамдиҳӣ қатъ карда шавад. Қарорро дар бораи аз нав ташкилкунии ҳизб мақоми олии роҳбарикунандаи ҳизб қабул менамояд.

Оинномаи ҳизби сиёсие, ки баъди аз нав ташкилкунӣ таъсис дода шудааст, бо тартиби муқарраркардаи моддаи 7 ҳамин Қонун ба қайд гирифта мешавад.

Ҳизби сиёсӣ мувофиқи оинномаи он бо роҳи худпарокандакунӣ барҳам дода мешавад.

**Моддаи 26. Оқибатҳои қатъ карда шудани фаъолияти ҳизб**

Амволи ҳизби сиёсие, ки фаъолияти худро қатъ кардааст, баъд **аз** қонеъ гардонда шудани даъвоҳои амволӣ ба мақсадҳои зерин равона карда мешавад:

- дар сурати барҳам дода шудан - ба мақсадҳои пешбинӣ кардаи оинномаи ваӣ;
- дар сурати манъ карда шудан - аз рӯи қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар сурати азнавташкилкунӣ - ба моликияти иттиҳодияи ҷамъиятие дода мешавад, ки вориси ҳуқуқи ҳизби сиёсие мебошад, ки фаъолияти худро қатъ кардааст.

Қатъ гардидани фаъолияти ҳизби сиёсӣ боиси аз феҳристи давлатии дахлдори иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ хориҷ намудани ҳизб, бекор кардани шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии ҳизби сиёсӣ ва гум кардани ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ мегардад.

Ислоҳоти танзими фаъолияти ҳизбхои сиёсӣ ва қонунгузорӣ баррасии масъалаҳои муҳиммеро аз қабили маблағгузорӣ, демократияи дохилиҳизбӣ, иштироки занон дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ, бақайдгирӣ ва назорати ҳизбхои сиёсиро тақозо мекунад. Коршиносон Абдуғанӣ Мамадазимов ва Алла Куватова дар якҷоягӣ бо Ассотсиатсияи миллии сиёсатшиносони Тоҷикистон (АМСТ) масоили Танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иштироки занон дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистонро таҳқиқ ва омода намудаанд, ки дар он таҳлили амиқи масъалаҳои ҷойдошта дар асосҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ баррасӣ гардидааст. Ин омӯзиш ҳамчунин тавсияҳоро барои ислохот пешниҳод менамояд, ки ба таҷриба ва меъёрҳои созмонҳои байналмилалӣ ва САҲА асос ёфтаанд.

Ассотсиатсияи миллии сиёсатшиносони Тоҷикистон (АМСТ) созмони ғайридавлатӣ буда, соли 1994 таъсис ёфтааст ва дар сафҳои худ донишмандон ва коршиносони сиёсию иҷтимоиро аз доираҳои илмӣ ва марказҳои таҳлилӣ муттаҳид менамояд. АМСТ масоили асосии илмҳои сиёсиро дар соҳаҳои демократикунонии институтҳои сиёсии давлат, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва фарҳанги сиёсӣ дар ҷомеа мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Ин нашрия бо дастгирии Дафтари институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон ДИДҲИ/САҲА ба чоп расидааст. Фикру мулоҳизаҳо ва маълумоти дар нашрияи мазкур овардашуда баёнгари ҳатмии принсип ва мавқеи ДИДҲИ намебошад.